**ГУЛРУХСОР**

# Зан ва ҷанг

# ГУЛРУХСОР

# ЗАН ВА ҶАНГ

Бишкек. 2003.

Номи китоб………….. Зан ва Ҷанг.
Муаллиф………………..Гулрухсор.( Г. Сафӣ. )
Матнбандӣ…………………………..… Р. Шералӣ.
Чопи дувум……………………………………..
Чопи аввал…..…………………….. соли 2001.
Шумора…………………………………… 1 500

ГУЛРУХСОР. ( Г. САФӢ )
ЗАН ВА ҶАНГ.
Бишкек. 2003, 200 саҳ.

Китоби “ ЗАН ВА ҶАНГ”- и **Шоири Халқии Тоҷикистон** *ГУЛРУХСОР* гуфтугӯ, дарди дил, нолишу ниёиши бонувон, шоҳидон-шаҳидони ночору бечораи ҷанги шаҳрвандист.

*ГУЛРУХСОР* дар баёни даҳшату ваҳшати ин фоҷиа доварӣ ва ҳукмгузориро ба худ иҷоза надодааст, зеро бар он аст, ки иштирокчиёни ночори ин сангари бидуни ғолиб, ҳама қурбонианд.

Муаллиф дарки мантиқии воқеа ва баҳогузории онро ба таърих ҳавола кардааст, зеро ҳукми ин довари ҳақнигору беғаразро ҳич додгоҳ бекор карда наметавонад.

*Чопи дуввуми китоби мазкур бо андаке таҳрир аз ҷониби муаллиф нашр шуд.*

( С ) ГУЛРУХСОР. ( Г. САФӢ )
( С ) Бишкек. 2003.

*ШАҲИДОНРО БА ХОК НА,*
*БА ХОТИРА БИСУПОРЕД!*

**КИТОБИ ШОҲИДОН ВА ШАҲИДОН**

Чопи дуввуми ин китоб бо кумаки Хазинаи рушди демократия дар назди Сафорати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико имконпазир гардид.

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики худованд бадӣ нест фаромӯшт.
Ин теғ на аз баҳри ситамкорӣ карданд,
Ангур на аз баҳри набиз аст ба чархушт.
Исо ба раҳе дид яке кушта фитода,
Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сари ангушт.
Гуфто, ки: " Киро куштӣ, то кушта шудӣ зор.
То боз, кӣ ӯро бикушад он, ки туро кушт?! "...
Ангушт макун ранҷа ба даркӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба даркӯфтанат мушт.

*Абӯабдуллоҳ РӮДАКӢ.*

*Ин китобро ба бонувони тоҷик, ки тири аввалину охирини фоҷиаи миллӣ, ҷанги шаҳрвандиро дар ҷигари хуншор доранд, мебахшам.*

**Муаллиф**

# С и п о с н о м а

Пешниҳоди таҳияи китоби “ Зан ва Ҷанг “ дар чорчӯби ҳадафи аслии Барномаи Рушди Занон дар Созмони Миллали Муттаҳид, ки аз охири соли 1999 дар Тоҷикистон фаъолият мекунад, қарор дорад.

“ Зан “ ва “ Зиндагӣ” дар забони форсӣ аз як решаанд ва ду вожаи “ зан “ ва “ ҷанг”- ро дар канори якдигар гузоштан худбахуд аз фоҷиа сухан мегӯяд.

Мутаассифона миллатеро дар ҷаҳон наметавон пайдо кард, ки таъми талхи ин фоҷиаро дар тӯли таърихи худ начашида ва занону духтарони худро қурбонии ҷанги қудрат миёни мардон накарда бошад.

Аммо фаромӯш кардани таърих ва пӯшиши занон баройи фаромӯш кардани ин таҷрибаҳои талх ва нагуфтани даврони хушунатбори ҷанг боис шудааст, ки ин бахш аз воқеияти тахрихӣ, иҷтимоӣ ва эҳсоси инсоният дар нохудогоҳии ҷамъӣ пинҳон шавад ва ҳамчун гиреҳи ногушуданӣ дар дили занон, духтарон ва модарон боқӣ бимонад. Китоби “ Зан ва Ҷанг” таърихи зиндайи Тоҷикистонист, ки мекушад риштайи суханро ба худи занон бисупорад ва аз ин роҳ баройи бозсозии рӯҳ ва равони занони хушунатдидайи ин сарзамин гом бардоранд.

Чӣ касе беҳтар аз худи занон дарди дили худро ба забон метавонад овард?!

Чӣ касе беҳтар аз шоир метавонад бо қалами тавонойи худ ин дарди дилҳойи пинҳонро ба фарҳангу шеър ва адаб табдил кунад?

Чӣ касе беҳтар аз “ Модари Миллат “ метавонад аз ӯҳдайи ин вазифайи сангин барояд?

Хазинайи Рушди Занон дар Созмони Миллали Муттаҳид аз Гулрухсор, ки бо гушудани дарди дили худ, аз розҳойи ногуфтанӣ ва дардҳойи дарунии занон, модарон ва духтарони ҷангдида парда бардоштаанд, сипосгузорӣ мекунад ва имон дорад, ки ин китоб марҳаме хоҳад буд бар захми ниҳони занони ҷангзадайи ин сарзамин ва василае баройи боло бурдани сатҳи огоҳии ҷомеа аз натоиҷ ва осори ҷонсӯз ва вайронгарии ҷанг.

Бо умеди он, ки занони Тоҷикистон ва ҳамайи занони Эронзамин ва ҷаҳон дар сулҳу осоиш зиндагӣ ва фарҳанаг бипарваранд ва мардони худро дар роҳи сулҳ гусел кунанд.

*Нӯшин Ёварӣ д, Ҳеленкурт,*
*Роҳбари барномайи хазинайи*
*рушди занон дар Созмони*
*Милали Муттаҳид.*
ш. Душанбе. 2001.

# ҶАНГ- ҚИЁМАТИ ХУНИН

Аз рӯи маълумоти мавҷуда дар тӯли 5,5 ҳазор сол дар сайёра зиёда аз 14 000 ҷанг шудааст.

Дар натиҷаи ин ҷангҳо беш аз 3 милёрд одамон қурбон, ҳазорон мулкҳо, шаҳру деҳаҳои ободу зебо ба хок яксон гаштаанд.

Шаҳидони бегуноҳу бепаноҳи ин қиёмати хунин пеш аз ҳама мардуми бегуноҳ, хосса занону кӯдакон ва пирону барҷомондагон будаанд…

## САНГАР

Ман зи сангар омадам,-
Аз сангари марги ҷавонмардӣ,
Бод аз хокистари сарди набард
Ахгари сӯзони фар меҷӯст.
барқ мезад шаҳраги Таҳмина,
Сӯзи ҷон аз ваҳшати фоҷиа
Хунашро хабар мекард.
Рустами фарзандкушта -
Худкуши шаҳзиндадор,
Захми Сӯҳроби азизашро
ба хуноби ҷигар мешӯст...

Ман зи сангар омадам,
Аз сангаре, ки деви ваҳшат,
Миллати хуршедро
Дар чашми зулмат гӯр мекард.
Арғавонӣ буд аз хуни ҷавонӣ,
Чашмаи ашк, парчами ишқ,
Хок бӯи оташу ангӯр мекард...

Ман зи сангар омадам,
Аз сангаре, ки дафнавозу пештозашро,
Аҳли олам хуб бишносад.
Ман зи сангар омадам,-
Аз сангаре, ки довари таърих,
“Ғолибаш”-ро ғосибу мағлуб бишносад!..

## ***Фоҷиаи тоҷикон аз дидгоҳи дигарон.***

Бори мероси таъриху фарҳанг ва адабиёти ҳазорсолаи олиро бардошта тавонистан, ҳар гоҳ аз ахгари хокистари худ зинда шудану машъали худсозӣ афрӯхтан, бо мадори ақли созгор аз хатову иштибоҳи худ сабақ омӯхтан, дар ноумедтарин лаҳзаҳо ба зиндагӣ чашми умед дӯхтан, аз душманони худ дӯст сохта тавонистан, ба оянда боварӣ доштан.., ин миллатро гули сари сабади миллатҳои ҷаҳон хоҳад кард!

Ба дарёфти ман миллати тоҷик дар сатҳи ҷоҳу мақоми худ ҳанӯз шинохта нашудааст.

М. Дейк,
Ҷомеашинос.

# Сазовори истиқлол бояд буд!

Истиқлол, озодӣ, хоҳ миллӣ, хоҳ фардӣ аз осмон фуруд намеояд. Сазовори истиқлол бояд буд! Истиқлолро омодаи истиқбол бояд буд!

Омодаи истиқболи истиқлол набудан, баҳои гарони ин ҷоизаи беназирро надонистан, мантиқи созандагии онро дарк накардан, зиндагиро дар талоши талху гуворои зистан инкор намудан аст.

Фоҷиаи тоҷик аз нафаҳмидани фалсафаи истиқлол, аз бехирадии пешвоён, аз бечороғии раҳнамоён, аз шабкӯрии чароғдорон, аз раҳнамои оқилу одил маҳрум будани озодихоҳон сар зада, як насли нурофару як Ватани зеборо ба хоку хун кашид...

# “ БАР ТУ ҒАМИ МАН РАСИД,
# БАР МАН ПУШТА...”

## ПЕШГУФТОР

Зан ва ҷанг! Ин ду мафҳуми ба ҳам муқобил мутаассифона дар зиндагӣ ҳамеша рӯбарӯйи ҳамдигар қарор доранд.

Ҷангу куштор дар сайёра аз кинаву адовати ду бародари ҳамхун - Қобилу Ҳобил сарчашма гирифта, устураи ин рақобати хунин то мо чунин расидааст: “ Қобилу Ҳобил фарзандони Одаму Ҳавво буданд. Яке кишоварз буд, дигаре чӯпон. Бародари калонӣ ба бародари хурдӣ ҳамеша ҳасад мебурд. Оқибат рашку ҳасади Қобил ба ҷое расид, ки Ҳобилро кушт. Ва хуни инсонӣ нахустин бор рӯйи заминро арғавонӣ кард...”

Ва он гоҳ бори нахуст доғи фарзанд ҷигари нахустмодари башарро шикофт.

Ва он гоҳ инсони аз биҳишти бемаргӣ ба хотири ишқ ронда шуда, заҳри нафратро чашид.

Ва ин фоҷиаи башариро, ки фоҷиаи тоҷик идомаи он аст, оғоз ҳаст, анҷом нест:

… Дар ҳама давру замона,
Аз барои бачаҳои Одаму Момоҳаво,
Бо ҳама паҳновариҳо
Саҳни олам танг буд.
Мард бо мард,
Насл бо насл..,

Сарбасар мезад ҳамеша,
Дар замини сулҳхоҳи мо
ҳамеша ҷанг буд…

Аз байни дуду оташ, аз дили таркишҳову сӯхторҳо хитоби маҳкумкунандаи ҷанг,- овои модар болост, аммо шунаванда надорад:

Ҷанг- овар зоди ман на, марги бунёди ман аст,
Ҷангро чун қотили фарзандҳои ман кушед,
Дар баҳои ҷони тифлон, дар баҳои ман кушед!..

Ҷанг дар сарнавишти зан фоҷиаи фоҷиаҳост, зеро марги фарзанду бародару шавҳар.., дар вуҷуди сабзаш неруи созандагиву хуни офаридгориро хушк месозад.

Ин ҳақиқати талхро ҷанги шаҳрвандии тоҷикон, ки дар хотираи таърих ҳамчун сангари худкушии миллӣ сабт хоҳад шуд, бо бераҳмии қиёснопазир исбот кард:

*Онон чу ба ҷаҳл ҳамзабонӣ карданд,*
*Сангони Ватан марсияхонӣ карданд.*
*Занҳойи фусурда гӯркобӣ карданд,*
*Тифлони гурусна мурдабонӣ карданд…*

Дар ин ҷанг на танҳо инсонҳо, балки гулу гиёҳ, долу дарахт, боғу чаман низ тир хӯрданд:

“ Дарахтон сиёҳпӯш буданд. Баргу муғча, навдаву танаи дарахтон сиёҳ буд.

Себҳо бача партофтанд…”

Дар ин рӯзи арасот тифлони нав ба олам чашм кушода ширро бо хун, хунро бо шир макиданд:

“ Тифлакам аз пистони захминам ширро бо хун, хунро бо шир мемакиду мемакид…”

Ҷаҳон тавассути адабиёт намунаи барҷастаи модарони бегуноҳи фоҷиакашидаро медонад, ки Таҳмина* яке аз онҳост.

Ӯ бо фоҷиаи башарии худ пайкараи беназири ишқ, покӣ, сабру тамкин, бадбахтиву ноком ӣ ва бузургист, ки ҳамдард дораду дармонбахш на.

***

Ҳама ҷангҳо аз як тир оғоз мешаванд ва он тир нахуст дили модарро мешикофад…

Кист оне, ки тири қотилаш алайҳи ҷони бародар силоҳро тарк кардааст?

Ин суол ҷавоб надорад, ҳарчанд ҳама сангарҳойи хунин муаллиф, коргардон ва бозигарони пасипардагии худро доранд. Ва сартири ҳама даргириҳо пеш аз ҳама, занону кӯдаконанд, ки ҷанги шаҳрвандии тоҷикон истисно нест.

Гоҳе худро сари андешае дармеёбам, ки гӯиё ҳама ҷангу хунрезиҳо маҳз ба хотири куштани зан дар вуҷуди зан, баройи таҳқир ва паст задани шахсияти волои ӯ тарҳрезӣ мешаванд.

Вақте инсоне бегуноҳ таҳқир мешавад, вақте нотавоне ҳадафи ҷаҳли тавонгаре қарор мегирад, ҳақиқат захм мебардорад, адолат коҳиш меёбад, фазлу ҳирад қиммату азамати худро гум мекунад.

Маҳз дар чунин ҳолат дарди нотавонӣ бар алайҳи қудрати зишт ҳамосаи тавонро меофарад, - ҳамосаи тавони рӯҳро.

Вобаста ба мавзӯъ кашф кардам, ки самимитарин ашъори ҷангиро бонувон гуфтаанд.

---

* *Қаҳрамони "Шоҳнома" – и Фирдавсӣ.*

Чунин аст, ки таронаашон дар шодиву сурур низ аз ҳузну андӯҳ холӣ нест.

Аз осори онон чунон ба назар мерасад, ки гӯиё мардон дидаву дониста намоишномаи хунини ҷангро-маргро тарҳрезӣ мекунанд, то ки занон бо оби дидаву хуни дил онро дар ҷавшани сухан абадият бубахшанд.

Бо ҳама бечорагиву хуниндилӣ пеши ҳодисоти сарнавишт ҳукмашон, фиғонашон, дуояшон , нозу ниёзашон шоиронаву бонувона аст:

**Гул гуфт: маро зи боғ оҳиста баред,**
**Ман нозукаму маро ба гулдаста баред,**
**Дар кӯчайи ошиқон маро металабанд,**
**Ман бегуноҳам, чаро маро баста баред?!**

Эразм Ротердамский гуфтааст: *“Мардуми оддӣ, дар маҷмӯъ ҳама ба ҷанг нафрат доранд. Танҳо як тӯдаи фосиқ, ки аз ҳисоби бадбахтиву нокомии дигарон соҳиби давлату сарватанд, ташнаи ҷанганд.*

*Ҳар фард бояд аз роҳи андеша ба мантиқи ин беадолатӣ бирасад ва аз худ бипурсад, ки чаро як мӯшт авбош бо сарнавишту орзуву ормони як ҷамъият бозиданро ба худ иҷоза медиҳад?!.. ”*

Бо баҳонаи гове ним аср бо мамлакати ҳамсояаш ҷангидани яке аз давлатҳои урупоӣ афсонаву танз нест.

Ҷастани тире аз камон ҳамоно фарқи шаҳру деҳ, шарқу ғарбро аз байн мебарад. Инро ҷанги қавмии югославӣ дар дили Аврупо ба намоиш гузошт.

Таърихи инсоният дар саҳифаҳои сабақомӯзи худ ҷангҳои зиёдеро сабт кардааст: ҷангҳои ватанӣ, қавмӣ, қабилавӣ, миллӣ, минтақавӣ, ноҳиявӣ, дохилӣ, хориҷӣ, ҷангҳои дуру наздик ва ғайра.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ ( 1941-1945 ), ки беш аз бист милюн қурбонӣ бар ҷо гузоштааст, барои халқи шӯравӣ, набарду сангари муқаддас буд. Мардум баройи озодии Ватани худ бо фашизм меҷангид ва ба ғалабаи худ боварӣ дошт. Тоҷикон низ дар ин ҷанг корнамоиву ҷоннисории беҳамто нишон доданд.

Аммо ҷанги шаҳрвандии поёни қарни бист, ки дар хоки тоҷикон ба вуқуъ пайваст, ҷанги дигар аст.

Ҳамаи ҷангҳо бо мағлубияти якеву зафари дигаре тамом мешаванд, аммо ҷанги тоҷикон ғолиб надорад.

Сабабу оқибатҳои ин сангари хунинро вобаста ба хоҳишу биниши худ шарҳу эзоҳ додан, бераҳмии гӯшношуниди бародарро алайҳи бародар сабабу оқибат ҷӯстан, онро овардаву фармуда маънидод кардан.., дардамонро, бори гуноҳамонро сабук нахоҳад кард.

Ҷанги тоҷик аз хонаи тоҷик сар зад. Ин ҳама ваҳшату даҳшат пеши назари мо, дар шоҳидии мо, бо шаҳидии мо, дар марзу буми мо рух намуд.

Ин ҷанг пеш аз ҳама набарди сиёҳӣ алайҳи нур,- набарди шаб алайҳи субҳ буд:

*Кирмаки шабтобро диданду гуфтанд:*
*Субҳ омад,*
*Офтоб омад!*-
*Шамъро куштанд,*-
*Халқро дар хуни ҷаҳли хеш оғӯштанд…*

Ин ҷанг, ҷанги чароғкуш буд!

Қосидони рӯшанойӣ, ошиқони субҳ сияҳкории зулматро таҳаммул накарданд ва дар набарди нобаробари нуру зулмат қандили ишқу ормони як насли рӯшанойӣ хомӯш шуд.

Ҷанги ба қавле " оварда "- и тоҷикон, он қадар " оварда" набуд. Решааш аз ғешии андешаи худамон

буд. Ин ҷанг, алҳақ, ҷанги беамони куҳнаву нав, ҷанги бечароғӣ, ҷанги куҳнагӣ бо ишқу умеди сабзу ҷавон, ҷанги худкушӣ, худношиносӣ, бенавоӣ, муфлисӣ, бечорагӣ, бардагӣ, ҷанги дар дами вартаи ноумедӣ қарор доштан буд:

*…Ҷанги тоҷик буд*
*ҷанги бенавоӣ,*
*Ҷанги тоҷик буд*
*ҷанги то худоӣ.*
*Ҷанги тоҷик буд*
*ҷанги бехудоӣ!*
*Ҷанги тоҷик буд*
*Ҷанги кандани завлонаҳо аз пойи лабҳо,*
*Ҷанги тоҷик буд*
*Ҷанги панбаи миннат кашидан,*
*Ҷовидон аз гӯши хотир,*
*Ҷанги тоҷик буд*
*ҷанги худхалосӣ,*
*Ҷанги тоҷик буд*
*ҷанги худшиносӣ!..*

Занон саркардагону оташдиҳандагон ва иштирокчиёни ҷанг набуданд, балки ҷанг дар сарнавишти онон ширкат кард.

Занҳо зинҳор бо ҷанг нагаравиданд, балки ҷанг бо онон гаравид ва киштаи орзуву умедашонро бо доси тези худ бераҳмона даравид.

Ҳар кадомро аз ин сангари бераҳмӣ як мӯшт оҳу армон монду як қисмат хотира. Ва ин хотира бидуни ихтиёри шоҳидону шаҳидони ин сангари ваҳшат дар мармари ҳастӣ ҳаккокӣ шуд, хотираи шодикушу ғампарваре бо номи ҷанги шаҳрвандӣ. Хотирае, ки дар хомӯшияш якумр фиғони тарканда хоҳад дошт.

***

Китоби " Зан ва Ҷанг " гуфтугӯ, дарди дил, нолишу ниёиши инсонӣ, хосса бонувони тоҷику тоҷикистонӣ, ин шоҳидон ва шаҳидони ҷанги шаҳрвандист, ки худ бидуни ихтиёру интизор тагсӯзи оташаш будаанд.

Аз забони шоҳидон ва шаҳидони ҷанг овардани достони даҳшату ваҳшати ин фоҷиа, ҳукми занонаи ҷанг аст. Ҳукм алайҳи онҳое, ки барои пиёда кардани аъмоли зишти худ як миллати қадимаи соҳиби фарҳангу тамаддуни олиро ба хоки таҳқиру бечорагӣ нишонда, як Ватани фирдавснаморо ба хоку хун кашидаанд.

Дар ин асар миллату мазҳаб, ному насаб, макону маҳал, касбу пешаи шоҳидон, шаҳидон ва қотилон бо сабабҳои гуногун,- бо хоҳиши зиндаҳо, ба поси хотири мурдаҳо мустаор омадааст.

Муаллиф, ки худ низ шоҳид ва шаҳиди ночори ин фоҷиаи башарист, дар баёни даҳшату ваҳшати он доварӣ, гузашта аз он ҳукмгузориро ба худ иҷоза надодааст, зеро сидқан бар он аст, ки иштирокчиёни

ночори ин сангари бидуни ғолиб, дар маҷмӯъ ҳама қурбониёнанд, қурбониёни арзони сиёсат.

Нигорандаи ин фоҷиа дарки мантиқии воқеаро ба таърих ҳавола кардааст, зеро ҳукми ин довари беғаразу беминнатро ҳич гуна додгоҳу додхоҳ бекор карда наметавонад.

Хосса ҳукми оҳи сӯзони модаронро!

Хосса ҳукмномаи суолҳои беҷавоби тифлакони ятимро…

Бурди тоҷик аз ин бохти даҳшатбор чист?

- Як насли дар хуни худ оғӯшта, шаҳрҳои валангор, хонаҳои сӯхта, боғҳои бесамар, дилҳои шикаста, ятимони бесоҳиб, арӯсони бевамонда, модарони ҷигарсӯхта, зиндагии бесомон...

- Дар баҳои ин ҳама қурбонӣ ба модари тоҷик ва фарзандаш чӣ расид?

*Эй модари ҷон, манам ба хун оғӯшта,*
*Гӯрам карданд қотилон нокушта.*
*Аз ҳимати хоинон, зи савдои Ватан,*
*Бар ту ғами ман расид, бар ман пӯшта!..*

Бо вуҷуди ин ҳама пурсишҳои бидуни посух қалъаи фоҷиаи тоҷикон бекалид набуда, мифтоҳаш дар ҷайби онҳоест, ки аз ҳисоби милюнҳо қурбониён ба ҳадафи худ расиданро илми сиёсат номгузорӣ кардаанд.

Дромофарон, коргардонҳо ва бозигарони ин ҷанг низ ба хоки мо аз сайёраи дигар наомаданд. Рӯзи сиёҳи ба сари мардум омада, ин қиёмати дар хоки Ориёнои қадим дар поёни қарни бист қоим шуда, устуравӣ нест.

Ҳадаф аз овардани нақли ҷонкоҳи шоҳидон ба хотири сабақандӯзӣ, балки ба узру тавба кашидани онҳоест, ки бо баҳонаи ақидаеву ҳадафи ночизе дар сурати одамӣ даррандагӣ кардаанд.

Ҳич ақидае комил буда наметавонад. Хосса ақидаи гурӯҳеву тӯдае, зинҳор ҷавобгӯи орзуву ормонҳои ҷамъият нахоҳад буд!

***

Ин китобро оғоз ҳаст, анҷом нест. Он чӣ дар он омадааст, зараест, аз андӯҳи бепоёни инсонӣ. Давоми ин китобро дигарон хоҳанд навишт: ба тариқи худ, аз дидгоҳи худ, бо тарзи баёни худ, вобаставу пайваста ба адолату инсофи худ…

Пеш аз оғози асар ба бисёр ноҳияҳои ҷангзада ва ҷумҳуриҳое, ки фирориёни иҷборӣ, аз ҷумла, занони бехонумон маскан доранд,сафар кардам.

Бо фарзанду бародар, шавҳару хонумон гумкардагон дар Русия, Ирон, марзи Афғонистон, Қирғизистону Қазоқистон ва дигар мамолик сӯҳбат доштам.

Достони сарнавишти яке аз дигаре даҳшатноктар буд. Вақте ки ҷанг бо панҷаи хунин дари ононро кӯфт, ҳама як ном гирифтанд,- қурбонӣ. Модари тоҷику рус, ирониву афғонӣ, чечениву доғистонӣ, фаластиниву лубнонӣ.., дар рӯбарӯи ҷанг ҳама ба якдигар монанд буданд. Ранги хуни ҳама сурх буд. Фоҷиа миллат надошт.

Нақли шоҳидони ин фоҷиаи башарӣ,- нақши ҷанг дар қисмати занон достони сангинеро офарид,

ки на танҳо навиштанаш, гумон меравад, хонданаш низ осон нахоҳад буд.

Ин китобро бо тамкин бояст хонд. Ба хотири куштани ҳисси ҷанг дар вуҷуди инсонҳо ҳақиқати талхи онро таҳаммул бояд кард.

Ба ҳарфи шоҳидон, ки зиндадори рӯҳи шаҳидонанд, гӯш бояд дод, то ба зиндагӣ эҳтиром бигузорем.

То ки дар гирдоби таҳкаши ноумедӣ ғарқ нашавем.

То аз нафрату дилмондагӣ намирем.

То рӯзгори шоиставу зебоеро аз сар бигирем...

*“ Марги як инсон фоҷиа, марги инсонҳо омор аст!”*- гуфтааст файласуфи олмонӣ Фридирих Нича.

Ба дарёфти камина марги ҳазорон аз марги яке оғоз мешавад, зеро ҳазор аз як сарчашма дорад, зеро мавҷудияти ҳазор бидуни як имконнопазир аст.

Достони ҷангро аз нақли як чанд зан оғоз карда, дар ҷодаи сарнавишти пурдарду пуртаҳқири онон бо садҳо сарнавишти якранги фоҷиаофарида рӯбарӯ гаштам. Ҳар қисмат ба сари худ як китобест, нонавишта, аз ин рӯ нахонда...

Дӯсте дорам,- Саидбеки Сафарбек, шогирди донишгоҳи ҳунарҳои зебо, ошиқи зиндагӣ. Ин ромишгари аз пархошу хушунат дур дар гӯшаи дилаш аз ҷанги бародаркушӣ тирпорае ёдгор дорад.

Тири ишқи ёру диёр дар дили хуншор ночор тарки Ватан кард. Дар ғурбат зиндагии шоистае аз сар гирифт. Сазовори заҳмату ҳунараш рӯзиву рӯзгори хубе дорад, аммо бо пораи тир.

Ҳар гоҳ қатли падари мӯйсафедаш ба ёдаш расад, ҳар гоҳ хонаи сӯхтаашон пеши назараш ояд, ҳар гоҳ пӯштаҳои гулафшони Ватанро пазмон шавад, ин тирпора - ин бегонаи ошно, бераҳмона аз худ дарак медиҳад.

Саидбек дарди тирпорaро мардона таҳаммул мекунад, зеро он кайҳо ҳамқисматаш гаштааст.

Ҳамчунон ҳар як тоҷик, ҳар як тоҷикистонӣ, алалхусус бонувон, ҳар кадом аз ин ҷанг тирпорае дар дил ёдгор доранд, ки аз такони ёде дарди ҷонкоҳеро эҷод мекунад...

Бо ҳама захми ниҳону аён миллати тоҷик, чун мурғи самандар дигар бора аз хокистари худ рӯ зада, сӯи гардуни созандагӣ боли парвоз боз кард ва бузургии худро дар таҳаммул карда тавонистани фоҷиаи фоҷиаҳо ба оламу одам намоиш дод.

Ҷанги тоҷикон дар даҳшату бераҳмӣ камназир буд. Сулҳу оштии тоҷикон низ, ки аз хираду фазли миллат сарчашма дорад, беқиёс аст.

Миллати парешону сарсон дуои сулҳу ваҳдат дар забон, ояи ишқу вафо дар лаб боз баҳам омад:

*“ Об агар сад пора гардад*
*боз бо ҳам ошност!..”*
*Боз ин марзи баландовои фарҳангу суханро,*
*Тир на,тазвир на,таҳқир на,-*
*“ Шоҳнома “ бо ҷаҳони фозилон*
*пайванд хоҳад кард.*
*Ҷанги тоҷик,дар баҳои ҷони як насли*
*пурармон,*
*Миллати садпораи тоҷикро*
*Бар алайҳи хасми тоҷик,*

*Ҷовидон кафшер хоҳад кард,*
*Ҷовидон пайванд хоҳад кард!..*

Аз ҷанге, ки дар ҳар қадам як рӯи зишту бeқиёси ҷаҳолатро намудааст, аз ҷанге, ки ғолиб надорад, холисонаву хунсардона қисса кардан осон набуд, зеро он чӣ аз сари мардуми бегуноҳу бепаноҳ гузашт, бештар аз ҷанг буда:

*“ …Онҳое, ки дар бораи ҷанг китоб менависанд, ё филм мебардоранд, аввал назди ман биёянд, достони хунини Қобилу Ҳобилро аз ман бишунаванд.*

*Дар ин ҷангнома ҳар кас бояд нақши худро бибозад. Нақши маро ҷуз худи ман ҳич кас бозӣ карда наметавонад…”*

Аз дами ҷанги ҷангон зинда раҳидан, ҳотамона қотилони худро бахшидан, ошиқона зистан, ишқ варзидан, фарзанд ба дунё овардан.., бузургтарин, зеботарин ғалаба аст, ғалабаи зиндагӣ ба марг!

Вагар рӯзе дар яке аз қуллаҳои баланди кишвар пайкараи бузургиву тавоноӣ, ишқу зебоӣ ва сабру тамкинро бигузоранд, онро аз симои нозанини бонувони тоҷик бояст тарҳрезӣ кард.

Аз симои оне, ки дар фоҷиа низ зебову тавоност. Аз симои оне, ки дар дами марг низ ишқи зиндагиро месарояд. Аз симои оне, ки худро аз дарду ҳасрату нокомӣ барои ҷовидона сохтааст…

*“ Шунидем дар бораи ҷанг китоб менависӣ. Ту дону худо, китобатро бе мо нанавис! Мо мегӯем, ту гӯш кун. Мо мегӯем, ту навис...”*

Ва онҳо гуфтанду ман гӯш кардам, ҳарчанд гоҳе мехостам кар бошаму қиссаашонро нашунавам. Ва

онҳо гуфтанду ман навиштам, ҳарчанд бори нахуст аз пешаи худ ношод будам…

Равиши ин асари маҳзунро ба самимияти нақли шоҳидон ҳавола кардан низ як навъ фироре буд аз ҳақиқати мавзӯъро офарида.

Ҷангро ба ёд овардан, бори дигар бидуни ихтиёр ваҳшату даҳшати онро аз сар гузаронидан аст.

Аммо ҷангро ба зиндони фаромӯшӣ афкандан, сабақашро надида гирифтан, нақшашро аз хотири хотира тарошидан низ хиёнат аст, хиёнат ба рӯҳи поки шаҳидони бегуноҳ.

Гузаштагон беҳуда нагуфтаанд: “ *фаромӯш кардани як ҷанг ҷанги дигареро бармеангезад…”*

Мо низ дар оҳу ниёиши шоҳидони ин фоҷиаи башарӣ ҷангро аз он ба ёд овардем, ки ҷанг дигар бора ёди мо накунад.

Бузургтарин амали инсон, хосса модарони офариридгор баройи ҳақ талош варзидан, ба рағми ҷаҳолату зулмат қандили нуру зиёро афрухтан аст.

Эй кош, ҳар модаре , ки фарзанд ба дунё меорад ва аз ин тифли пок, бо ҳидоят, муҳаббат ё ҷаҳолати ӯ фозиле ё қотиле ба воя мерасад, дар рӯбарӯи зиндагӣ бо дарки масъулият хитоб бикунад:

*Шамъ бар каф, тавба бар лаб омадам,*
*Ман барои куштани шаб омадам!*

**ГУЛРУХСОР.**
*ш.Душанбе.*
*Соли 2001.*

## МАН БАРОИ КУШТАНИ ШАБ ОМАДАМ!

Дасти тифли рӯшаноиҳо ба дастам,
Бе камону тир, бе шамшер, бе тазвир,
Торикистони низоъу хашмро
субҳи сафо овардаам.
Бар гили беҳосили бечорагӣ,
Бар ғунчаҳои заъфарони тирагӣ,
Бар дили беорзуи мурда,
Растахези сабзи эҳё,
Тавбаи бахшандагӣ,
раҳми худо овардаам.

Субҳи нав чун қосиди нуру зиё,
Аз марги тазвиру риё,
Бар зиндагиву зиндаҳо,
Нурофарин умед мехоҳад.
Хаста шуд аз зулматафрӯзӣ
чароғи ҷовидони осмонҳо,
Бомдоди аз дами аждар гузашта,
Аз замини осмонҳо
Боз як хуршед мехоҳад!

Шамъ дар каф,
Тавба бар лаб омадам,
Ман барои куштани шаб омадам!..

# « Мо мегӯем, ту бинавис!...»

Шунидем дар бораи ҷанг китоб менависӣ. Ту дону худо, китобатро бе мо нанавис! Мо мегӯем, ту гӯш кун. Мо мегӯем ту навис.

Рӯзи сиёҳи ба сари мо омадаро, ҳақтаъоло ба сари хуки саҳро наёрад. Мо пода будему танку туп подабон. Ними халқ таги чархҳо чапотӣ шуд.

Дар пеш дарёи Панҷ буд, дар пӯшт тиру тӯфанг. Ҷони худоӣ гуфтему сӯи дарё давидем. Шумораи ғарқшудагонро ҳич кас ҳисоб накардааст. Дарёи Панҷ аз одам сер шуд.

Онҳое ҳам, ки аз дами дарёву тиру туп ҷон ба саломат бурданд, дар қатори мурдаҳо буданд: хоки ғайр, лаҳҷаи ношинос, ҳуштаки боди биёбону регборон…

Ба хоки Афғонистон расида- нарасида, аввал мурдаамон соҳиби макон шуд, баъд барои худамон хаскапа рост карданд.

Рӯзе, ки аввалин мурдаи ғарибхокро ба хок месупориданд, марду зан, хурду калон, пиру кампир, бо як овоз нола мекард. Ғарибӣ ҳамара шоир кард;

*Дар ғурбат агар марг расад дар баданам,*
*Оё кӣ кунад гӯру кӣ дӯзад кафанам.*
*Тобути маро сӯи баландӣ бубаред,*
*Шояд, ки расад бӯи Ватан дар баданам.*

Бо сари сахтамон, бо бачу качамон, аз боғҳойи биҳиштиву обҳои равон тақдир моро ба биёбоне дангала кард, ки макони мӯру морон буд.

Мардуми аз дару даргоҳи худ рондаву аз ду дунё монда, рӯйи замин, чашм сӯйи осмон ҳайрон монд.

Дар панҷоҳ сол мо кӯҳистониҳои сарсахтро ду маротиба муҳоҷир карданд. Ман муҳоҷир гуфтам, шумо гуреза фаҳмед. Гурезаи чӣ, аз даҳони як аждаҳор ба даҳони аждаҳори дигар, аз як ҷанг ба ҷанги дигар гурехтем.

Зиёда аз бист сол аст, ки ҷанг хоки Афғонистонро бо ҳелакаш мебезад.Мо ки роҳи дигару ҷойи дигар надоштем, худро ба ин ҷангистон задем. Ҷонат тангӣ кунад, худатро ба деги рӯғанҷӯш мепартоӣ.

Падару модаронамон нақл мекарданд, ки вақте қӯҳистониёнро дар гармои тобистон аз ҷоҳу ҷалоли муқимӣ маҷбурӣ, бо зарби тиру тӯфанг муҳоҷир карда, ба дашти Карбалои водии Вахш партофтанд, дар чанд рӯз аз нисф зиёди халқ монанди моҳии беобмонда даҳон воз кард мурд.

Баландӣ баландӣ аст, пастӣ пастӣ. Кадом уқоб дар ҳелчаи мурғ зистааст?

Хурд будем, он рӯзҳои сахтеро, ки як тоҷик ба сари тоҷики дигар оварда буд, ёд надорем. Мо ёд надорем, аммо шоҳидони камчини он рӯзи арасот ҳамин ки сарбасар занад, оби чашмашон шаш қатор мешавад. Ҳама чизро фаромӯш карда мешавад, аммо таҳқиру бераҳмиро не. Онҳо оҳ мекашанду сари овози якдигарро гирифта байд* мегӯянд:

*Ай хона баромадум намоюн мерам,*
*Дар мошин сувор шидам, поюн мерам.*

* Дар забони ом таронаро, сурудро байд низ гӯянд.

*Дар мошин сувор шидам рубойӣ мегум,*
*Ин байда барой зинадҷудойӣ мегум.*

***

Ба мо, бахтбаргаштаҳои берӯзӣ ҳам тақдир рӯзи сиёҳи падару модаронамонро муносиб дид. Фарқ дар он буд, ки онҳо дар Ватан мемурданд, мо дар ғарибӣ. Аз ин рӯ мурдани мо мушкилтар буд.

Рӯзона кӯҳҳо, шабона чароғҳои Ватана аз дур медидему аз дарду алам монанди мӯйи дар оташ афтода мевиречидем.Ҳич кас умеди зистан, гузашта аз он ба диёр бозгаштанро надошт.

Чанд сол дар Афғонистони ҷангзада зиста, як бор садойи тирро нашунидем, чунки садои тиру тӯфанги моро аз Ватан рондаву дар дарё гӯронда, ҳамеша дар гӯшамон садо медод.

Ҳайф, ки хок забон надорад. Агар забон медошт, мазори гурезаҳои тоҷик дар хоки афғон як олам даҳшати гуфтаниву шуниданиро қисса мекард.

Даҳшати рӯканиву мӯкании модарони бачамурдаро, даҳшати бо шонаҳояшон гиристани мардони паҳлавонро, даҳшати чашм сӯи Ватан ҷон кандану мурда натавонистани кампири Аламбиро ...

Бечора кампир ғарибхок шуд. Парвардигор раҳми мора хӯрд, ки ба дидори хешу табору хокбӯсии диёр расидем.

Вақти бозгашти мардуми гуреза рӯи замин чорзону афтода, хокбӯсии пиру ҷавонро, хокро ба дида тутиё кардани занонро дидагистед?!

Ҳар шаб кампири Аламбиро хоб мебинам. Мегӯянд, арвоҳи бесоҳиб маҷбур шавад,

соҳибдараккобӣ хонаи шӯйи занаш мерафтааст. Бечора ҳич кас надорад. Зоду бунёдашро бе ҳич гуноҳ куштанд. Як хона бачаву набераву абера буд, ки набуд.

Дар дами марг бо пахта лабонашро нам кардам, ба ҷои ҳама мани пургуноҳ биҳилаш кардам, манаҳашро бастам.

Аммо зуд- зуд дар хоб хабар гирифтани кампири ғарибхок маро безобита кардааст. Чӣ гап дорад, намедонам. Ҳар дафъа мехоҳам бигӯям, ки : “ эй дугонаи қиёматӣ, худо раҳматат кунад, маро зуд- зуд хабар нагир. Бандаи худо ҳама мирандааст, аммо ҳолӣ мана саросема накун, ки намеравам.

Нав хонаву дари сӯхтаву валангорамро обод, кардам. Нав сафилу оғилу коҳдонро андоваву сафед намудам. Нав дегдону танӯри нав сохтам. Навниҳолони боғи сӯхта нав гулу ғура бастаанд…

Баҳонаи нарафтанам кироист, духтари хеш. Ба худо аз дидори Ватан сер нашудаам. Хокашро бӯсидам. Гарду чангашро ба дида тӯтиё кардам, аммо аз бӯяш, аз дидораш сер нашудаам.

Ҳаштод соли умрам як тараф монд, чанд соли ғарибӣ як тараф. Аз бӯи Ватан, аз рӯи Ватан серӣ надорам.Дугонаи қиёматӣ, худо ҳафт пуштата раҳмат кунад, мон, зиндагӣ кунам!..”

Алабтта ин суханҳоро таӣи дилам мегӯям, аммо мегӯянд, ки мурдаҳо гапи нагуфтаро ҳам мефаҳманд.

Агар намефаҳмиданд, рӯҳи ҳасратии кампири бечора ҳар шаб ними дунёро тай карда, аз кӯҳу пӯшта, аз дарёи Панҷ гузашта ба хонааш намеомад.

Арвоҳи кампири бечора Ватанашро мешиносаду хонаашро не. Дар хонае, ки ҳафт пӯшташ зистааст, дигарон зиндагӣ мекунанд. Қиссаи “ чуғз дар хонаи кабӯтар”- ро шунида будам. Намурда ҳай балоҳоро дидем.

Шукр, ҳазор шукр. Худо аз ин бад накунад!

Ту дону худо, китобатро бе мо нанавис! Мо навишта наметавонем. Мо мегирему мегӯем, ту навису навис. Аз мо гуфтан, аз ту навиштан...

Кампири Моҳтобӣ.
Водии Вахш.

## « БО ТИР ҒИЖЖАК МЕНАВОЗАНД!..»

Пешаи пешинаамро, санъатамро,
ёд меорам,
Ҳар гаҳе дар бехи гӯшам,
Аскарон бо тир
ғижжак менавозанд.
Ҳар гаҳе, ки аз итоби пешаи худ,
Дар хиёбонҳо, биёбонҳо, -
Ба сӯмби мӯза тумбак менавозанд...
Ман аз ин тумбак,
Аз ин зарбе, ки хунро дар таноби набз
Чун ҳароратсанҷ
боло мебарад,
Бар замин хоҳам фурӯ рафтан
чу мехи оҳанин.
Ман аз ин тундар, ки мардиро ба хоки роҳ
яксон мекунад,
Ҷовидон кар мешавам.
Мункири бунёду асли хештан,
Бар худои нангу номӯсам
музаффар мешавам:-
Мурдаҳоро мефурӯшам, зиндаҳоро мефурӯшам,
Соҳиби бесоҳиби ганҷинаву зар мешавам...

Пешаи пешинаамро, санъатамро, ёд меорам,
Ҳар гаҳе, ки бесарон,
Бо сари сабзам бибозанд.
Ҳар гаҳе аз ман мани дигар бисозанд,
Ҳар гаҳе андар сару чашму дилам
Бо сумби мӯза табли пирӯзӣ навозанд...

## РӮЙИ СИЁҲИ ҶАНГ

Рӯйи сиёҳи ҷанг, рӯзи сиёҳи ҷанг, ваҳшату даҳшати он бо ҳама паҳлӯҳояш баъди муҳориба намоён мешавад. Вақте хомӯшиву сукути шаби кӯҳистонро нолишу фиғони мардона фаро мегирад, он гоҳ маълум мешавад, ки чӣ бераҳмӣ, чӣ гуноҳи нобахшидание одам ба одам раво дидааст.

Дар торикӣ сангу кӯҳ, гулу гиёҳ, ҷондору беҷон ҳама як ранг дорад, - ранги сиёҳ. Ман ба ин ранги ваҳшатнамо нафрат дорам. Ин ранги аҷал ҳазор ранги дилбеҷокунандаи ноаёне ҳам дорад: хуни ба хок оғӯшта, - сурх- сиёҳ, сиёҳ – сурх...

Шаб, вақте аз зери чодари сиёҳ садои нолаи аскарони захмин,- ин бачаҳойи бо арғамчин ба майдони ҷанг оварда, аз ду ҷониб баланд мешавад, ба назарам осмон ба замин пурӯ мешавад.

Дар чунин шабҳо рӯзи маҳшарро ба чашми худ борҳо дидаам. Ин шабҳо дар рӯзи рӯшан ҳанӯз ҳам ҳар гоҳу ҳар ҷо хоҳанд, пеши чашмам намоён мешаванд.

Мардеро дидед, ки бехудона бо худ гап мезанад, дадон ба ҳам месовад, қалам ё нохӯнашро мехояд, мӯшт гиреҳ карда ба миз ё девор мекӯбад, дашном медиҳад, касеро накуҳиш ё навозиш мекунанд.., ин манам!

Ин манам, ё онҳоеанд, ки монанди ман ночор аз ин сангари мардро бечоракунанда гузаштаанд. Дар майдони муборизa, шукри худо, пӯштамро касе надидааст. Аммо вақте сухан аз қатли ҷавонони

бегунох мeравад, илтимос, ба мани ҷанговари сангар дидаву камари ҷангро шикаста, аз мардиву мардонагӣ, аз шаҳомату ҷавонмардӣ афсона нагӯед!

Гӯши ман садоҳои дигареро дар худ дорад: садойи ҷонканиро, садойи инсонҳои ташнаи зиндагиро, садойи нолиши бачаҳойи захминро, садойи нолиши онҳоеро, ки бо ҷисми тирполо аз азоби дард розиянд бимиранд, аммо мурда наметавонанд...

Онҳое, ки дар бораи ҷанг китоб менависанд ё филм мегиранд, аввал назди ман биёянд, достони хунини Қобилу Ҳобилро аз ман бишнаванд. Дар ин ҷангнома ҳар кас бояд нақши худро бибозад. Нақши маро ҷуз худи ман ҳич кас бозӣ карда наметавонад:

- Очаҷон, мемурам!

- Оча, об! Об! Обам наметанеее!

- Садқаи акаи душман, зудтар мана куш, худам мурда наметонам!

- Паррронннн мана ака, номарди накун, парроннн!

- Камандир, аввал мана парронен!..

- Чува мана куштен? Очам дига бача надора! Ман мурам очам мемура, очаҷон, оооб!..

Магар чунин фиғонро, чунин нолаи ҷонкоҳи мардонаро метавон фаромӯш кард?!

Дар чунин ҳолат бароям дӯсту душман вуҷуд надорад. Дар чунин лаҳзаҳо ман мард нестам, балки як дарза хасу хошокам. Барои сӯхта хокистар шуданам як дона гӯгирд бас аст.

Маҳз дар чунин ҳолатҳо дарк кардам, ки бо ман, бо як заҳматкаши аз макру риёи сиёсат дуру аз

паи ризқу рӯзии худ саргардон чӣ хиёнати нобахшиданиеро раво дидаанд. Хеле ҳунармандона тавонистаанд, ки аз ману манҳо қотили бародари худро бисозанд...

Маҳз нолаи ҳамин ҷавонони бегунох, ки дина ҷисму ҷонашон саршори ишқу орзу буду акнун байни сангҳои кӯҳистон чун мурғи бисмил ҷон меканад, аз пеши чашмони сиёҳӣ гирифтаам пардаи ғафлатро бардошт.

Ва мани деҳқони сониву қумондони кунунӣ, ки ягона роҳи қасосу ғалабаро алайҳи рақибони ҳамтабори худ дар ҷангу куштор медидам, бо даҳшат фаҳмидам, худ низ монанди ин бачаҳои захмин, қурбониям, қурбонии сиёсату сиёсатмадорон. Қурбоние, ки тӯдае бемазҳабу беимон аз рӯйи мурдаи мо ба ҳадафи зишти худ расидаанд:

- Оча, очаҷон, мемурам!

- Очаҷон, об!..

Дар талвосаи ҷон модарони худро ёд кардану ба имдод хондани фарзандон табиист, аммо як бор аз падарон ёд накардани садҳо аскарони захмин маро сари андешае овард, ки мо мардон назди писаронамон сартопой гунаҳгорем.

Мо онҳоро маҷбурӣ ба майдони ҷанг кашидем!

Мо аз онҳо қотили бародари худро сохтем!

Онҳо зинҳор гуноҳи моро намебахшанд!

Модарон ҳич гоҳ сари гаҳвораи тифлон аз ҷангу хушунату зӯроварӣ “ алла” намегӯянд. Аз байни садҳо аскари захмин нафаре боре дар дами марг

“ падар! “ нагуфт.

Дарки ин ҳақиқати талх аз хоби ғафлат бедорам кард ва фаҳмидам, ки бачаҳои он тарафи сангар низ бародарону фарзандони мананд. Онҳоро сари тир кардан, дидаву дониста фарзанди худро, бародари худро қатл кардан аст.

- Оча, очаҷон, ман мемурам!

-Модарҷон, буваҷон, апаҷон, айяҷон, наник, онаҷон, мама, нанаҷон.., мурдан намехоҳам!..

Аз нолиши ҷонгудози ҷонкании ин наврасони ташнаи зиндагӣ, ин қурбониёни бееминнату арзони бозиҳои касифи сиёсат санги хоро ҳам об мешавад.

Акнун фаҳмидам, ки чаро мардуми мо ин қадар ба шеър ишқу эътиқод доштаанд. Инсони шабро дар чунин сангар рӯз кардаву зинда аз он берун омадаро танҳо тасаллои шоирона аз девона шудан, аз худкушӣ, аз ҷарпарӣ нигоҳ медорад...

*М. Нурулло, қумондон.*

**АЗ МУАЛЛИФ.** Ин марди сангардида нақл мекарду сиришкашро нигоҳ дошта наметавонист. Ҳақиқати дар баҳои ҷони садҳо қурбониёни бегуноҳ кашф кардааш барояш анҷом на, оғози ҷанг буд.

Ӯ медонист, ки якумр ин навҷавонони ошиқ бо нигоҳи пурсуолу маҳкумкунанда пешорӯяш рух намуда, зиндагияшро ба марги тадриҷӣ табдил хоҳанд дод. Медонист, ки аз тири ин нигоҳҳо паноҳгоҳе вуҷуд надорад.

Ин марди сангардида мегирист, зеро нагириста наметавонист. Зеро дар чашмаи чашмони заноне, ки бачаҳояшонро барои ҳич сари тир карда буд, дигар ашк намонда буд.

## МАРДҲО МЕГИРЯНД!

Баски оташгаҳи инсофи каён сард
шудаст,
Бардҳо* мегирянд.
Баски андар дили раҳмони замон
шафқат нест,
Дардҳо мегирянд.
Баски дар чашмаи чашмони занон ашк
намонд,
Мардҳо мегирянд!
Мардҳо мегирянд!

---

* Сардиҳо.

## НОМАЮ- ДИЛПОРАЮ

Вақте ҳавопаймоҳои нав рӯи қишлоқ пайдо шуданд, таги шикамашон дар офтоб барқ мезад. Ин ҷилойи мисли барф рахшону хунук тарсу ваҳми одамонро даҳчанд мекард.

Вақте тир ба сари мардум монанди жола мерехт, занон сарҳои худро дудаста дошта ба замин менишастад. Кӯдакон монанди чӯҷа зери домани модарон пинҳон мешуданд.

Баъди рафтани ҳавопаймоҳо онҳое, ки ҳанӯз дилу ҷигари намурдан доштанд, аз пайи гӯр кардани шаҳидон ва шустану бастани захми тирхӯрдагон мешуданд.

Як тифлаки бечораро, ки ба домони модари шаҳидаш даҳпанҷа часпида буд, ба зӯр аз ҷисми мисли ях сард канданд. Тифлаки берӯзӣ забон набароварда гунг шуда буд.

С. Ҳасанова,
Қаротегин.

# Дар таги борони тир

Охирин шаҳбоз аз парвоз монд,
Дар таги борони тир.
Вопасин фарёдро дар лаб нишонд,
Наъраи шайтони тир.
Ҷисми ман
Чун сайди захмин аст
дар дасти ту сайёд,
Пар бикан,
Пар бикан, аммо ба нармӣ пар бикан,
Дард таҳқир аст,
Таҳқир аст, таҳқир!

## ПУРХУНТАРИН ФОҶИАИ МИЛЛӢ

Фоҷиаи тоҷикон, ки дар поёни қарни бист ба вуқуъ пайваст, баъди аз даст рафтани салтанати Сомониён пурхунтарин, даҳшатноктарин ва печидатарин фоҷиаи миллист.

Шояд баъди сипарӣ шудани садсолаҳо оламу одам ба дарки он бирасад, сабабу оқибаташро холисонаву доварона таҳлилу таҳқиқ бикунад, ба дарки бераҳмии чашмнодиду гӯшношуниди бародар алайҳи бародар бирасад.

# Яке аз чунин рӯзҳо

Ҳавопаймоҳои ҳарбӣ чунон паст парвоз мекарданд, ки гӯё сарнишинонашон қасди болои бомҳо фаромадан ё мурғу чӯҷаҳои мардумро ҳисоб карданро доштанд.

Ҳавопаймоҳо хонаҳои ободу ҳавлиҳои пуродамро ҳадафи тирборон қарор медоданд, аммо мо қишлоқиҳои сода инро намефаҳмидем ва ба ҷойи пинҳон шудан якҷо ҷамъ омада шикори маргро осон мекардем.

Дар яке аз чунин рӯзҳо ду зоти қадпасти бадрӯй бист- си марди таҳамтанро пешандоз карда ба қатлгоҳ, ба соҳили дарё мебурданд.

На асиронро мешинохтем, на силоҳдоронро, аммо киву чӣ будани он ду гурӯҳ аз силоҳу либосашон маълум буд. Аввалиҳо гуреза буданд, дуввумиҳо гурезасуркун.

Мардони асир, - гурезаҳо, кафши даридаву либоси фарсуда доштанд ва бо вуҷуди азобу афсурдагӣ бақуввату тануманд менамуданд. Силоҳдорон, баракс, лоғару гарданборик буданд. Агар яке аз асирон мӯште паси гарданашон мефаровард, устухонҳош орд мешуд.

Ҷавонони таҳамтан ба он ду одамаки ба масал мехи гусола, на танҳо муқобилият намекарданд, балки ба истиқболи марги худ итоаткорона роҳ мекашиданд. Дере нагузашта ба маънии хомӯшии мардони асир расидем.

Аввал сояҳои сиёҳро рӯи барфи сафед дидем, сипас ҳавопаймоҳои оҳанини ҳарбиро. Ин мурғони оҳанини маргбор аз болои сари он бечораҳои худо паст парвоз мекарданд. Чашми силоҳ ҳар якеро ба нишон мегирифт.

Аҷиб буд, ки ҳавопаймоҳо садо надоштанд. Гурезагон то лаби ҷар расида, итоаткорона дар ҷой истоданд. ҳавопаймоён монанди каргас гирди сарашон ба парвоз омаданд. Манзарайи даҳшатноке пеши назар ҷилвагар шуд.

Асирон боре ба осмон нигоҳ накарданд.Баракс, ҳар қадар ба қатлгоҳ наздик мешуданд, ҳамон қадар сарашон мехамид ва нигоҳашон ба замин мехкӯб мешуд.

Ногоҳ садойи тирборон атрофро ба ларза даровард. Ҷавонмардон монанди барги хазон ба варта парриданд. .

Ин садои қотил пардаи гӯшҳоро низ пора- пора кард. Мағзандармағзи сарамон аз садои ғурришу таркиш пур шуд.

Ҳавопаймоҳо садо доштаанд, аммо гӯшҳои моро тарсу ҳароси бечорагиву нотавонӣ кар карда буд.

З. Бобоева,
Қаротегин.

## АЗ ДАФТАРИ БОНУВОНИ ФИРОРӢ

*“ АЗ ХУНИ ДИЛАМ ХОКИ ВАТАН
РАНГИН АСТ…”*

Ин рубоиҳо, ки аз дафтари духтараки фирории Вахшӣ бо номи зебойи Садбарг рӯбардор шудаанд, дар асл нав нестанд, балки моли мардуманд, ки вобаста ба воқеаву ҳодисаи рух дода таҳриру такмил ёфтаанд.

Арзиши воқеии ин таронаҳои кӯҳна- нави содаву пурғам пеш аз ҳама дар ҳолати ҳоли гӯяндагон ва замону макони ба вуқуъ омадани воқеъа зоҳир мегардад.

Ин сурудаҳойи маҳзуни бонувона гувоҳнома, балки айбномаеро мемонанд, ки дар замону макони муайян инсоне бар инсоне, балки ҷаҳл бар адлу фазл раво дидааст.

***

Эй дарёйи Панҷ аз ту аламҳо дорам,
Як даста гуле болойи мавҷо дорам.
Як даста гули чидаву як ночида,
Як хоҳари мусофиру танҳо дорам.

***

Фарзанди падар, муҳоҷири ҳарҷойӣ,
Чашмони сарам кӯр шуд аз раҳпойӣ.
Номӯси мана инҷа ба савдо монданд,
Эй акаи бенанг ту кай меойӣ?!

***

Ватан ба киҳо монду ғарибӣ тани ту,
Ҷойи кӣ кушод шуд аз рафтани ту?
Бегуна басӣ набуд, эй додари ҷон,
Ки хешу табори ту, шудас душмани ту?!

***

Дарёи калон гузар надодӣ акама,
Аз боғи Ватан самар надодӣ акама.
Душман, душмане, мурдат наёба кафана,
Моро куштан хабар надодӣ акама.

***

Гандумаки хушабаста меган мора,
Шоха ба замин реза меган мора.
Шоха ба замин резаҳо бисёран,
Дар Ватани худ гуреза меган мора!

***

Ғам дар дили мо, ғами ҷаҳон дар дили мо,
Гаснисаи* Душанбе шуда манзили мо.
Гаснисаи Душанбе маро танг омада,
Ғуломии ғуломак маро нанг омад.

***

Эй падари ҷон илой-илойӣ кардам,
Ҳаждаҳ сари сол ба ту вафойӣ кардам.
Ҳаждаҳ сари сол ба ноз парвардӣ маро,
Имрӯз ба ҳар даре гадойӣ кардам.

***

Раҳойи Қаротегин аҷаб сангин аст.
Рӯзи ба сарам омада заб нангин аст.
Гуфтам ба Қаротегин Ватандор шавам,
Аз хуни дилам хоки Ватан рангин аст.

***

Шинам, шинам, пеши худо зорӣ кунам,
Додар биёя роҳаша гулкорӣ кунам.
Душман, ки намонд раҳаша гулкорӣ кунам,
Хуноби дилам дар қадамаш ҷорӣ кунам.

***

Маҳ мераваду ситора пас мемонад,
Ёрам меравад, мана ба кас мемонад.
Ёри мана гӯ, ки ноҷавонмард будаст,
Як даста гула ба хору хас мемонад.

***

Шинам, шинам, ёди гули лола кунам,
Аз сӯзиши дил ҷигарма паркола кунам.
Додарма ҷудо куштанд, ёракма ҷудо,
Ҳайрон мондам, ғами киро нола кунам.

***

Эй очаи ҷон, шитоб, шитобон мерам,
Тӯшама биёр аз мулки ёрон мерам.
Хоки Ватанам хонаи ҷуғз асту шағол,
Дуома бидеҳ, ки Дашти Шерон мерам.

***

Оташ ба дилам сӯзиши гирён дорад,
Бечора дилам хумори шерон дорад.
Мардум меган шери худо меояд,
То омаданаш рӯбаҳ чӣ даврон дорад.

***

Ин роҳаки Навдӣ** чашмакойи чорум,
Дар пӯштайи Навдӣ додари хуншорум.
Худ гуфта будӣ, ки ҷураи ту мард аст,
Ин ҷӯрайи номарди ту шуд хундорум!

————————-

* Меҳмонхонаи " Душанбе"- и пойтахт дар назар аст, ки тирамоҳи соли 1992 истгоҳи фирориён буд.

**. Деҳае дар ноҳияи Ғарм.

## БАХТ МУФТ БА ДАСТ НАХОҲАД ОМАД!

Ба миллати қадимаву соҳибфарҳанги тоҷик дар тӯли мавҷудияташ ҳеч чиз ба осонӣ даст надодааст: На орзуи зиндагии инсонона, на умедиояндаи бидуни таҳдиду таҳқир, на ифтихои ватандорӣ, на хоҳишу кӯшиши кандани дому ҳалқаҳои бешумор…

Ҳатто истиқлоли муфту маҷонияш боиси таҳқиру истисмор ва дарду ғами ӯ гардид...

# «Байни ману писари шаҳидам…»

Хаёл мекардам, ҳич доруе дардамро дармон намебахшаду ҳич сухане диламро тасалло дода наметавонад. Аз дарди фироқ монанди мӯйи оташгирифта месӯхтам.

Ба ин дунёи дӯсткуши душманпарвар заррае дилгармӣ надоштам. Ҳар сутун ё мехи баландро медидам, худро хаёлан меовехтам.

Медонистам ба ҷанозаву худоии худкуш фатво намедиҳанд, аммо илоҷи дигар надоштам.Зудтар назди писарам рафтан мехостам.

Оқибат бандро ҳам интихоб кардаму ҷойро ҳам. Вақту соатамро интизор будам. Он рӯз оқибат хонаро хилват ёфтам.Байни ману писари ягонаам, ки қотилон пеши чашмам бо азоби алим куштандаш, як нафас роҳ монда буд...

Вақте тирезҳо мебастам, аз берун суруде ба гӯшам расид. Оне, ки аз дунё дасту дил шустааст, набояд аз суруду тарона сухан бигӯяд, аммо ман мегӯям, чунки на маргамон дар дасти худамон асту на зиндагиямон.

Сурудро шунида, байни тирезаи нимбоз шах шудам. Агар гӯям, ки суруд маро аз роҳи он дунё бар гардонд, бовар кунед.

Агар гӯям, ки ҳамин суруд дастамро аз қатли худам кутоҳ карда, нагузошт, ки сари дарду алам ин дунёву он дунёямро бисӯзам, нахандед.

Сурудро марде бо сӯзугудоз мехонд. Гӯиё барои ман ва ман барин модарони ғамзадаи бачамурда мехонд:

Шоҳмардат бовафо рафт,
Шоҳбайтат бесадо рафт.
Бачаат доди худо буд,
Бачаат назди худо рафт!..
Модари гирёни тоҷик,
Ҷони пурармони тоҷик!..

Панҷаҳойи шахшудаам, ки бандро мефушурданд, беихтиёр суст шуданд. Банд аз дастам афтод.:

Кӯҳи дарду ғам туӣ, ту,
Мотами мотам, туӣ, ту.
Модарӣ, модархудоӣ,
Ҳазрати Марям туӣ, ту!..
Модари ғамсӯзи тоҷик,
Рӯзии ғам, рӯзи тоҷик!

Ман дигар танҳо набудам. Суруд дардамро сабук кард, диламро тасалло бахшид, аз гуноҳ берун кашид.

Ба мехи баланду ҳалқаи банд нигариста, аз худу андешаҳоям шарм кардам:

Бачаат доди худо буд,
Бачаат назди худо рафт!

Гиребони тавба қабза кардам. Ман кистам, ки бо сарнавишт дастбагиребон мешавам?

Ман кистам, ки бо офаридгор қаҳру ғазабу даъвову иддао мекунам?

Маро зан не, санг меофарид, чӣ кор мекардам?!

Писари дар ҳич куҷо набударо насибам дид, зарур донист гирифташ...

Суруд ғамамро кушт. Дардбахш дармонашро дод, сӯзи дарду аламам кунд шуд.

Писарам, ки аз гиряву нолаи ман дар макони охираташ аҷаб не, нороҳат буд, минбаъд бо ҳамон табассуми ба худаш зебанда ба хобам медаромад. Акнун на танҳо ӯ, ман ҳам медонистам:

Бачаам доди худо буд,
Бачаам назди худо рафт!

Оё барои модари шаҳид тасаллои аз ин беҳтаре ҳаст?!

Н. Қурбонова,
Вилояти Хатлон.

**« МЕРАВАМ, МАРО БУБАХШЕД!»**

Солҳои панҷоҳум бо роҳхати комсомол аз Украина ба Тоҷикистон омадам. Ба яке аз мактабҳои деҳаи дурдасти кӯҳистон ба сифати муаллимаи забон ва адабиёти рус роҳхат гирифтам.

Барои як сол омадам, як умр мондам. Ишқ қисматамро, ҳаёту мамотамро ба ин марзу бум решапайванд кард.

Мӯъҷизайи ишқ буд, ки дар як сол забони ёрамро монанди забони модариям омӯхтам.

Ману шавҳарам хушбахт будем. Ба дунё омадани писарамон пайванди моро мустаҳкамтар кард.

Ҳайҳот, умри бахту шодии мо монанди умри гул кутоҳ будааст.

Падари раҳматиям, вақте зери осмони ситоразори боғчаамон бо дӯстонаш арақ мехӯрд, ҳар дафъа соқиро таъкид мекард:

- Даҳони шишаро банд, зудтар банд, ки осмон ҳасуд аст!

Мо механдидем. Мақоли дӯстдоштаашро нишонаи сархӯшӣ меҳисобидем. Вақте тақдир ба зиндагии шоҳонаи мо ҳасудӣ кард, он гоҳ ба маънии ҳикмати падар расидам.

Шавҳари ҷавону паҳлавонам якбора саратон гирифту монанди парвона гирди шамъ сӯхта хомӯш шуд. Ман мондаму тифлаки ширхора, дар кӯҳистони дурдаст, бо одамони нимхешу нимошно.

Қарор додам соли шавҳарамро гузаронда, сипас ба Ватан бар гардам.

Дар мазори шавҳарам аз рӯи суннати ниёгонаш чароғ гирондам. Тӯли як сол ҳар бегоҳи ҷумъа дастархон меоростам ва дар қатори дӯстону хешу табор, ба одамони ношинос ҳам нону намак медодам. Барои роҳгузарону мусофирон ба масҷид хӯрок мефиристодам.

Ба ҷо овардани ин ҳама расму ойини номафҳум ба хотири кунд кардани дард буд. Дилам монанди пилтаи чароғ месӯхт. Зуд- зуд кӯдакамро ба сина зер карда сӯи мазор медавидам.

Соатҳо канори гӯри шавҳарам менишастам, хаёлан бо ӯ гуфтугӯ мекардам, мегиристам, диламро холӣ мекардам.

Ҳарчанд сари хоки азизон рафтани занон мамнӯъ аст, мани насронимазҳаб ин қоидаро вайрон кардам.

Мазоре чунин харобу хорузор дар умрам надидаам. Дидани гӯристони хароб диламро ба дард меовард.

Онҳое, ки дар марги азизонашон рӯзҳо бехудона рӯйканиву мӯйканӣ мекунанд, ба ободонии манзили охирати онон ҳич таваҷҷуҳ надоранд, аммо хароҷоти худойиҳояшон, гоҳе аз базми арӯсӣ мегузарад. Мераваму ба мафҳуми ин чиз расида натавонистам.

Дар мазоре, ки ишқи сӯхтаи ман манзил дошт, гову моли деҳа бемалол мечарид. Говрона дар даст чорпо мерондаму овозамро дар саросари мазор сар дода фиғон мекардам.

Оқибат гирди марқади шавҳарамро шиғи оҳанин гирифтам. Соҳибони мазор аввал ғазаб карданд, сипас пайравӣ.

Ҳамчун муаллими собиқадор бар онам, ки вазифаи омӯзгор дар мактаб танҳо аз омӯзонидани фанни худ иборат нест. Доҳии фаромӯшшудаамон Ленин барҳақ муаллимро ойинаи деҳот номидааст.

Касбамро дӯст медорам, аммо аз натиҷаи корам чандон қаноатманд нестам. Дар ин водӣ бо ҷурми мо омӯзгорон, забони русӣ то кунун ҷоҳу мақоми худро наёфтааст.

Ба ҷойи он ки худ ба шогирдон забони русӣ омӯзонем, баракс мардуми деҳа аввалин шуда забони худро ба мо муаллимон меомӯзонанд.

Имрӯзҳо, ки фақру нодорӣ аксари муаллимонро мардикор кардааст, гоҳе дар мактаб худам аз чанд фан дарс медиҳам. Аз ҷумла, аз фанни забону адабиёти тоҷик.

Мераваму намедонам ҳоли шогирдон чӣ мешавад. Мераваму диламро гургони гурусна тала мекунанд. На монда метавонам, на рафтан, на нарафтан!

Дар кӯҳистон масъалаи сохтумону пайдо кардани маводи он осон нест. Хосса мактабсозӣ ва бино кардани иншоотҳои фарҳангу маърифат ҳамеша мушкил буд, аммо омӯзгорон сари ин масъала фикр намекарданд. Бо вуҷуди мушкилии касбам дар тӯли ним аср, ба мактаб, гӯиё ба идгоҳ мерафтам. Он рӯзҳоро дигар дар хоб хоҳам дид.

Бесарусомонӣ дар маориф охири солҳои ҳаштод оғоз шуда, дар давраи даргириҳо ба нуқтаи

охиринаш расид. Ҷанги воқеӣ ҳанӯз дур буд, аммо ҷанги фасодии ҷомеа дар ҳар қадам аз худ дарак медод. Аввал баъзе аз омӯзгорон ва мудирони мактаб ба дуздӣ даст заданд. Дигарон ба онҳо пайравӣ карданд.

Дуздӣ ба ҳукми анъана даромад. Мудири мактаб ойинаи барқади долонро дар шоҳидии шогирдон пӯшт карда ба хонааш мебурду ҳич кас мазамматаш намекард.

Ҳар кори калон аз хурд оғоз мешавад, хоҳ бад, хоҳ нек. Вақте дар пеши чашми шогирдон муаллимон ба кандану бурдани синфҳои таҷрибавӣ сар карданд, дунё дар назарам торик шуд.

Ин амали зиштро ягон бегона, ягон ғосиб мекард, ҳайрон намешудам. Ин корро худи ватандорон мекарданд.

Аз азал ҳамеша дар ягон гӯшаи дунё ҷангу пархош ҳаст. Ватани ман ҳам борҳо аз дами арраи ҷанг гузашт, аммо касе ёд надорад, ки мактаберо вайрон карда, барои худ хонаи боҳашамат сохта бошанд.

Ҳаёту мамотамро ба ин мулку мардумони меҳрубонаш бахшидаам. Худо шоҳид, заррае пушаймон нестам. Гилаам айбҷӯӣ не, аз меҳру муҳаббат аст. То ҳамин ҷанг ҳич куҷо рафтанӣ набудам.Дар паҳлӯи шавҳарам барои худ қабрҷогаҳ интихоб кардаам. Аммо баъди он чӣ дидаму шоҳид шудам, дигар истоданам имкон надорад.

Кӣ гуфта метавонад, ки рӯзе шиғи гӯри маро канда гирди оғилеро намебананд?!

Ҳар миллат чизҳои азизу муқаддас дорад, ки мактаб яке аз онҳост. Мактаб дар пеши чашми ҳама хор шуд. Хории мактаб хорузории миллат аст.

Маро бубахшед. Маломатам накунед. Кӯрнамак нестам. Нону намаки шуморо бисёр хӯрдаам. Нону намакатонро биҳилам кунед!

Ҷавониямро, орзуву умедамро, донишу фазилатамро- ҳар чӣ доштам, ба шумо бахшидам. Ҷисми бефараамро ба хоки аҷдодӣ мебарам.

Ба Ватан дастхолӣ рафтанам боке нест, аммо дарду аламиро бо дили холӣ аз ин мулки нозанин рафтанамро намегуфтам, дилам мекафид.

Маро бубахшед!

В. В. Менюк .

## *НОМАҲО – ДИЛПОРАҲО*

Мард бо чаҳор нафар кӯдакони хурдсолаш нони хушкро дар оби хунук тар карда мехӯрд.

Як пора нону як пиёла об дар гӯшаи хони фақирӣ рӯзии кадбонуи хона буд.

Дар ин хона ҳама гурусна буданд. Тифлаки навзо низ. Модар шир надошт. Тифл ғаш мекард, мегирист, пистони модарро гоҳ мегирифт, гоҳ раҳо мекард.

Модар пистонашро ба даҳони кӯдак гузошта, пораи нонро ба даст гирифт. Онҳоро марг дар чунин ҳолат дарёб кард.Як гурӯҳ силаҳдор ба хона даромада, як хонаводаро сари тир карданду рафтанд...

Мардум рӯзи дигар вориди хона шуда, даҳшати ду дунёро ба чашми худ диданд.Як ойила ғарқа дар хун мехобиду тифлаки аз дунё бехабар пистони модарашро бо фароғат комак мезад.Пистони модари шаҳид шир дошт.

М. Саидова.
Ноҳияи Кофарниҳон.

## САДОИ ГУРЗУ СИПАР

Садои гурзу сипар
Зи паси кӯҳи Қоф  мерасад бар гӯш,
Хамӯш!
 Марг аз зиндагӣ хунбаҳо ҳамехоҳад,
Дар баҳои ҳич, хунбаҳои ҳич!
Хамӯш!
Таҳмина менолад,
Хамӯш!-
Сози ишқ мемирад.
Арғануни зиндагӣ
Аз навои ҳич!
Хамӯш!..
Адуй дар ҳама давру замона,
На шонаҳои нозуки занонаро
Шарори чашми ориёнаро
ёд хоҳад дошт-
Аз ҷазои ҳич, дар баҳои ҳич!

***

Ман арӯси бевамондаи қарни ноҷавонмардам,
Ба рӯи осмони сифлапарвари ситоракуш
Зи тахти баланди зин
Мезанам бӯсаи мӯшт,
Бар офтоб механдам!
Ман Гурдофариди ношинохтаи  замонаам,
Лаҷоми аспи саркаши ғурурамро
Ба риши кӯсаи замона мебандам!-
Чуҳ!
Чуҳ!..

## *НОМАҲО- ДИЛПОРАҲО*

Бори аввал тифлакамро сина медодам. Бетаҷрибагиям тифлро мегирёнд. Ҳамин вақт ба ба синаам тир расид, аммо нафаҳмидам. Дардро ҳис накардам.

Бори аввал пистонҳои аз шир тарангшударо комак задани тифл худ хориши гуворову дарди ширине дошт.

Вақте кӯдак синаамро “ туф” карда аз гиря дамгир шуд, ба рӯяш нигариста ҳуш аз сарам парид.

Лабу даҳон, рӯй, парпечи тифл пури хун буд.

Фарёд мекардаму мардумро ба ёрӣ мехондам, аммо дар ҷавоб танҳо садойи тирро мешунидам.

Метарсидам ба рӯйи тифламкам нигоҳ кунам. Кӯдак рухсораву лабони хунолӯдашро ба синаи хуншорам молида, пистонамро аз нав гирифт ва дигар сар надод.

Тифл аз пистони захминам хунро бо шир, ширро бо хун мемакид.

Шамсия.
Вахш.

# «Фоҳиша фоҳиша ба дунё намеояд! »

Вақте ки душманони шавҳари бенангу орам, маро, зани бесоҳибашро монанди пӯстак ба рӯйи фарши хона чаҳормехам карданд, бешараф дар кучое бо киҳое мечангид. Бадбахт одам кушту кушта шуд, аммо нафаҳмид, ки бо кӣ барои чӣ мечангад.

Марде, ки номӯсу шарафи хонаводаашро муҳофизат карда наметавонад, марде, ки занашро таҷовуз мекунанду зинда мегардад, мурданаш беҳ! Дӯсташ намедоштам. Ӯ ҳам ошиқи ман набуд. Вазифаи шавҳарияшро иҷро карда- накарда хобаш мебурд.

Чанд сол бо оне, ки барояш қиммати як мурғро надоштам, зистам, то ки кинаву қасоси душманонаш ҳар ду бари рӯямро сиёҳ кунад.

Ҳолӣ ҳам байни обу оташ зиндагӣ мекунам. Ба маънии мақоли " хона не, ҳамсоя бихар!" дер расидам. Ҳамсояи дасти чапам бангӣ, ҳамсояи дасти ростам бангфурӯш аст.

Аз аввал ситорамон ба ҳам рост наомад. Аз дидори аввал номамро не, шавҳарамро пурсиданд:

- Шӯ дорӣ ?

- Неъ!- чашмак задам сӯйи мардакошон.

- Уҳ!- баробар нидо карданд модаҳо.

Маънии " Уҳ"- ашонро фаҳмидам. Ҳар зани танҳо барои ин ҷӯфтакҳои тоқ " Уҳ " ном дорад.

Ҳамсояҳоям, ки сояи якдигарро аз девор метарошанд, барқасди ман забон як кардаанд. Дар зинапояҳо рӯған мерезанд, лағжида меафтам, кайф мекунанд. Сари роҳам сатил ё тағора мемонанд, пешпо хӯрданамро дида, бо бачу качашон қоҳ-қоҳ механданд.

Мизоҷонамро аз он тарафи кӯча чунон гусел мекунанд, ки минбаъд аз сояаам мегурезанд.

Қарз мегиранд, ки барнагардонанд.Он қадар қарз гирифтаанд, ки якумр қарзашонро канда наметавонанд.

Гоҳе ними шаб дарро чунон мекӯбанд, ки гӯё дунё баохир расидааст. Оғӯши мизоҷамро сард карда тарсидаву ларзида сӯи дар медавам:

- Кушо, ҳамсоя, мо одамони худием!

"Одамони худӣ " гирёну нолон арз мекунанд, ки бача ё шавҳарашонро милиса бурдааст.

- Худо ҳафт пӯштата раҳмат кунад, духтари хеш, - зораву нола мекунанд, онҳо. Рафтем дари милиса. Туро ҳама мешиносанд.

Бадияшонро фаромӯш мекунаму медавам. Ҳамин ки харашон аз об гузашт, боз суратамро аз девор метарошанд...

Илоҷ медоштам, аз ин азобхона сарамро гирифта мегурехтам. Барои пули ин манзилро ба даст овардан аъзои баданамро тика-тика фурӯхтам.

Дар ин дунё ними одамон харидоранд, ними дигар фурӯшанда. Ҳар кӣ ҳар чӣ мефурӯшад: яке нашъа, дигаре нос, севвумин силоҳ, чаҳорумин зану бачаашро… Ман матоъи хусусӣ, тани худро мефурӯшам.

Чаро марди танҳоро касе маломат намекунад? Мардони танҳо аз занони танҳо камтар нестанд. Мардон танҳоянд, ки занон танҳоянд.

Маро занон бад мебинад. Нафраташон сабаб дорад. Бо ҳисси занона дарк мекунанд, ки шавҳарони аксарашон дар ин маҳалла аз пеши ман гузаштанд.Яъне шавҳаронашон ҳама шавҳари мананд. Ман шавҳари бисёр дорам, онҳо ҳамон якро ҳам надоранд.

Ба гумони ман фоҳиша он нест, ки тани худ, - моли худро мефурӯшад. Фоҳиша он аст, ки зану духтарони мардумро дар кӯчаву хиёбонҳо бо чашм, бо нигоҳи бешармона ҳар рӯз чандин маротиба таҷовуз мекунад.

Фоҳиша он аст, ки дар оғӯши зан ё шавҳари худ хобида, ба ҷойяш дигареро тасаввур мекунад.

Аксари зану шавҳарон солҳо таги як бом зиставу дар як болин сар монда, хаёлан зану шавҳари дигаронро ба оғӯш мегиранд.

Занон фоҳиша таваллуд намешаванд. Онҳоро мардони бешараф, хешу табори беномӯс, нодориву муфлисӣ фоҳиша мекунанд.

Маро ҷангу шавҳари беномӯс фоҳиша кард. Зани хонашин будам.

Тарбияи падару модари диндорро гирифтаам. Дар оилаи камбағалу хурофотпарасти мо қонуни " тавба кун, мумкин нест, нигоҳ накун, набин, накун, гуноҳ аст, айб аст, сарата хам кун, ба мардони бегона салом надеҳ... " ва ҳазорон " накун " – и дигар ҳукумфармо буд.

Мо ки зиндагии дигарро намедонистем, аз рӯйи ин ҳукм кӯркӯрона зиста, онро ба дигарон низ талқин мекардем.

Бори аввал дар ҳимояи худ овоз баланд кардам. Нуҳ моҳ ҳар рӯз чанд дафъа мурдаву зиста, фаҳмидам, ки худам қудрати кӯдакро ба дунё овардан надорам. Як хешдухтарамон дар хона бача зоида, худаш ҳам мурд, кӯдакаш ҳам.

Вақте чаҳордард миёнамро панҷа мезад, бечуръатона хоҳиш кардам:

- Маро ба таваллудхона баред!

Гуфтаму дар бало мондам. Хонаводаи худаму шавҳарам баробар ҳукмамро бароварданд:

- Мурӣ дар хона мемурӣ!

Гуфтаи онҳо шуд. Аз гум кардани хуни зиёд мурдам, манаҳамро бастанд. Рӯзам буд нашуда буд, зинда шудам, аммо кӯдакам мурд.

Шири мани бачамурда ҳанӯз хушк нашуда, шавҳарам зани понздаҳсола гирифт. Вақти ҷонбароии ҳукумати шӯро буд, арзамро касе напурсид.

Айни ҷӯшу хурӯшу хунталабии ҷанг, ҳама гурехт. Хусуру хушдоманам ҳам бо арӯсакашон ҷонашонро каҷ карданд. Мани дуҷон дар як ҳавлии калон танҳо мондам.

Мани моҳурӯзро, дар рӯзи рӯшан як гала нарғул дар хонаи худам таҷовуз кард. Ниқоб доштанд, аммо онҳоро шинохтам. Ҳамдеҳагони худамон буданд. Барои вазифаи рӯғании савдо бо шавҳарам ҳамеша таназанӣ доштанд.

Номардон ба рӯй ниқоб кашида ба таҷовузи зани рақибашон омаданд, аммо рӯи овози худ ниқоб кашиданро фаромӯш карданд.

Вақте ки чанд даррандаи аз арақу нашъа девона алами шавҳари номардро аз зани мушти пар мегирифтанд, кӯдак дар шикамам печутоби шадид оғоз карда, ба назарам чандин маротиба чапурост шуд.

Тифл дар батнам девонавор почак мезад ва гӯё модари таҳқир шудаашро наҷот додан мехост. Оқибат муқобилияташ суст шуда, аз ҳаракат монд.

Кӯдакам дар батнам мурда буд. Ба марги тифли назодаам шукр кардам. Шукр кардам, ки таҷовузгарон ниқоб доштанд ва ман қотилони шаъну шарафамро, қотилони тифлаки назодаамро-чашмони хунгирифтаву одамхӯрашонро, сурати зишташонро, надидам.

Баройи ҳар зани фоҳиша як марди беномӯсро бояд ба дор кашид!

Кадом зан мардеро таҷовуз кардааст?

Кадом галаи хук якбора болойи як хуки мода савор шудааст?..

Бо либоси даридаву тани хуншор, задаву хеста назди хусуру хушдоманам расидам.Қиссаи бадбахтиямро гӯш накарда, хушдоманам худро ба хона зад. Хусурам, пиракии беимон аз номи писараш маро се талоқ кард.

Чанд шабу рӯз аз даруни ҷӯяҳои пахтаву қамишзорҳо шикаммола роҳ гашта, ба хонаи худамон мурданӣ омадам. Аммо баройи падару модари худ ҳам ҳарому шарманда будам.

Баъди ин ҳама таҳқиру бераҳмӣ бояд худкушӣ мекардам, аммо ҷон ширинӣ кард.

Аз ин ҷо ронда, аз он ҷо монда, худро ба шаҳри калон, ки маро касе намешинохт, расондам. Дар кӯчаву бозор гуруснаву нимурён, байни одамони монанди худам ҷангронда сарсону саргардон мегаштам. Бозор бо ман хеле чиз омӯхт. Пеш аз ҳама фиреб додану дурӯғ гуфтанро.

Аз занони таҷрибадори бозорӣ ба сурати худ нигаристан, худро ороставу пироста кардан ва нозу ишворо омӯхтам. Онҳо ба навбат маро ба савдо гузоштанд.

Ҳарчанд аз рӯи ҳамин пешаи рӯсиёҳ нон мехӯрам, аммо ҳолӣ ҳам фоҳишагиро наомӯхтаам. Аллакай бозорам касод, баданам хаставу фарсуда, оби рӯям коҳидааст.

Онҳоеб ки гумон доранд фоҳишагӣ кори осон аст, хато мекунанд. Фоҳишагӣ осон мебуд, ҳама фоҳиша мешуданд.

Н.Н.
Ш. Душанбе.

# САФАР БА МАЗОРИ ЗИНДАҲО

Фурсати меҳмонии мо дар хонаи дӯст тӯл кашид, аммо чӣ илоҷ. Дар зери ин чархи беинсофу кажрафтор ҳар чизро аввалу охир ҳаст, ҷуз меҳмонии афғонҳои овора дар мамолики бегона.

Мо чандин Ватан дорему чандин мазор, аммо якеш ҳам насибамон нест.

Аслу насабам аз Бухорост, аммо дар куҷо будани Ватани аҷдодонамро намедонам. Бобоёни моро амири манғит Олимхон иҷборӣ ба ин сӯи дарё овард.

Ману фарзандонам афғонем ва диёри дигареро намедонему намешиносем. Беш аз бист сол аст, ки Кобулро надидаам. Мегӯянд шаҳр-мазор аст,- мазори зиндаҳо.

Оре, фурсати меҳмонии мо тӯлонӣ шуд. Аммо ҳар чизро аввалу охир ҳаст. Ҳамдиёрони ба меҳмонӣ одат кардаро бояд хотирнишон кард, ки сабру таҳаммул ва меҳрабонӣ низ андоза дорад:

Ба хонаи дӯсти худ биссёр нарав,<br>Ҳарчанд азизӣ, оқибат хор шавӣ!

Ҳар кадбону соле як бор дар арафаи иди наврӯз хона метаконад. Беш аз бист наврӯз аст, ки мо меҳмонем. Як насли афғонҳойи фирорӣ рӯи фаршҳои зебойи иронӣ ба воя расид.

Кадбонувони мо низ суфраҳои холиро афшонда, хонаҳои худро оростан мехоҳанд. Худовандо хону хонаашонро ҳамеша ободу пур аз нозу неъмат дорад.

Бархе аз ҳамдиёронам тавассути созмонҳои байналмиллалӣ мехоҳанд фурсати зисти худро дар ғурбат тӯлонӣ кунанд, аммо на ман.

Дигар тоқати як лаҳза истодан надорам. Ватанамро, хонайи вайронаамро пазмон шудаам. Бар мегардам.

Ҳамватанони ман ҳангоми дари ғурбатхонаро аз паси худ пӯшидан, набояд шукру сипосро фаромӯш кунанд.

Дар ин чанд соли мусофириву сарсонӣ аз суфраи дӯст он қадар нону намак хӯрдем, ки бо ҳич мизон онро наметавон бар кашид, ҷуз мизони инсоф, ҷуз мизони шукронаву миннатдорӣ.

Фурсати бозгашт фаро расида аст. Фурсати талх-ширини бозгашт ба Ватане, ки номаш Афғонистон аст, аммо дараш ба рӯйи ватандорон баста.

Медонем, мо ба боғшаҳр ё биҳишт бар намегардем. Моро дар меҳани ҷангзада манзилҳои харобу мазорҳои пур аз мурдаи афғонҳои бечора интизоранд.

Ман ҳам монанди ҳазорон ҳамдиёрони сарсону овора дар меҳани худ манзилу сарпаноҳ надорам, аммо бар мегардам. ҳамдиёрони ғарибам садди роҳам мешаванд, бо ҳазору як панду ҳикмат тасаллоям медиҳанд:

*Ватан он ҷо, ки озоре набошад,*
*Касеро бар касе коре набошад!*

Дигар ҳич гуна панду насиҳатро ҳоли пазируфтан надорам, зеро бар онам, ки ватан он

ҷоест, ки ҳар гулу гиёҳу сабзааш бароят азиз асту пур аз меҳру хотираи ширини зиндагӣ.

Ҷаҳонро метавон саросар давр зад, аммо бозгашт ба хати охирини ист ҳатмист. Ба хоке, ки дар он хуни нофат рехтааст ва хокатро аз он гирифтаанд.

Дар мазори ғарибон сари гӯри шавҳарам санги сиёҳе гузоштам, монанди рӯзиву сарнавиштамон. Умр бақо кунад, ба ин мулки меҳрабони аз меҳрабонӣ хаста, бар хоҳам гашт, то ки ҷанозаи пирамарди ғарибхокро, ки якумр хона обод кард, ки вайронаш кунанд, ба мазори аҷдодӣ бубарам:

*Илоҳо, бишканад дасти камонсоз,*
*Ки аз дасти камон бехонумонам!..*

**Шамима ҲАБИБ, фирорӣ аз Афғонистон.**

**Машҳад.**

# “ САНГОНИ ВАТАН МАРСИЯХОНӢ КАРДАНД…”

Онон чу ба ҷаҳл ҳамзабонӣ карданд,
Сангони Ватан марсияхонӣ карданд.
Занҳои фусурда гӯркобӣ карданд,
Тифлони гурусна мурдабонӣ карданд.

***

Эй ҷону дилат нисори дунё, модар,
Дар зилзила такядори дунё, модар.
Дар домани меҳри хеш парварда ҷаҳон,
Дар мотами шони хеш, танҳо модар!

***

Монандаи боде, ки шарарро бикушад,
Монандаи шоме, ки саҳарро бикушад.
Аз ишқу умеди зиндагонӣ модар,
Зодӣ ту якеро, ки дигарро бикушад?

***

Дар оташи дашт бо саробам монданд,
Бар оҳани тафта чун кабобам монданд.
Ёрон кушта дар офтоб нагзоранд,
Ёрон кушта дар офтобам монданд!

## ИСТИҚЛОЛ МОНАНДИ СОҒАРИ БУЛУРИСТ!

Истиқлол монанди ҳама мафҳумҳои ҳаммаъниии ҳаёту мамот захмати пайваставу ҳамешагии фазлу хирад, рӯҳу ҷон, ишқу ормонро хостгор аст.

Истиқлол монанди соғари булӯринест, ки онро дар тоқи аз ҳама болои ҳушёрӣ, хушдорӣ, ва эҳтиёт нигоҳ бояд дошт!

## “ БӮЙИ ГУЛИ ЁС ДАР ДИМОҒАТ КУШТАНД…”

Эй ҷону ҷаҳон, ҷаҳон надида рафтӣ,
Аз боғи мурод гул начида рафтӣ.
Ёрони ту сархӯшанд аз бодаи ишқ,
Ту лолаи хуни худ шамида рафтӣ.

***

Модар, модар , сабри худо бар ҷонат,
Гулгашти ту шуд мазори фарзандонат.
Гулдӯзӣ бикун дарду ғами гирёнат,
Дар парчами пора- пораи армонат.

***

Бӯи гули ёс дар димоғат куштанд,
Чун ғунчаи нозанини боғат куштанд.
Пайғому паёми рӯшаноӣ будӣ,
Дар зулмати шаб мсли чароғат куштанд.

***

Аз модари бечора писар хостаанд,
Аз шохаи хушкида самар хостаанд.
Сар монд ба пойи қотилон, ҷони ҷаҳон,
З – ӯ ҷойи писар ту гӯӣ, сар хостаанд.

## « ДАР ИН ҶАНГИ ХУНИН…»

Ҳар миллат бо насли озмудаи соҳиби фарҳангу тамаддун ва зодаи таҷрубаву камоли як қарни омӯзиш, ба қарни дигар қадам хоҳад гузошт.

Агар зодани як инсон сад соли заҳмати хунии аҷдодро дар бар бигирад, тавлиди як насли баркамоли донову тавоно чанд қарнро мехоҳад.

Мо дар ин ҷанги хунин беҳтарин, зеботарин, ошиқтарин насли тоҷикро аз даст додем ...

## " АЗ ТУРБАТИ МАН ГУЛИ АЛАМ ХОҲАД РУСТ!.."

Аз ишқ фиғони ҷовидон хоҳад монд,
Аз ашк ҳаме Вахши равон хоҳад монд.
Азбас ҳамагон барои нон ҷон додем,
Аз пайкари ҷон, пайкари нон хоҳад монд.

***

Рафтӣ, рафтӣ, нагуфтаҳо дар дил монд,
Аз хоки баланди ишқ обу гил монд.
Қотил ба муроди сиёҳи хеш расид,
Дар гардани Қобил хуни Ҳобил монд!

***

Аз синаи хоки тира хоҳам рӯид,
Аз зулмати шоми тира хоҳам рӯид.
Аз боди сағирае гарам хомӯшам,
Аз хотираи кабира хоҳам рӯид.

***

Аз турбати ман гули алам хоҳад руст,
Шабнам зи рами дидаи нам хоҳад руст.
Ҳарфе, ки нагуфтаму ҳарифе нашунид,
Охир зи дами теғи қалам хоҳад руст.

## СОЛЕ ПЕШ АЗ ҶАНГ

Соле пеш аз ҷанг занон гӯё бо ҳам маслиҳат карда ҳама писар мезойиданд.

Садои дафи шодиву хурсандӣ дар манзиле поён наёфта, аз ҷойи дигар боло мешуд.

Ҳамсари ман, ки дар орзуи духтар буд, низ ду писар таваллуд кард.

Хабари се писар зойидани навзое касеро ҳайрон накард. Фасли писарон фаро расида буд.

Саховати ғайритабиийи табиат, ки дар равиши созгорияш мизони баробарӣ ҳамеша риоя мешавад, оқибат мардумро андешаманд кард.

Фарзандон атои офаридгоранд. Ба дунё омаданашон камоли хушбахтист. Аммо фаро расидани фасли соф нарина аз қадимулайём нишонаи ҷанг будааст.

Писарон дар арафаи хунинтарин фоҷиаи миллӣ пайи ҳам гӯиё барои он ба дунё меомаданд, ки ҷойнишини падарони шаҳид шаванд, аз ҷанг ҷанг биомӯзанд, бо кинаи қасос мард шаванд.

То рӯзе фаҳмидаву нафаҳмида, худ низ барои ҳадафеву ақидаи ночизе силоҳ ба даст бигиранд, бикушанду кушта шаванд.

Алҳақ, як ҷанг баҳонаи ҷанги дигар, як фоҷиа давоми фоҷиаи дигар, як қурбонӣ нишонаи қурбониҳои дигар будааст!..

Ҳ. Салим.
Вилояти Суғд.

## БАҲОР ДАР РОҲ БУД…

Фарорасидани баҳорро пеш аз ҳама набототу ҳайвонот ҳис мекунад. Баҳор дар роҳ буду ҷанг аз дунболааш кашола.

Дар ҷанг на танҳо одамон, ҷуку ҷондор, гулу гиёҳ, долу дарахт ҳам азоб мекашад, қурбон мешавад.

Мо инро ба чашми худ дидем. Ҷанг шуду пеш аз одамон дарахтон азо гирифтанд.

Фасли шукуфтани себҳои хубонӣ буд, аммо нашукуфтанд. Гӯё ба сарашон лахча рехтанд, сиёҳ шуданд.

Ин дарахтони шаҳдрез, ин ризқу рӯзии як ноҳия, дар рӯзи сиёҳи мардум на ғунча бастанд, на гул карданд, на ғура. Ғунчаҳои буда дар навдаҳо ранг бохта, хушк шуданд. Себҳо бача партофтанд.

Дарахтон сиёҳпӯш буданд. Баргу муғча, шохаву танаи дарахтон сиёҳ буд.

Ба ҳоли занони бесоҳиб себҳои хубонӣ мотам гирифтанд. Гӯё дарахтони себ ҳам монанди мо бева буданд.

Дар он рӯзҳои даҳшаток аз себҳои хубонӣ беҳтару наздиктар хешу ғамгусоре надоштем.

Ҳолӣ расм шудаст, мардуми пулдор ба ҳаммому бозору кӯчаву мактабро.., номи падару бобову хусуру хушдоманашон.., мегузоранд.

Аз пайи ризқу рӯзӣ дар мулкҳои дуру наздик сарсону саргардонем. Шояд рӯзе дар кӯчаи мо ҳам тӯй шаваду ба мурроду мақсадамон бирасем. Ва дар таги яке аз себҳойи пургули хубонӣ, ки давроне бо

мо азо гирифта буд, дастархони базми занона бикушоем.

Аз рӯйи инсоф мебуд, агар як кӯҳи баланди диёрро Себи Хубонӣ номгузорӣ мекарданд.

Гулшан.
Алма- Ата.

## МОДАРИ ГИРЁНИ ТОҶИК…

Модари гирёни тоҷик,
Ҷони пурармони тоҷик,
Қуллаи рӯҳи ту болост,
Аз ҳама аркони тоҷик!

Он ки Қобилро ба Ҳобил,
Кард дар сангар муқобил,
Ҳафт пӯшти тоҷиконро
Буд қотил, ҳаст қотил!

... Бачаи ту зар намеҷӯст,
Чавкиву минбар намеҷӯст,
Пушти пушта, қуллаи кӯҳ,
Чавкии ӯ, минбари туст!

Шоҳмардат бовафо рафт,
Шоҳбайтат бесадо рафт,
Бачаат доди худо буд,-
Бачаат назди худо рафт!

Дар набарди пастрӯҳон,
Рӯҳи ту кайҳони мо шуд.
Ҷони захмини ту модар,
Қуввату дармони мо шуд!

Эй гули сангар шикаста,
Эй дили ёвар шикаста,
Аз ғами ту дар мазорон,
Гул бирӯяд даста- даста.

Дар гулистонат хазон аст,
Дар ғамистони ту наврӯз,
Кӯдаки гаҳвораатро
Шеваи пирӯзӣ омӯз.

Кӯҳи дарду ғам туӣ, ту,
Мотами мотам туӣ, ту,
Модарӣ, Модархудоӣ,
Ҳазрати Марям туӣ, ту!

Модари ғамсӯзи тоҷик,
Рӯзии ғам, рӯзи тоҷик.
Дар мусибат,
Дар муҳаббат,
Дарди сабромӯзи тоҷик!

Эй сару сомони миллат,
Пояи аркони миллат,
Давлати бедори миллат,
Нанги миллат, ҷони миллат!-

Модари гирёни тоҷик,
Қиблаву имони тоҷик!..

# ҲУКМИ ҚОТИЛУ МАҚТУЛ

Фоҷиаи тоҷик дар оянда Софоклҳо, Фирдавсиҳо, Шекспирҳои худро рӯи саҳнаи адабиёту ҳунар хоҳад овард, зеро шоҳидони ночору бечораи ин даҳшату ваҳшати ақлрабо ба шарҳу баён, доварӣ ва тасвиру таҳлили он қудрат надоранд.

Кадом мақтул ҳукми қотили худро баровардааст?!

**« ИН ҶАНГ КӮДАКОНРО ҲАМ ПИР КАРД...»**

Дардам доданд, дармонам надоданд. Ғамам доданд, имкони гиристану диламро сабук кардан надорам. Дарду аламамро нагириста мемурам.

Дилам пури зардоби гиря шавад, монанди мурғи тухмкун ҷой мекобаму боз ҳам аз анбори пури мӯш ҷойи беҳтаре намеёбам. Худро ба анбор мезанаму зардоби дилама ҷар мезанам.

Ҳамон дам садои даҳдаста дарро кӯфтани набераҳоям баланд мешавад. Ҷойи дарду алама дар дилам қаҳру ғазаб мегирад. Ҳафтоду ҳафт пӯшташон бедашном намемонад. Дашном додани мани сарсафед айб аст, аммо метарсам сари қаҳру ғазаб дуои бадашон накунам. Дуои ғамзада санга шикоф мекунад.

То аз анбор берунам накунанд, ҳар чӣ ёбанд, санг, чӯб, кафш.., ҳамаро ба тикаи дили дар мекӯбанд. Як чизҳое талаб мекунанд, ки дар хобам надидаам. Медонанд, ки ба қанд гуфтан даҳон ширин намешавад, медонанду барқасд мекунанд.

Падару модарашонро дар пеши чашмашон куштанд, аммо бовар намекунанд. Баройи он бовар намекунанд, ки барои бача марг вуҷуд надорад.

Аз доду фиғони мани ғамзада на танҳо бачаҳо, ҳамсояҳо ҳам безор шудаанд. “ Дил сӯзад, аз чашми кӯр об меравад, “. Дилам монанди пилтаи чароғ месӯзад, чӣ хел нанолам?!

Духтари моҳатро, домоди шоҳатро айни гулшукуф, дар пеши чашмат монанди ғунчаи гул

калакан кунанд, се кӯдаки бесоҳибро сарборат кунанд, дилат намесӯзад?

Одам маҷбур шавад, чӣ корҳое намекунад. Дилам пур шавад, бунга * мекашам. Бунга мекашаму сабук мешавам.

Ҳамин ҷо ҳам бачаҳо ҷойи ҷонамро гирифтанд. Бунгаамро ваноғ- ваноғ карданд. Вақте шайтонияшона фаҳмидам, аввал хандидаму баъд зор- зор гиристам.

Ин ҷанги одамхӯр кӯдаконро ҳам пир кардааст.

“ Ҳум ҳум ҳуми ҳум ҳум ҳуми ҳум ҳум ҳуми ҳум...”- зардоби дилама бунга мекашам худбахуд.

“ Садбарги сафеди гӯшаи дегдонум… “ – зуд сар овозамро мегирад набераи хурдӣ.Ва овозам дар гулӯям дар мемонад. Балои ҳудо, ҳолӣ хуб забон набаровардааст, аллакай маро сӯз медиҳад.

Суханонеро такрор мекунад, ки ман нагуфтаам, балки оҳангашро дар ғулуқи ғамам печонида аз димоғ берун кардаам.

Бори аввал гӯё сари гуноҳи азиме дастгирам карда бошанд, музтар мондам. Баъд дарро кушода гирду атрофро аз назар гузарондам. Хайрият касе набуд. Кӯдакро ба анбор даровардам. Донистан мехостам, ин корро аз пеши худ кардааст ё касе ёдаш додааст. Ман бунгакашиямро давом додам. Кӯдак мижа таҳ накарда суханони ба забон наовардаамро такрор кард:

Садбарги сафеди гӯшаи дегдонум,
Ба духтари сиёпичама хонабонум !

Бунга-байдамро дигар кардам, кӯдак ҳамоно сари овозамро гирифт:

*Тарки сарамо мисоли чӯби тар сӯхт,*
*Ҷону ҷигарам барои як духтар ** сӯхт .*
*Ғамҳои дилма дар қади ов сар додам ,*
*Сангойи қади ҷӯйбор сар то сар сӯхт!..*

Ба ёдам омад, ки дар осоиштагӣ ин байдҳоро дар маъракаҳо мардум мехонданду онҳоро бачаҳо ҳам аз ёд кардаанд. Албатта муаллими ду хоҳари хурдӣ калонӣ аст.

Ман мегиристаму бунга мекашидам, ӯ механдиду суханони нагуфтаамро такрор мекард.

Ин тарзи байдгӯӣ минбаъд ба дигар набераҳо ҳам форид. Давра гирифта мешинем, ман бунга мекашам, онҳо суханонашро мегӯянд.

Бачаҳо пухта шудаанд. Мисли пештара баҳудаву беҳуда ғаш намекунанд, савол намедиҳанд. Ятимон зуд ба воя мерасанд. Ятимакони ман ҳам боақл шудаанд. Маро гирён бинанд, мисли гули беоб пажмурда мешаванд.

Худамро даст мегирам. Зӯракӣ табассум мекунам. Оби дидаамро аз кӯдакон пинҳон медорам, аммо дилам пури гиряву нола аст. Ба худо дарду аламама ҳамроҳ ба гӯр мебарам.

*Кампири Солеҳамоҳ.*
*Вилояти Хатлон .*

---

* *Бунга. лаҳҷа. Бонгак- бонги ғамолӯд.*

** *Дар асл " Ҷону ҷигарам барои як модар сӯхт" , аст, аммо пиразани духтарашро дар ҷанг гум карда, вобаста ба алами худ онро тағир додааст.*

# Хулосаи бемантиқии ақидаҳо

Ҷангҳои олам аксар хулосаи бемантиқии ақидаҳои мухолифанд. Хулосаи хунини ақидаҳои ҳазённамову носозгоре, ки дар тангнойи ҳастӣ бо ҳақиқат сарбасар зада, сабабгори қатли ом ва худкушии беҳадафу бехудонаи милюнҳо хоҳанд шуд.

## *НОМАҲО- ДИЛПОРАҲО*

Мегӯянд одамизод ба ҳама чиз одат мекунад, мо ба садои тир одат карда натавонистем.

Тирҳое, ки мову кӯдакони моро аз осмону замин ба нишон мегирифтанд, гуногун буданд: нугтез, нугкунд, дароз, гирд, монанди қир сиёҳ...

Аммо тирҳо дар асл ранги хокӣ доштаанд. Инро он гоҳ фаҳмидам, ки аз байни нони гарм тир ёфтам. Тиру нон ҳамранг буданд.

Заррагул.
Дарраи Ромит.

# « ҶАНГ ШИРМОҲИРО НИЗ ХУНХОР КАРД…»

Ҳатто рӯзҳое, ки садойи тир аз паси девор шунида мешуд, сари замин мерафт. Вақти кишт буду трактораш сари замин монанди аспи зинзада интизораш.

Мерафту дере нагузашта сархаму дилшикаставу хомӯш бар мегашт. Ҷониби тифлаконаш, ки аз оламу одам бехабар бозӣ мекарданд, дер гоҳ менигаристу оҳ мекашид.

Писаронам ҳар се деҳқон буданд. Роҳравак ки шуданд, мани беинсоф ба миёнашон фартук* баставу як бурда нон ба дасташон дода монанди баррача онҳоро ба пахтазор сар медодам.

Падару модари бачаҳойи ман пахта буд. Ҳолӣ, ки об аз сарам гузаштааст, инро фаҳмидам. Он вақт як бор фикр накардам, ки кӯдак бояд дар домани модар тарбия ёбад, на дар пахтазори нами пурмору каждум. Бача бояд бӯи модарро дар димоғ дошта бошад, на бӯи доруи пахтаву мошинаи пахтачиниро.

Кӯдаконам аз кӯдакӣ маҳрум калон шуданд. Аз гириди камари худам ҳам то ҳолӣ пайи банди фартук нарафтааст…

Дар киштзор гулулаҳо метаркиданду писараи деҳқонам дар сар хаёли киштукорро дошт. Мавсими кишт ба охир мерасид. Ба заминҳойи бекорхобида менигаристу дилашро гургон тала мекарданд.

---

* *Халтаи махсуси карбосӣ баройи пахтачинӣ.*

Маломаташ мекардем, ки беҳуда худро дар дами бало андохта, сари кишти беодаму бесоҳиб меравад. “ Аз қисмат ҷойи гурез нест,” мегуфту мерафт. ҳар гоҳ, ки бар мегашт, қоматаш ба назарам як ваҷаб кутоҳ менамуд.

Тракторашро тарконданду равуойи сари заминро бас кард, ҳарчанд чашми рӯз накафида аз дар берун мешуд. Баъд фаҳмидам, ки бо дӯстонаш аз рӯйи роҳҳо, аз даруни ҷӯйбору киштзор ҷасадҳои сагхӯрдаву бӯй гирифтаро ёфта, ҷаноза карда ба хок месупурдаанд.

Яке аз силоҳдорони хунхор, ки бо шунидани номаш дар лаби одамон табхол медамид, ҳамсинфу дӯсти бачагияш буд. Он рӯз тасодуфан дучор омадаанд.

Писарамро дида бо савлату ғурур оғӯш кушодааст, аммо ӯ на танҳо ба саломашро алейк нагирифтааст, балки бо дашному таҳқир қотилро сӯйи заҳбури пур аз ҷасади ҷавонон кашола кардааст. забони сурхаш сари сабзашро бар бод дод.

Ҳукмномае, ки бачаи деҳқонам пеш аз ҳама додгоҳу додхоҳ ба он хунмасти ғаддор баровард, баҳойи ҷони ҷавонаш шуд.

Ӯ дигар ба хона бар нагашт. Гум шуд. Бародаронаш, ки то ин ҳодиса, бетарафона ҳар ду тарафи даргирро маломат мекарданд, аз пайиниқор силоҳ ба даст гирифтанд. Дар ҷустуҷӯяш ба сад шикофу хандақ сар мезадем. Он гоҳ одамон чанд хел гум мешуданд.

Якеро картошкачинӣ мебурданд,- яъне дар киштзор қатл мекарданд.

Дигареро моҳигирӣ мебурданд, - яъне кушта ба дарё мепартофтанд.

Севумиро дар алвончак бод медоданд, - яъне ба дор меовехтанд...

Миёнамро баста тамоми ҷуқуриву пастӣ, ҷӯйбору каналҳо, шикофу хандақҳоро аз сарубар палмосидам. Чандин ҷанозайи ҷавонмардро бо чашми асоям пайдо кардам, аммо аз ҷигарбандам дараке набуд. Сафамон меафзуд. Фарзанду хешу табор гумкардагон бо ман мепайвастанд.

Гӯё лаблабу ё картошка мечиндам. Бо эҳтиёт нӯги асоро ба замин мехалондам. Асобелча ба чизи сахте бар хӯрад, панҷаҳоро ба кор меандохтам.

Як дам аз ҷустуҷӯ фориғ набудам, аммо ба марги фарзандам бовар намекардам.

-Зиндааст, зиндааст! Албатта ба хона бар мегардад. Ӯ ба ҳич кас кор надошт, дар дунё адолат будагист! – худрову бародаронашро, зану фарзандонашро тасалло медодам ман.

Он субҳ асоямро гирифта рафтанӣ будам. Ногоҳ аз дур одамони зиёдеро дидам, ки аз гардиши кӯча сӯи хонаи мо печиданд. Писаронам пешопеши мардум меомаданд.

Дунё дар назарам торик шуд. Замини зери поямро ларза гирифт. Мехи замин шудам.

Писаронам тобӯти тари обчаконро рӯйи ҳавлӣ гузоштанд. Писари калонӣ сарашро кӯдаквор ба синаам гузошта оҳиста гуфт:

- Бачата ёфтем!

Худро рӯи халтаи тар афканда, онро пора кардам. Рӯйи писарам, ки мисли қоғаз сафеду пур аз

нур буд, намоён шуд. Мегӯянд, рӯйи мурда хунук мешавад. Рӯйи писари ман гарм буд.

Гӯиё хоб буд. Аз кор хаста меомад. Хурокашро нахӯрда дар ҷои нишасташ хобаш мебурд. Ҳамин шакл мехобид, ором, рӯй сини осмон, бо либосҳои корӣ.

Рӯяшро бӯсидам. Тару сард буд. Хоб буд, хоби ширину сангини ҷавонмардона. Захми хунину кушода надошт. Сарамро рӯи синааш гузоштам. Худоё, дили бачам дил мезад. Фарёд задам:

- Бачаам зинда аст, мардум!

- Оча, очаҷон! – аз ду тафам доштанд, писаронам.

- Ба худо, писарам зиндааст! - гуфтам, ҳозиронро ба шоҳидӣ даъват карда.- Зудтар либосҳои тарашро кашед, ки бемор мешавад.

Фиғони мардум ба осмон дака хӯрд. Чашмам ба чашми писари калониям афтод. Оне, ки дар сабру тамкин мисли санги осиёб вазнин буд, ба худаш заррае монандӣ надошт. Рангаш, рӯяш, нигоҳаш тағйир ёфта буд. Чашмонаш гавҳарак надоштанд, танҳо аз сафедӣ иборат буданд.

Чунин чашмони бегавҳаракро дида будам, аммо дар инсон не. Вақте гурбаамон мезоид, аз дард гавҳараки чашмонаш калон шуда, бо сафедӣ мепайвастанд.

Дидам, ки касе ба гапам бовар намекунад, аз нав худро болои тобӯт партофта таги ҷомааш даст бурдам. Дилаш дил мезад. Дастамро рӯи дилаш ниҳодам. Ҳайвони сарду шилмаке думзанону фиш-фишкунон хуни дили писарамро мемакид. Хунхорро

девонавор силтав додам, лағжида аз дастам раҳо шуд.

Ҷомаи шаҳидро пора кардам. Ширмоҳие ҷои тирхӯрдаи дили бачамро парма кардаву сар халонда, бафурҷа хунашро мемакид.

Думи шилмаки моҳии одамхӯр бори дигар аз панҷаам раҳо шуд. Бори охир онро бо пораи гӯшти писарам канда, байни ҳавлӣ партофтам.

Моҳӣ, ин кӯзаи пур аз хуни одамизод ба девор бар хӯрда, хун қай кард. Хӯни дили писарам ба сару рӯйи ману ҳозирон, ба дару девор, ба шохаҳои пургули шафтолуи дастниҳолаш пош хӯрд.

Аз шикофии сиёҳ дили писарам ба ман нигоҳ мекард.

Ин ҳама рӯз писари бечораам зинда будааст, чунки мурда хун надорад. Ҳамин қадар вақт дар шохоби дарё ҷон мекандаасту мани кӯр ӯро пайдо накардам.

Ҳамин қадар рӯз ширмоҳӣ дили бачаамро сӯрох карда хунашро мехӯрдаасту дили ман гувоҳӣ надодаст.

Ҳамин қадар вақт бачаи бегуноҳам очаи бадбахташро фарёдкунон ҷон мекандаасту мани кар нашунидаам.

Э марги ман барин модар!

Алами бераҳмии одамонро аз моҳии нимҷон, ки ҳанӯз даҳон воз мекард, гирифта, онро бераҳмона лагадкӯб кардам.

Ҷонвар мелағжид, метапид, аз зери поям раҳо мешуд, дарёбаш мекардам, похелакаш мекардам. Моҳиро ба хок яксон карда, паҳлӯи ҷасади бачам

афтодам ва замини гунгро ханҷол карда, ба ҳафт пӯшти саркардаҳои ҷанг лаънату ҳақорат фиристодам.

Сари дарду алам аз худо ҳам гила кардам. Кори бад кардам. Бояд гиребони тавба медоштам. Охир ин дунё бесоҳиб нест.

Рӯзҳои сиёҳи ману хонаводаам дар пеш будаанду нафаҳмидем. Беҳуда нагуфтаанд, ки дарро кушо, бало омад!

Ҳанӯз доғи хуни писарам аз деворҳои хонаамон нарафта, як тӯда силоҳдори ниқобпӯш зада ба хона даромаданд.

Ҳадафи қотилон,- писари калонӣ, ки сари тобӯти бародараш савганди қасос ёд карда, номи қотилонро як- як ба забон оварда буд, пеш баромад.

Ниқобдорони номард дар шоҳидии аҳли хонавода ба ӯ дарафтоданд. Чанд нафарашона аз пой афтонд. Ҳамин вақт писараки хурдиям, ки аҷал аз кӯча ба хона оварда буд, ба ниқобдорон дарафтод. Намедонам хонасӯхтаҳойи саропой силоҳпӯш, чаро силоҳашонро кор нафармуданд.

Ба худо писаронам шери нар буданд. Аз мурдаашон ҳам ифтихор дорам.Ду нафар ба муқобили даҳ нафар меҷангиданд.

Ману зану бачаҳо рӯйканону мӯйканон гирди онҳо медавидем. Замин сахт буд, осмон баланд.

Ман ба рӯйи яке чанг задам ва ҳамон дам аз зарби лагад хоки замин шудам. Қаҳру ғазаби бачаҳоро даҳчанд шуд:

- Мард бошед, рафтем дар берун гап мезанем! Бачаҳоро, занҳоро натарсонед! – муроҷиат кард писари калонӣ ба ниқобпӯшон.

Хонасӯхтаҳо зуд розӣ шуданд. Бачаҳоям пеш-пеш, онҳо аз қафо ҳавлиро тарк карданд...

Аз он рӯз нуҳ сол гузашт. Нуҳ сол аст, ки шабурӯз чашм дар роҳем. Ҳама зери як бом ҷамъ шудаем. Як модари ғамкушта, се арӯси сиёҳбахт, понздаҳ набераи ятим.

Писарони беному нишонамро хуморӣ шавам сари гӯри писари миёна мераваму овоз меандозам. Ба назарам дарёи поёни деҳа сари овозамро мегирад. Ҳамон дарёе, ки ҷанг ширмоҳиҳояшро одамхӯр кардааст…

Он гоҳ аз дарду алам гуноҳи нобахшидание содир кардам. Беҳуда моҳиро ба хок яксон намудам. Аз кардаам сад бор пӯшаймонам. Мебоист он ҷонвараки бегунохро намекуштам.

Бояд он ширмоҳии покро, ки ҷаҳли одам одамхӯраш кардааст, дар як зарфи пуроб гирфта, гирдогирди ҷаҳон мегаштам ва онро ба оламу одам нишон дода мепурсидам:

- Эй мардум, бигӯед, ки ман, як зани фақири бесаводу бечораи деҳотӣ чӣ гуноҳ доштам, ки се писари деҳқонамро куштанд? Баройи кадом гуноҳи азимам рӯзамро сиёҳ, арӯсонамро бева, набераҳома ятим карданд?

- Ин ширмоҳӣ, ин ҷондораки намозӣ, ки онро баройи кам кардани гуноҳ * мехӯранд, чӣ гуноҳ дошт, ки хунхӯру одамхӯраш карданд?

Аз кардаам пӯшаймонам. Кори бад кардам, ки моҳиро куштам!..

АЗ МУАЛЛИФ. Ӯ як қабза пӯсту устухон аст. Зинда буданашро нигоҳи маҳзуни чашмони давроне зебояш, ки аз шӯрии ашк олӯчаҳои сиёҳи хушкидаро мемонанд, хотиррасон мекунад.

Ин чашмони фоҷиаи як ҷанги одамхӯрро дар худ акс намуда, ҳанӯз меҳрабону бахшанда ба одаму олам менигаранд.

Ин модари бадбахт, ин Таҳминаи вахшӣ, ҳангоми худоҳофизӣ гӯиё ба сояи танаш, оҳиста гуфт;

- Хайрият мухолифон якдигарро бахшиданд. Хунро бо хун шуста намешавад. Кори хуб карданд, ки якдигарро бахшиданд.

- Шумо чӣ? Шумо ҳам қотилони се писари худро бахшидед?

- Касе аз ман узр напурсидааст!- гуфт модар гунаҳкорона ба замин нигариста.

--------------------------------------------------------

* *Байни мардуми кӯҳистон ақидае ҳаст, ки гӯиё чашидани гӯшти ширмоҳии муқаддас чиҳилрӯза гуноҳи одамро кам мекунад.*

# КУЛМАКИ САҲВУ ХАТО

Ҳар кас бо дидаи худ офтобро мебинад, бо пойи худ ҷодаро мепаймояд, бо ақли худ чоҳу вартаро месанҷад.

Аҷиб аст, ки чун кор ба дарку дарёфт ва равишу биниши ақидае мерасад, ҳамоно  як ба ҳазор, ҳазор ба  як мубадал мегардад.

Ва ҷамоат итоаткорона аз пайи он як меравад, хатояшро такрор мекунад, дар балои ҷурму гуноҳаш дар мемонад, оқибат дар кулмаки саҳву хатояш  ғарқ мешавад...

# « ХАЙРИЯТ ПИСАР НАДОРАМ!..»

Ҷанги тирамоҳи соли 1992-ро то нафаси охиринам фаромӯш карда наметавонам. Он гоҳ дар шаҳрдорӣ вазифаи масъулеро ба уҳда доштам.

Он бегоҳ баъди кор вақте дарҳои идораҳоро мебастем, гумон надоштем, ки фардо ҷои гулу гулгаштҳои нозанин хиёбонҳои валангору ҷасадҳои хуншорро хоҳем дид.

Бомдод мардуми шаҳрро садои тиру туфанг ва таркиши гулӯлаҳо аз хоб бедор кард. Ягон телефони ошно ҷавоб надод. Касе ба ба хонаи ман ҳам занг зад, аммо аз тарс гӯшаро набардоштам.

Дар шаҳр чӣ ҳодиса рух додааст, дӯст кисту душман кист, кӣ бо кӣ меҷангад, маълум набуд.

Бо дамидани субҳ садои тиру тӯфанг қатъ шуд. Либосҳоямро пӯшида, дер гоҳ пӯшти дари баста истодам. Ҷуръати рафтан надоштам.

Оқибат ба шаҳр баромадам.Шаҳри чӣ, мазор! Ҷанги як шаба шаҳри ҳафтод солаи ободу зеборо харобу валангор карда буд.

Рӯи хиёбонҳо гӯиё тухми мурда корида буданд. Мурдаҳои ҷавону бесоҳиб. Фиғонам баромад.

Пештар боройи гурбаи зери мошин мондаро барвақт аз роҳ набардоштан яке аз коркунони масъули шаҳрдорӣ вазифаашро аз даст дода буд.

Акнун даҳҳо ҷасад рӯйи роҳ мехобид, аммо касе худро масъулу ҷавобгар намеҳисобид.

Дар шаҳр қонуну қоидаҳои ҷанг ҳукмрон буд. Роҳро сӯи бинои шаҳрдорӣ қайчӣ зада, ба гузаргоҳи зеризаминӣ фаромадам. Манзараи даҳшатноке

намудор шуд. Гузаргоҳи зеризаминӣ гӯри калони даҳҳо ҷавонон буд. Лаҳзае чунонам намуд, ки ҳамин дам ҷавонони хобида як-як хамёза кашида бедор мешаванду мегӯянд:

- Субҳат ба хайр, модарҷон! Имшаб бе ман чӣ хел хобат бурд?!

Дар такяи девори мармрин ҷавони қаввиҳайкалеро дидам, ки андешаманд ба нуқтае менигарист. Лабонаш ба нимтабассуми пурасрор моил буданд.

Хурсанд шудам, ки дар ин мазористони хомӯш зиндае ҳаст, шояд ба кумак муҳтоҷ. Наздаш расида ба китфаш даст бурдам. Дастам гӯиё ба пайкараи аз яхсохта бар хӯрд. Чунон намуд, ки ҷавон табассумашро аз рӯяш ҷамъ кард. Мӯйи баданам шиғ шуд. Дар ин ҷавонистони марграсида танҳо ман зинда будам.

Майли гурехтан кардам, натавонистам. Пойҳоямро гӯиё ба замин мехкӯб карда буданд. Гиря роҳи нафасамро баста буд, аммо дар чашмам як қатра ашк набуд.

Аз зинаҳои мармарини хунолӯд бо азоб худро сӯйи хиёбон кашидам…

Баъд, вақте ки ҷасади ҷавононро чун кундаи дарахтони тарбурида болои ҳам ба мошин бор мекарданд, мани беписар дар дил шукронаи офаридгорро ба ҷой овардам, ки писарам надодааст.

Агар писар медоштам, имрӯз монанди ин ҷавонон ё кушта мешуд, ё касеро мекушт.

*Н. Н.*

*ш. Душанбе.*

## *НОМАҲО – ДИЛПОРАҲО*

Як шабонарӯз дар навбати нон истода як нон оварда буд. Вақте нонро ҳашт пора мекард, дарррo кӯфтанд.

Силоҳдорон дар рӯзи рӯшан, дар шоҳидии ҳамсояҳо, дар пеши чашми ману бачаҳояш ӯро бурданд.

Вақте ки байни хона автоматро сӯяш рост карданд, марде, ки дар муқобили қотилон силоҳи худмуҳофизаткунӣ надошт, тифлаки парпечи якмоҳаро ба даст гирифт.

Силоҳдорон ба тикаи дили кӯдак силоҳро зер карданд. Ӯ хомӯшона тифлро ба ман доду пешопешашон аз хона баромад.

Нуҳ сол аст, ки шавҳари хушномам гумному бедарак аст. Номашро ба писараки рӯйнодидаш, ки монанди як себи ду тақсим ба падараш монандаст, додем.

Гушна буд. Ҳар бор, ки барои шаш ятими худ дастархон мекушоям, ғулуқи ғам чунон роҳи нафасамро мечафад, ки ҷонам пар-пар мекунад.

Нуҳ сол аст, ки мпадари фарзандонамро мекобам. Дар ҳич кучо даркаш нест.

Падару модараш дардашро нолиданд, худоияшро доданд. Ба ёдаш қадамгоҳ сохтанд, аммо ман ягон дафъа барояш дастархони ёдбуд накушодаам. Дар ягон мазор ба арвоҳаш дасти дуо боло накардаам.

То мурдаашро набинам бовар намекунам. То мазорашро наёбам, дасти дуо намекушоям.

“ Худо раҳматат кунад, ҷоят ҷаннат шавад, ба ҳар ниме, хоб бошӣ  дар гӯрат ҳуру нур борад “ – гӯяму ӯ дарро кушода биёяд,  чӣ ҷавоб медиҳам?!

З. Одинаева.
ш. Душанбе.

# « МЕДОНАМ, КИ ТАНҲОЯМ!...»

Баройи авбоше, ки пиразани ҳафтодсоларо таҷовуз кардааст, ҳукми қатл муайян кардам.

Чунин ҷазоро касе интизор набуд, зеро чунин ҳукмро одатан ба қотилон раво мебинанд.

Баъди эълон кардани ҳукмнома толор аз садои ҳайрату мазаммат пур шуд. Тарафдоронам низ дар ин масъала муқобилам буданд.

Муттаҳам, ки пӯшту панохи мустаҳкам дошт ва шояд барои гуноҳаш ҷазоро не, ҷоизаро чашмдор буд, аз ҳуш рафт.

Модараш подоши аъмоли бачаашро шунида, фиғонкунон ҳар ду бари рӯяшро харошида хуншор кард...

Медонам, ин ҳукмро дигар хоҳанд кард, зеро барои таҷовуз дар ҳолати мастӣ ҷазо дигар аст.

Медонам, ки ҳамёни соҳибони ин авбоши рӯсиёҳ аз қонун зӯртар аст.

Медонам, ки ҷабрдидаи бечора на пойи равон дорад, на ҷайби пур, на соҳибдарак.

Медонам, ки танҳоям, аммо дар таги дор баройи ҳукми муайянкардаам пофишорӣ хоҳам кард.

Аз вақте ба омӯхтани ин парвандаи шармовар машғулам, худро ноқис, носолим, балки ними одам ҳис мекунам.

Ҳар гоҳ дафтари аъмоли таҷовузгарро варақ мезанам бидуни ихтиёр, ба ҷойи он пиразани маслуқи нобино худро зери пойи ин нархар мебинам.

Ӯ маро таҷовуз мекунад. Беҳолу бечора дасту по мезанам, нолаву зорӣ мекунам, худову бандаҳояшро ба ёриву мадад мехонам, аммо ба ин ҳайвони бадзод таъсире намекунад.

Ин ҷавони нашъаманди қотил пиразани бечораро не, гӯиё маро таҷовуз кардааст. Ва то даме ӯ зиндаасту беҷазо мегардад, ҳар рӯз сад бор бар домани номӯси ману манҳо чанги таҳқир дароз хоҳад кард.

Ҳукми ман қатъист. Оне, ки писару додарашро дар ҷанги нашъамандон қурбонӣ додааст, ба ин зот ҳукми аз ин камтарро раво нахоҳад дид.

С. С.
Айбдоркунанда.

# Дареғи як насли нозанин!

Дар ҷаҳони таззодҳо, дар замони таҳрири сарнавиштҳо танҳо ду мухолифатро ночор мебояд эътироф кард: мухолифати азалии зиндагиву маргро!

Дареғи " сарбадорон" – и сарнагун, дареғи арӯсони бевамондаву тифлони аз ишқу орзуҳо ба дунё наомада, аммо тир хӯрда, дареғи зиндагии яккаву ягонаи мағлуби марг, ки ҳама қурбониёни мухолифати ҳич бо ҳеченд!

Дареғи як насли гулкору нозанин, ки бо фанояш қарни бистум барои тоҷикон қарни сиёҳмотам ёд хоҳад шуд...

# « ОХИРИН ШАҲБОЗ АЗ ПАРВОЗ МОНД!..»

Охирин шаҳбоз
аз парвоз монд,
Дар таги борони тир.
Вопасин фарёдро
Дар лаб нишонд,
Наъраи шайтони тир.
Ҷисми ман
Чун сайди захмин аст
Дар дасти ту, сайёд,
Пар бикан,
Пар бикан,
Пар бикан,
Аммо ба нармӣ пар бикан,
Дард таҳқир аст,
Таҳқир аст,
таҳқир!...

***

Аз сесолагӣ ҳамеша ҳамроҳ будем. То ҳамин ҷанги хонумонсӯз. Дар кӯдакистон, дар мактаб, дар пахтазор як нафас ҷудоӣ надоштем.

Дар ғоиб моро Лайливу Маҷнун меномиданд. Дар рӯзнома аксамон бо зернавишти “ Лайливу Маҷнуни ноҳияи мо” чоп шуд, падару модаронамон ранҷиданд, мо хандидем.

Лайливу Маҷнун номурод буданд. Мо барои бахти худ талош кардем, монеаҳоро пушти сар гузоштем, хона сохтем, фарзанд ба дунё овардем.

Ду дафъа дугонак таваллуд кардам. Худо раҳмама хӯрду кӯдаки севум танҳо ба дунё омад. Дар акси ҳол дар бисту панҷсолагӣ ҳамчун Бибихалифа * аз бахти ширин маҳрум мешудам.

Ман аз миллати шавҳарам нестам. Пайванди моро падару модаронамон аз ҳар ду ҷониб хуш надоштанд, ки бесабаб набуд. Ман ба хешбачаам гаҳворабахш** будам, ӯ ба духтари холааш.

Ишқ ба ҳама урфу одату расму русум ғолиб омад. Кӯдаконамон яке аз дигаре зебост. Мегӯянд, “ дурагаҳо” *** хушрӯй мешаванд. Шояд аз он хушрӯй мешаванд, ки монанди бачаҳои ман меваи ишқанд.

Шавҳарам марди пуркору хушкор буд. Хушбахт, ки буд, ҳамаро дӯст медошт. Аз кор ҳамеша бо борхалтаи пур ба хона бар мегашт. Дар борхалтааш байни нони гарму сабзиву мева ҳамеша китоб меовард.

Мардум ба бахти мо ҳасад мебурданд. Чашми бад корашро кард.

Мо ба сояи худ кор надоштем, аммо ҷанг аксар онҳоеро хонахароб кард, ки ба ҳич кас кор надоштанд.

Ду гурӯҳ ба ҳам меҷангиданду мардуми бегуноҳу бечора қир мешуд.

Ба як гурӯҳ миллати ман маъқул набуд, ба гурӯҳи дигар зодгоҳи шавҳарам.

Ними шаб як гурӯҳ ниқобдор ба хонаи мо даромаданд. Мову бачаҳоро аз хоб бедор карда, таги девор рост карданд ва ба шавҳарам, ки пеши аҳли байти таҳқиршудааш бечораву сархам меистод, ҳамакаса амр карданд:

- Хоҳӣ, ки бачу качат зинда монад, бо мо меравӣ. Пулу молатро бигир. Ватан дар хатар аст!

- Ҳайрони шумо барин Ватандоронам. Ними шаб бо ниқоб ба хонаи мардум даромада, аз пулу мол гап мезананд?! - оромона гуфт падари бачаҳо. Мард ҳамоно ба пӯшти грданаш зарбаи ҷонкоҳе хӯрд, аммо гапашро то охир гуфт:

- Дуруст гуфтед, ба шумо менигараму мебинам, ки ҳақиқатан Ватан дар хатар аст!

Зарба такрор шуд. Аз пештара сангинтару дардовартар. Шавҳарам ба девор такя кард:

- Ин ҷо мо гап мезанем! – гуфт соҳиби зарба. Ва ҳамоно автоматро сӯйи мо гардонда ба шавҳарам амр кард:

- Ба ту даҳ дақиқа вакт. Ё бо молу анволат бо мо меравӣ, ё калимаатро гардон.

Соҳиби фармонро, аниқтар овози хиррӣ ва нофорамашро шинохтам. Ӯ ҳамон хешбачаи номуроди ман, ҳамон гаҳворабахи ман буд. Баройи

оне, ки арӯсашро аз таги бинияш рабуда буданду ҳамин қадар сол мавриди қасосгирӣ мекофтааст, чунин фурсат фаро расида буд.

Арӯси кӯдакдор дигар ба ӯ даркор набуд, аммо аз маҳри арӯс умеди калон дошт.

Автоматро ба синаи марди мағрур зер карду ман худро байнашон партофтам:

- Ӯро не, маро куш, номарди ниқобдор. Э афти хунукат дар гӯр!

Хеши ниқобдорам маро ба нишон гирифт. Бачаҳо фиғонкунон ба доманам часпиданд.

Ногоҳ тирпарронии шадиде рух дода, дару девор ларзид. “ Соҳибватанон” тирвор хонаро тарк карданд...

Ин ҷанги бераҳму бемаънӣ дар асл ҷанги кинаву қасоси номард аз мард, ҳасуд аз худодода, ҳамсоя аз ҳамсоя, зишт аз зебо.., буд.

Ҳамон шаб зери чодари торикӣ ва борони тир ҷоҳу макони ободамонро тарк кардем.

Роҳҳо, кӯҳу пуштаҳо аз фирориён пур буд. Дар ағба ҷанге шуд, ки кӯҳу пуштаро ба ларза овард. Қисми зиёди фирориён ҳалок шуданд. Мо зинда мондем.

Аммо ҷое дар мондем, ки ба забон овардани зодгоҳи шавҳарам маънии маргро дошт. Ҳаво рӯшан шуд. Силоҳдорон ба ману бачаҳо кордор нашуданд, аммо гузарномааш, ки аз кадом маҳал буданашро менамуд, гувоҳномаи ҳукми қатлаш шуд.

На номашро пурсиданд, на наслу насабу касбу корашро. Дар фалон ноҳия ба дунё омаданаш кифоя буд. Марди бегуноҳро пеши чашми ману бачаҳояш

зери мӯшту лагад гирифтанд. Ӯро чунон бераҳмона мезаданд, ки гӯё бачаи ҳар кадомашро дар сандуқи дилаш кушта бошад.

Худамро пеши пояшон партофтам. Акнун ҳар дуямонро лагадкӯб мекарданд.

Дар як нафас як марди паҳлавони таҳамтанро ба як халта гӯшту устухон табдил доданд.

Дилашон хунук нашуд, ки ҷисми хуншорашро аз пайи худ кашола карданд. Бо азоб сари по рост шуда сӯи пеш қадам гузошт.

Дар ин муддат боре ба ману бачаҳо нигоҳ накард. Шояд намехост, ки тарсу ҳаросашро, оби чашмашро бачаҳояш бубинанд.

Пайи ҳам садои автомат баланд гардид ва ман бо ҳиси занонаам фаҳмидам, ки тири аввалинро ба ҷигари падари бачаҳои ман заданд…

Бо чӣ азоб ба ин макон, ба диёри хешу табор расидем, қиссаи дигар аст.

Дар ин ҷо ҳам рӯзи шодиро намебинам. Ҳис мекунам, ки барои мардуми ҳамзодам бегонаам. Ҳар кас тарзи рафтору гуфторамро эрод мегирад.

Бароишон ман гӯиё " зани одамгурезу хурофотпарастам. Дар тарбияи бачаҳо бераҳму сахтгирам. Либосам, рафторам аз онҳо фарқ мекунад. Забонам гӯиё асил не, лаҳҷа аст..."

Шабу рӯз меҳнат мекунаму заҳмат мекашам, ки арвоҳи шавҳарам шод бошаду бачаҳоям серу пӯшидаву печида, аммо ҳамтаборонам маро ба хасисиву сарватҷамъкунӣ айбдор мекунанд. Аз куҷо донанд, ки зару зевар, ганҷу сарвати дунёи ман, азизи дили ман, дар таги як кӯҳ хок хуфтааст.

Бачаҳоям набошанд, бар гашта, дар ағбаи Фахробод, дар он ҷое, ки ҷону ҷигарамро куштанд, худро мекуштам.

Чанд сол аст аз манзили ишқу бахтам дур зиндагӣ мекунам, аммо чунин зиндагиро дар шумори умр намеҳисобам.

Ин ҷо барои бачаҳо хуб аст. Мактабу таълимашон ҷиддист. Бигузор бачаҳо хонда одам шаванд.

Аммо худам дарахти решагардонро мемонам. Дар ин марзу бум сабзиданам дар гумон аст.

Ин ҷо Ватани аҷдодии ман аст, аммо дилам кашоли хонаву дари худам. Дилам барои хонаи сӯхтаам месӯзад.

Шибари паси хонаамонро зуд-зуд ёд мекунам. Ба худо чунин шибар дар ҳеч куҷои дунё нест. Қурбоқаҳои шибари мо бистучаҳор соат дам нагирифта бо чандин лаҳҷа мехонданд.

Вақте қурбоқаҳо сари овози ҳамдигарро гирифта базм мекарданд, ману шавҳарам гӯш дода механдидему якдигарро масхара мекардем:

- Ҷоқ! Ҷоқ! Ҷоқ!- гулӯ дарронда овозашро сар медод, қурбоқаи ман.

-Гӯш кун, гӯш кун, бо лафзи ту мехонад, - мегуфт шавҳарам қоҳ-қоҳ хандида.

Гапаш тамом нашуда , гӯиё қурбоқаи ӯ бо қурбоқаи ман маслиҳат карда бошад, чунон " ҷурррр! " мегуфт, ки гӯшҳоямонро руст мекардем.

- Хез!- мегуфтам ба шавҳарам. Қурбоқаат " Рафтем", мегӯяд!

Бачаҳо ҳангоме ба бозии мо ҳамроҳ мешуданд, ки қурбоқаи " русзабон " аз худ дарак бидиҳад. Қурбоқаи бачаҳо, нисбат ба "ҳамзабон" - и мо камгап буд. Гоҳ- гоҳе кунд-кунд гапи " онҳоро буридаву рад карда, тамбалона: - нет!, нет! - мегуфт...

Мо ҳама дар ин водӣ таваллуд шуда, ба воя расидем, якдигарро дӯст доштем, хонаву дар сохтем, фарзанд ба дунё овардем. Ҳич гоҳ яке дигареро намепурсид: -Ту кистӣ? Ту аз куҷоӣ?

Чӣ шуд, ки қурбоқаҳо дар як шибар ғунҷида метавонанду мо инсонҳо дар як водӣ ғунҷида натавонистем?!

* Занеро гӯянд, ки пайи ҳам се дафъа дугонак зойидааст. Чунин занон аз рӯи шариат муқаддас ҳисоб мешаванд.

** Волидайни орзупарвар ду тифли як рӯз ба дунё омадаро, дар ҳузури шоҳидон бо додани сафедие хостгорӣ мекунанд. Ва ин ду тифл ҳанӯз дар гаҳвора ба ҳамдигар тааллуқ доранд. Чунин арӯсу домодҳо ба балоғат расида, на ҳамеша орзуи падару модаронро рӯи об мебароранд.

*** Онҳоеро гӯянд, ки аз никоҳи миллатҳои гуногун ба дунё омадаанд.

А. Жумаева,
Вилояти Ош. ( Қирғизистон. )

**Онҳо монанди дарахтанд, аз як реша рӯида. Яке ниҳол, дигаре боду борон дида.**

**Нигоҳи падар хаставу бениёз, нигоҳи писар баракс пур аз суоли беҷавоб аст. Падар аз сарнавишти даҳшатноки худу хонаводааш дарднок қисса мекунаду бача хомӯшона гӯш медиҳад. Ӯ низ гуфтание дорад. Гуфтании ӯ ба онҳоест, ки тифлияшро рабудаанд ва дар даҳсолагӣ ӯро ба пири фартут табдил додаанд…**

***

Як хонавода аз байн рафт, онҳо ду нафар монданд; падару писараки даҳсола.

Дурбини хотираашон сабти нозудудание дорад, ки то кунун такрор мешавад. Ин сабт дурахши сарду ваҳшатовари шиками ҳавопаймоҳои нави ҷангист. Ҳамон ҳавопаймоёне, ки ногоҳ аз паси кӯҳ пайдо шуда, ба сари мардум тухми марг кошта, ҳамчунон нопадид мешуданд.

Онҳо паст парвоз мекарданд. Силоҳдорон гӯё ба чашмони мардуми ба марг ҳукм шуда нигаристанро хуш доштанд.

Дар чунин ҳолатҳо хурду калон беихтиёр нигоҳи бечорагӣ бар осмон дӯхта, дар ҳимояи худ худоро меҷӯстанд.

Як марзи сабз бо мардумонаш, бо набототу ҳайвоноти нодираш аз гуноҳи кардааш пеши худову бандагон бехабар, ба хок яксон шуд.

Аммо ин ду нафар аз як хонаводаву як деҳа ҷон ба саломат бурданд. Дуруст гуфтаанд: “ оне, ки бояст дар об ғарқ шавад, дар оташ намесӯзад”.

Аҷале, ки ин ду шоҳиди қатли омро борҳо надида гирифта буд, ба суроғашон омад.

Падар панҷаҳойи чун шохаи дарахти селовард сарду хушкашро ба китфи лоғари бача гузошта, гӯё аз тирборони ногузир ҳифзаш мекард.

Забардасти масти шарбобу нашъа силоҳашро, баройи афзудани биму ҳароси ду инсони бечора шарақ – шарақ бозӣ медод.

Вақте чашми сиёҳи силоҳу нигоҳи бепаноҳи одам ба ҳам омад, бача рост ба дӯли камон нигарист.

Падар баракс нигоҳашро аз силоҳу силоҳдор гурезонида, дар рӯбарӯи аҷал зери лаб саросема пеши офаридгор тавба мекард. Гуноҳе, ки алъон бо хотирааш дастбагиребон буд, андак набуд.

Медонист, гумроҳон, аз авфи офаридгор ноумед нестанд, аммо онҳоеро, ки дидаву дониста гуноҳ мекунанд, яъне, монанди ӯ бадиро аз некӣ боло мегузоранд, худо дар ду дунё намебахшад.

Он гоҳ ӯ фаҳмида гуноҳ кард. Вақте ки бомбҳо рӯйи хонаву боғу майдонҳо метаркиданд, худоро зора кард, ки сақоҳои марговарро аз боми хонааш, аз сари аҳли байташ он тарафтар партоб кунанд: яъне ба сари ҳамсоягону бачагонашон.

Дуояш мустаҷоб шуд. Аҷал чанд дафъа хонаву хонаводаи дигаронро уту карда гузашт. Бачаҳои ӯро, боғу манзилашро надида гирифт, аммо то рӯзеву соатеву сонияе…

Ва инак байни ӯву хонаводаи шаҳидаш, ки зери болору вассаҳои манзили фақиронаашон, ҳама дар як гӯр хуфтаанд, нафасе роҳ монда буд. Эй кош, он вақт ҳамашон якбора ҳалок мешуданд!..

Интизории марг барояш аз худи марг даҳшатноктар буд. “ Дар ин ҷанг ҳар касе сари вақт кушта шуд, бурд кард ”. Чунин буд, хулосаи

рӯзгори пурозори марде, ки ягона гуноҳаш кӯҳистонӣ буданаш буд.

Камон ба кундаи синааш рост шуд. Рамида қадаме қафо гузошт. Бача пеш гузашта, фарёд кард;

- Аввал маро паррон! Парронн!

Камондор қоҳ-қоҳ хандида, ба шонаи лоғари бача кундаи камонро бераҳмона кӯфт.Ӯ дар ҷояш таккон хӯрд. Чашмонаш чарақсаи сарде намуданд.

Силоҳро сӯи бача тоб хӯрд. Падар силоҳро сӯйи худ силтав дода зора кард;

- Не, не, бародари қиёматӣ, г... бачаҳота хӯрам, аввал маро! Ин кӯдак гуноҳ надорад!

- Гуноҳ надорад? Дар ин маҳал ба дунё омаданаш гуноҳи кам аст?

- Албатта гуноҳ аст, аммо гуноҳи ман аст, на гуноҳи бача!

- Имрӯз ӯро напарронам фардо калон шавад зоду бунёдамро қир мекунад!

Бача ба маънии “ маро шарманда кардӣ” , норизо сӯйи падар нигариста, сипас бо нафрати аён ҷониби камондор гашт:

- Номардӣ накун, аввал маро паррон!

Нохост камондорро чунон намуд, ки тире рост ба дилаш расида дар монд.Сари силоҳро бар замин хам шуд.Ҳамроҳонаш тори мошин беқарор шуданд.

- Ҳей, ёрдамат кунем? Ё камонат гапата намегирад?!

- Сабил ба ростӣ гапама намегирад! Ӯ дурӯғ намегуфт.

Бача ҳамчунон ба чашми қотили худ менигарист. Оне, ки пеш аз куштан мақтулро, чун гурба бо мӯш бозиданро дӯст медошт, алъон дар муқобили навраси гарданборику рангкандае худро шинохта наметавонист. Чунин нигоҳи бебоки пур аз ҷасорату нафратро дар умри сар надида буд.

Чунонаш намуд, ки бача пеши чашмаш дамодам қад кашида баланд мешавад. Ҳолате ӯро фаро гирифт, ки пеш барояш ошно набуд. Ҷасорат, нигоҳи беҳароси бача ӯро музтар кард, балки тарсонд.

Ӯ низ падар буд. Бо ҳама бераҳмӣ меҳри падарӣ хунашро гарм медошт. Шояд ҷойи ин навраси мағрур писари худро тасаввур кард, ки авзояш батадриҷ дигар шуд.

Бачаи бегуноҳу бесилоҳ ҳамчунон бебок аҷали худро механд ва бо нигоҳи ғурур қотили худро ба нишон мегирифт. Силоҳдор нохост даступохӯрд. Панҷаҳояш суст шуданд;

- Ҷон, бародар, ҳафтоду ҳафт пӯштата худо раҳмат кунад, аввал маро паррон! Худатро дар хуни кӯдаки бегуноҳ зомин накун!

- Не, аввал маро паррон!

- Не, аввал маро!

Силоҳдорро гӯиё афсун карда буданд. Силоҳро сӯйи падару писар тоб медоду гӯшакро зер намекард.

- Паррон, номард!

Садо ин дафъа кӯдакона набуд. Ҷисму ҷони қотил якбора сусту бемадор шуд ва чунонаш намуд, ки сутуни пойҳояшро буриданд.

Дар пеши чашми ҳамсилоҳони масту аласт, ки баройи қатли бегуноҳони дигар шитоб доштанду ӯро ба куштани ду инсони бегуноҳу бепаноҳ мешӯронданд, пеши пойи як навраси лоғару гурусна, аммо мағлубнопазир монанди ҷуволи холӣ поён шуд.

С.С.

Ҷодайи Душанбе- Бадахшон.

***

Дидаву доништа қонуншиканӣ кардам. Зани нашъафурӯшро, ки бояд на камтар аз понздаҳ сол оши зиндонро мехӯрд, озод намудам.

Зан бидуни шаку шубҳа гунаҳгор аст, аммо бори гуноҳи онҳоеро ба дӯш гирифтааст, ки даҳҳо, садҳо бегуноҳонро ба гуноҳ кашидаву паси панҷара шинонда, худ зинҳор дар курсии айбдорӣ нахоҳанд нишаст.

Ин тоифа бояд ба ҷойи ин беваи бадбахту модари сиёҳрӯзӣ паси панҷараи оҳанин бинишинанду рӯзи рӯшанро набинанд.

Бар алайҳи қонун рафтор намуда, гунаҳгори нашъаҷалобро сафед кардам, аммо пӯшаймон нестам. Қисматҳое ҳастанд, ки на танҳо дар чаҳорчӯбаи қонун, балки дар дарки ақли солим намегунҷанд.

Як нукта чун рӯз барои кӯр ҳам рӯшан аст:ҳар сабаб оқибате дорад. Занро бидуни шакку шубҳа фақру нодорӣ, бечорагӣ, кӯдакони гурусна ва ҳазору як сабаб ба ин вартаи даҳшатнок афкандааст.

Беваи бечора дар ҳолате қарор дошт, ки бояд ё худкушӣ мекард, ё фоҳишагӣ, ё бачаҳояшро ба бозор бароварда монанди кадуву пиёз мефурӯхт. Ӯ аз чандин амали зишту пастзанандаи инсон мебоист хоҳу ноҳоҳ якеро интихоб мекард…

Шояд дар он ҳолати ба сари сахташ омада ӯ имкони ҳич гуна интихоб надошт. Аҷаб нест сарнавишташ низ дар нахи сари ангӯшти дигарон буд…

Ин зани бадбахт ғайри мани бегона дар дунё хеше надорад. Ҳама аз ӯ рӯй гардондаанд.

Медонам, баройи қонуншиканӣ назди қонуне, ки худ намоянда ва ҳимоятгараш ҳастам, ҷавоб хоҳам гуфт.

Медонам, ҷуз ин қонуни навишта, ки мани қонундон риоя накардам, зиндагӣ садҳо қонунҳои нонавиштаву ғайриқонунӣ дорад.

Қатл, куштор, ятимӣ, нодорӣ, бечорагӣ, бевагӣ дар ҳаждаҳсолагӣ .., аз рӯйи кадом қонун аст?

- Як хона кӯдаки ятиму гурусна аз рӯйи кадом қонун бояд аз меҳри модарӣ маҳрум шаванд?

Кӯдакони зиндаятими ин занро кадом хонаводаи серу доро сарпаноҳ хоҳад дод?

- Аз рӯи кадом қонун шавҳари ин занро дар ҷогаҳи гармаш куштанд?

- Аз рӯи кадом қонун ин зани бечораро ба пасттарин кори олам, ки гуноҳаш ба қатли ҳафт пӯшти одамизод мерасад, маҷбур карданд?

Оре, ман қонунро вайрон кардам. Гунаҳгорро бегуноҳ, сиёҳро сафед нишон додам. Онеро, ки факр ба қатли рӯҳу ҷони одамӣ, нашъафурӯшӣ тела додааст, ҳимоя кардам.

Табибони бохирад беморро не, сабаби бемориро табобат мекунанд...

А. Норова.

ш. Душанбе.

***

Бо шоира Мавҷуда Ҳакимова солҳо дӯсту ҳамкор будам. Дили зебо дошт. Диле, ки дар сурати ҳамеша хандонаш менамуд. Аз дил дилро васф мекард. Сурудаҳояш ба худаш монанд буданд:

*Парастам ман*
*Дили ҳамчун дили Данко фурӯзонро,*
*Дили монанди дарёҳои кӯҳистон*
*хурӯшонро,*
*Ки зулматро кунад рӯшан,*
*Биёбонро кунад гулшан…*
*Чунин бошад дили зебо,*
*Ки онро мепарастам ман,*
*Диламро варна кайҳо мешикастам ман!...*

Ишқу зиндагиро нарму ҳалим таранннум мекард:

*Медамад субҳи висол аз домани шабҳои тор,*
*Ман ба фардои саодатбахш бовар мекунам!*

Мавҷуда ҳар сол гули аввалини баҳорро бароям ҳадя меовард.Аз хурсандиям худ бештар шод мешуд, зеро хуб медонист:

*Шод будан ҳунар аст,*
*Шод кардан ҳунаре волотар.*

Баҳори соли 1993 гулдони ғарибиям аз гули начидаи ин дӯсти хушгилу хушдил холӣ буд.

Ману писари хурдияш Акрамҷон якрӯз зодрӯз дорем.Мавҷуда 17-уми декабр ба ду ҳиссаи баробар тақсим мешуд. Бароям кӯза ва китоб ҳадя меовард.

Ин шоираи ҳассос, ин бонуи зебои ошиқи зиндагӣ, ин инсони неку шод ҳамагӣ 60 сол умр дид. Шоирон одатан аз бевафоии умр, аз дори фано, аз маргу хазон… сухан гуфтанро хуш доранд. Мавҷуда аз ин саф истисно буд. Аз умри бебақо, аз ҳузни хазон, аз аҷалу нестӣ сухан гуфтанашро ёд надорам.

Худ на танҳо аз ин мавзӯъ фирор мекард, балки гуфтугӯйи дигаронро низ хуш надошт. Боре дар авҷи шеърхониям дар маҳфиле баландово эътироз кард: - *Войее! Дилама ганда кардӣ!*

Дили нозукашро ин байти ман таккон дода буд:

***Миқрози дасти ҷоҳиле бинам ба шохи гул,***
***Аз кутаҳии умри худ фарёд мекунам.***

Мавҷуда аз макру риё, рашку ҳасад ва ғайбату бадгӯйӣ дур буд. Ҳамаро дӯст медошт, ба ҳама бовар мекард, аз ҳама умеди меҳру вафову сидқу сафо дошт. Дили пур аз лутфу меҳр дошт.

Ятим бузург шуда буд. Мадорову муросоро мепазируфт. гуноҳи дигаронро зуд мебахшид.

Ба ҳич кас кор надошт, аммо ғайбаташ ҳамеша дар забони бадгӯён буду домонаш дар чанги ҳасудакону кӯрбинону бахилон…

Бояд умри тӯлонӣ медид. Дареғ! Афсӯс!

Мавҷуда барҳам хӯрдану ба фано расидани сохтореро, ки ӯро ба саҳнаи ҳунару сиёсат оварда буд, таҳаммул карда натавонист. Дили ҳассосаш тарак хӯрд. Ӯ сактаи дил гирифт. Он гоҳ аз таракидани қалби нозукаш ҷуз худаш ҳама огоҳ буданд.

Ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ оғоз шуд. Садои тиру тӯфанг аз дили пойтахт шунида мешуд. Аҷал дари манзилҳои чанде пеш ободу осоиштаро даҳдаста мекуфт.

Диле, ки пардаҳои нозукаш барои шунидани овои андалебу навои шаршара офарида шуда буд, аз садои тиру туфанг захм бардошт. Ва Мавҷуда бори дуввум сактаи дил гирифт. Ин дафъа захм бардоштани дилашро худаш медонисту дигарон намедонистанд, зеро дигар на дил монда буду на дилшинос, на қадру қиммати дил...

Шаҳри ҷангзада барои аҳли илму адабу фарҳанг зиндон шуд. Чун ҳамеша аҳли зиё, ин тӯдаи бесилоҳу бепаноҳ ҳадафи тири бало шуд.

Мавҷудаи Хуҷандӣ бо аҳли хонавода ба зодгоҳаш рахти сафар баст. Сафари охирин ӯро аз ҷанг дур бурду бо аҷал наздикаш сохт. Ӯ рафт ва худ бехабар роҳи азалияшро аз хонаи падар то канори модар наздик кард.

Ба шаҳри бачагияш Хуҷанд рафт, ки ба шаҳри ишқу ҷавониву илҳомаш, Душанбе дигар бар нагардад. Мавҷуда рафту ними диламро канда бо худ бурд. Суханҳои гуфтаниву шунидании бисёре дар дил доштем. Нагуфтему нашунидем, зеро гӯши вақт кар буду ҳуши замона парешон.

Мавҷудаи Хуҷандӣ низ яке аз қурбониёни бегуноҳи ҷанги шаҳрвандист. Месазад дар сафи шаҳидон ӯро низ бо меҳру эҳтиром ёд кунем, хотираи зебояшро самимона пос дорем, зеро накутарин хидмат ба рӯҳи азизон ёди неку сухани нек хоҳад буд.

Дар он рӯзҳои сиёҳ, ки як миллат ба чандин қабилаву маҳалу маҳалла тақсим гашта, дӯстон ба бахти душманон чун барги хазон парешон буданд, бо сабабҳойи маълум ба Хуҷанд рафтанам ғайри имкон буд. Дӯсти дерину меҳрубонамро ба роҳи охират гуселонида натавонистам. Ба ҷойи мани мотамдори дӯсти беозорам, пораи шеъре сӯйи Хуҷанд болу пари шикаста во кард.

Он рӯзҳо дар сари тобути Мавҷуда қироъат кардани сӯгномайи камина аз ҷониби Фарзона ҷуръате буд, хоси ин шоираи волорӯҳ, ки меҳрабонияш қарздорам кардааст:

**ДАР ВАФОТИ МАВҶУДАИ ХУҶАНДӢ**

Аҷаб ҷону аҷаб ҷонона будӣ,
Аҷаб афсунгару афсона будӣ.
Аён шуд, қиммату арзон, аён шуд,
Ту, алҳақ, дӯсти арзон набудӣ!

Шитобатро ба дунёи хамӯшон,
Ба ҷуз дилмондагӣ дигар сабаб чист?
Ту кай меойӣ аз Хуҷанд, эй хуб?-
Душанбе чун дили ман бе ту холист!..

***

Ман дар ғами ҷон будам, бишуд навбати ту,
Аз хеш ниҳон будам, бишуд навбати ту.
Ҳар кас ба ҷаҳони ғайб дорад навбат,
Дар навбати нон будам, бишуд навбати ту...

*Зимистон.*
*1993.*

# « ФАҚАТ ЯК ТИР КОФӢ БУД! ...»

*“ Бо дӯстон мурувват,*
*бо душманон мадоро !..”*
*Ҳофизи Шерозӣ.*

Фақат як тир кофӣ буд,
Ба ҷои нуқтаи фарҷоми умри дардбунёдаш.
Сари ангӯшт оҳан
бо тавоноии шерафкан,
Зи ёру ҳалқаи дораш,
Зи ору бори озораш,
Зи таҳқири бародарҳои сархораш,
Зи зиндони баландовозаи ишқи Ватан
мекард озодаш...
Фақат як тир кофӣ буд, -
тире аз силоҳи ҷаҳл,
Ки дар як оҳ таркад
маҳшари эҷоду эъҷозаш...

Фақат як тир,
Фақат як тир,
Фақат як тир кофӣ буд,
Камони фитнаву ҷаҳлу риё сӯяш
Ҳазорон тири дигар дошт.
Валейкин Модари Миллат,
Ба дастархони дарди худ,
Ба назди қотилони сифлаву номарди худ
Ба ҷои чор тири ҷонрабо,
Нону намак бигзошт!..

## *НОМАҲО –ДИЛПОРАҲО*

Як хона пур буд, як хона холӣ шуд. Ман мондаму чор девор. Хумори бачаҳом гирадам сутунҳои хонаамро оғӯш мекунам.

Сарамро ба танаи сутунҳо мемонаму ҳамоно гармии баданашонро, задани дилашонро ҳис мекунам.

Ман мегиряму сутунҳо мегирянд, сутунҳо мегирянду ман мегирям.

Сутунҳои хонаам ҳар кадом ном доранд; Ҷамшед, Хуршед, Ҷаҳонгир, Орзу, Олам ...

Ширмоҳ .
Вилояти Хатлон .

# « Хонаамро худам сӯхтам…»

Хонаи дигаронро душманон оташ заданд, хонаи худамро худам сӯхтам.

Девона нестам, ҳушёрам. Манзили як умр заҳмат кашида обод кардаатро бо ду дасти адаб ба дузду раҳзан бахшидан, ин аст девонагӣ.

Водии Вахш дар оташ месӯхт. Таҳгиронии ин сӯхтор мардуми бегуноҳ буданд.

Шавҳарамро дар рӯи ҳавлиямон куштанд. Чунон бераҳмона куштанд, ки ҳич гуна наққош имкони тасвири он ҷисми пора – пораро надорад.

Аз тарс ба бемории табларза гирифтор шудам. Ҳоло ҳам аз ин беморӣ нараҳидаам. Дилам аз чизе ваҳм кунад, ҳамон дам табларзаам мегирад. Чизи бад аст тарсу воҳима. Гузаштаҳо беҷо тарсро бадтарин гуноҳ нагуфтаанд.

Шавҳарамро куштанду худамро пайдо накарданд. Дар таги бинияшон, даруни ҷӯйи пуроб мехобидаму об аз болоям мерафт. Кундайи даруни ҷӯйбор ба ёди кӣ мерасад?

Гурусна мондаму фаҳмидаам, ки зиндаам. Чанд каф оби хунук хӯрдаму одам шудам.

Занон одатан дар нотавониву бечорагӣ гиря мекунанд, рӯйю мӯй мекананд, либосҳояшонро пора мекунанд. Ман на ин кардам на он.

Ҳич гоҳ чунин боандешаву ботамкин набудам, ки он дам. Ҳама корам аз рӯйи нақшаву андеша сурат мегирифт.

Сатили пур аз бензинро аз анбор овардам. Ҳама молу анвои қиммате доштем, байни толор

ҷамъ карда,  бензинро  рехтам. Дарҳоро қуфл карда аз мӯрӣ  оташдастаро дарун дангала кардам…

Хонаамро, худамро зуд-зуд дар хоб мебинам. Бо оташдаста  ба хона ворид мешаваму дигар берун намебароям.

Таъбири хобам маълум аст. Хонаи бо меҳру муҳаббат обод кардаам ва бо  нафрат оташзадаам маро набахшидааст.

Ман ҳам худро набахшидаам, аммо  илоҷи дигар надоштам.  Ин ҷанги хонумонсӯзро як мӯшт ҷуғзи бехонумон барои он оташ доданд, ки хонаву ҷоҳу  ҷалоли мардуми заҳматкашу баору номӯсро соҳиб шаванд.

Хонаи худро сӯхта, як  ғосибро аз бахти  осон бенасиб кардам.

*З. Валиева.*

*Москва.*

# ОДАМОН АЗ ЯКДИГАР МЕРАМИДАНД

Фасли тирамоҳ зуд фаро  расид, бо шамолҳои сарду бодҳои афғонӣ. Шишаи тирезаҳо ношуста, ҳавлиҳо норӯфта, боғу ҳаётаҳо  бесарусомон буд.

Дар ҳама ҷо, дар ҳама чиз нафаси ҷанг  эҳсос мешуд. Мардум ҳосили бо заҳмат  парвардаашонро нағундошта,  сархаму озурда ба  замини сахти ҳавливу ҳаётаҳо белу каланд мезаданд. Деҳа корхонаи оҳангариро мемонд.

Касе ба касе гап намезад,  суол намедод. Одамони якумр  паҳлӯи ҳам зиста, аз якдигар мерамиданд.

Зиндагӣ бӯи хок мекард, бӯи хоки мурда.

Қабристонҳои нахустин дар боғчаву ҳавлҳо, ошхонаву оғилу коҳдонҳо пайдо шуданд. Қабристони молу анво, қабристони заҳматҳо…

Одамон сарвати якумр  ғунд кардаашонро аз якдигар пинҳонӣ  ба хок супорида, манзилҳоро дар ғами ҷон тарк мекарданд.

Вақти  ҳасад бурдани  дороён ба нодорҳо расида буд. Нодорҳо дастхоливу сабукбор аз фоҷиа фирор мекарданд.

Кампири ҳамсояамон, бибии Хайрӣ, ки рӯшод дар ҳавлии калон барои ганҷи меросӣ қабрҷо мекофт, оқибат  решаи токи пирро интихоб намуда, теша бар хок зад.

Ӯ  сарвати бебаҳои худ, “ Чаҳор китоб”-ашро, дер гоҳ зери лаб “ҷаноза”  карда,  бо дастони ларзон ба хок супурд. Сари гӯри китоб чанде ворисона, хомӯшона, бо шонаҳои пиронааш  гирист.

Пиразани бесоҳиб оби дидаашро бо остин поккунон, ба маънии ба худаш аён сар меҷунбонд. То ҷое, ки ман огоҳ будам, ӯ дафъаи дуввум ин китобчаи меросиро гӯр мекард.

Бори аввал соли 1937, вақте ки падарашро ҳабс карданд, ӯ ва модараш шабона онро тайи хок карданд.

Падараш беному нишон шуд. Аз ӯ ягона ёдгорӣ ҳамин китоб монд.

Ин китоби барои мардуми мазҳабӣ гаронмояву мӯътабар, ки аз рӯи ашъори шоирони сӯфӣ, гирд омадааст, барояш ба қавли маъруф, ба хироҷи як мамлакат арзиш дорад.

“ Чаҳор китоб” , ин “ Қуръон” –и кучак баройи оне, ки забони арабиро намедонист, ягона раҳнамову пешво буд. Онро аз даст намегузошт.

Ман низ ҷанозае доштам, дар бағал. Ман низ рисолаи нимкораамро, ки “ Нақши миллат дар гардишҳои ногаҳонии таърих “ ном дошт, таги девори аспхона гӯр кардам.

Вақте ки саросемаву даҳпанҷа болои гӯри илми ятимондаам хок мекашидам, ба варақҳои бо хати ниёгон сиёҳу сафед кардаам, ҳасад бурдам.

Мехостам ба ҷойи ин як даста қоғаз худи ман бошам, то ки аз таҳқири нотавонӣ ва биму ҳароси бечорагӣ якумр халос шавам.

*Н. Парвиз*
*Теҳрон.*

*НОМАҲО – ДИЛПОРАҲО*

Мардум “ ҷони худойӣ! “ гӯён пеш- пеши танкҳо чун оҳувон пешопеши галлаи гургон ба сӯи марз медавиданд. Баъзеҳо, аниқтар, бонувон, ҳангоми дав каладав хӯрда ист мекарданду санг мегирифтанд.

Дар як хати ҷода, санги мебардоштагӣ намонд. Санги диёре, ки 94 фоизаш кӯхсор аст, барои онҳое, ки ба маънии ба худашон аён санг мечиданд, камӣ кард.

Вақте духтараки резапайкаре аввалин шуда, санги бағалашро ба рӯсарияш баста ба гардани нозукаш овехт ва худро ба дарё афканд, қиммати санги Ватан маълум шуд.

Қиммати санге, ки ҳифз кардани номӯси бонувони сӯи мулку мардуми бегона фирорӣ бар дӯшаш афтода буд.

Б. С.

Марзи Тоҷикистон- Афғонистон.

# « ҲАМА ГУРЕХТАНДУ МО МОНДЕМ…»

Оне, ки ҷойи рафтану пойи гурез дошт ҷонашро гирифту гурехт. Беповупарҳо монданд, бесоҳибдаракон монданд. Ману се духтарам аз ҷумлаи онҳо будем.

Аз духтари сарнухсинам ҳамагӣ шонздаҳ сол калонам.Монанди хоҳаронем.

Духтари чорумам ба дунё омаду шавҳарам бо баҳонае маро талоқ кард. Ӯ духтар намехост. Маро бо як хона кӯдак партофта рафт. Беинсоф фикр накард, ки зан замин аст, мард деҳқон. Ҳар чӣ корад, ҳамонро медаравад.

Духтарчаи сиёҳрӯзӣ бадбахтии модару бераҳмии падарро таҳамул накард, ки якшаба бемор шуду мурд...

Ҳама гурехтанду мо мондем. На ҷойи гурез доштем, на гуноҳи гурехтан. Аз пайи бечорагии худ будем. Ба ҳич касу ҳич чиз кор надоштем. Нагурехта дар бало мондем.

Аз рӯи овозаҳо силоҳдорони навбаромад гуноҳу савоби мардумро не, чизу чораву занону духтарони онҳоро мепурсидаанд.

Духтаронам бо шунидани ҳар садо мисли барги бед меларзиданд. Пеш аз онҳо худам талхакаф будам, ҳарчанд худро шермард мегирифтам. Худо гирад мардии зана!

Дар ҳимояи духтаронам пеши худ садуяк чораву тадбир меҷӯстам, аммо ҳич кадом хушоям набуд.

Андешаи он ки ҷаҳли гушнаро бӯи нони гарм нарм мекунад, хотирамро ҷамъ кард, чунки саги сер касеро намегазад. Одами сер ҷанг намекунад. Дар чунин ҳолатҳо одатан гушнаву пойлучҳо пештоз мешаванд.

Ва мани бесилоҳу бечора дар дифои худу духтаронам аз нону намак мадад хостам.

Он рӯз аз дур садойи тирро шунида, духтарон суйи паноҳгоҳашон, боғи валангори сари пӯшта давиданд.

Нон мепӯхтам, ки омаданд. Ё бӯйи нон онҳоро ба хонаи мо овард, ё ягон хабаркаши хонасӯхта, хулоса омад ба сарам аз он чӣ метарсидам!

Омаданду ҳамакаса ба нони гарм часпиданд. Аз сенздаҳ фатир як дона монд. Аз гуруснагӣ дилам мешӯрид, аммо аз тарс сӯйи нон нигоҳ намекардам.

- Эээ, хона холӣ ку?! – намедонам ин гапро кадоме аз онҳо сари забон овард.

Нон мехоиданду саросема чаҳор тарафро аз назар мегузаронданд. Дар хонаи хурдакаки мо, ки сӯзанро пайдо кардан мушкил нест, ягон сӯрохие намонд, ки сар нахалонда бошанд.

- Духтарот ку? – пурсид биникаҷи безебе, ки ҳаракату бодигарияш калонӣ буданашро менамуд.

Ҷон аз дасту поям баромад. Гармии таре ба қади поям шорид. Баройи пӯшидани айбам косаи обро рӯй доманам калапо кардам. Ҷигаррехтаҳо кайф карда ба ҳолам хандиданд.

Биникаҷ суолашро бозарба такрор кард. Чашмонаш дар косахонаашон гирд мегаштанд. Бор

аввал дар умри сарам гавҳараки сурхи чашми одамро медидам.

- Нестанд! – гуфтам овози худро нашунида.

- Чӣ хел нестанд?

Аз зарби лагадаш дар ҷоям монанди болиш ғелида, андак монда буд ба оташдон сарозер шавам.

- Духтарота дар куҷо руст кардӣ?

- Дар ҳич ҷо! Онҳоро одамони хуб бурданд!

- Мо одамони бадем!

- Хубиву бадии шуморо худо медонад!

Гирдгардии чашмонаш тезу тунд шуд. Ӯ аз дари даромад чашм намеканд.

- Худат чаро бо одамони хуб нарафтӣ?

- Насибаи ба шумо нону намак додан будааст!

- Зӯрат расад ба мо нонунамак не, заҳр медиҳӣ! Мо аз зӯрии худ миннатдорем!- бо ман, гӯиё бо занаш гилагузорӣ кард качбинӣ.

– Ку, духтарота биёр!

- Кобед, ёбед! Нестанд, аз куҷо биёрам!

Ҷавоби ноумедкунандаам онҳоро девона кард. Гӯё маслиҳат карда бошанд, якбора, ҳамакаса маро таги лагад гирифтанд. Качбинӣ кокулонамро ба дастонаш печонда, сарамро ба замин мекуфту духтаронамро мепурсид.

- Мехоҳӣ, баройи қанчиқҳои ту ман сари тир шавам?

Зери пояшон гӯё тӯп будам, тӯпи дамбаромада. Качбинӣ гӯрдаҳоямро нишон гирифта лагад мезад.

- Парвардигор, мурдани ҳамата бинам!- нолиш кардам таги пояшон нимҷон. Аз зиндагӣ ҳич умед надоштам.

- Худамон духтарота меёбем!- гуфт бо нафрату зарда силоҳашро ба тикаи дилам гузошта. – Меёбему дар пеши чашми худат тарака мекунем. Ӯ нӯги тези оҳанро ба тикаи дилам чунон зер мекард, аммо намепарронд, чунки аз куштани ман фоидае набуд. Онҳо духтарҳоро мехостанд ва куҷо будани онҳоро ҷуз ман касе намедонист.

Ногоҳ як мардаки сиёҳлутие, ки чашмони хунгирифта дошт, гӯиё саг сураш карда бошад, давида ба хона даромад. Шерон дар даме рӯбоҳ шуданд. Маро фаромӯш карда итоаткорона, чоплусона саф кашиданд.

Наврасида нони охиринро таги каш карда даррондy ба хоидан сар кард ва аз биникаҷ чизе пурсид. Забонашро нафаҳмидам, аммо маълум буд, ки ӯ ҳам духтарони маро суроғ дошт.

Биникаҷ назди ин сиёҳлӯтии чашмхунгирифта меларзид, чор сӯ медавид, саросемаа чизеро исбот мекард, маро ба сад лаҳну лаҳҷа дашном медод.Овозаш гиряолуд шуд.

Ман дигар аз ӯ наметарсидам, чунки аҷали зишттаре рӯбарӯям меистод.

Наврасида таппончаашро дар даст бозӣ додонда, сӯи ман нигариста чизе гуфт. Биникаҷ бо ранги кандаву овози гирифта фармудаашро ба тоҷикӣ гардонд.

- Шеф духтарҳота мехоҳад. Ақаллан як нафарашро.

- Ним нафараш ҳам ин ҷо нест!- ҷавоб додам зери лаб, овози худро нашунида.

Биникаҷ ҷавобамро тарҷума нодуруст карду ҷони соҳибашро баровард. Ӯ аввал сиёҳ, баъд сурх шуд ва чунон ғазаб кард, ки ногуфтанӣ. Монанди дарранда дандон совид, заминро сумбак зад, мӯшт гиреҳ намуда, чунон ба девор кӯфт, ки як тика андова канда шуда афтод. Онҳое, ки даме пештар маро похелак мекарданд, акнун назди бало бечоратар аз ман буданд.

Сиёҳлутӣ чанде мӯшти хуншорашро макида, пӯшти дасташро хоид. Якбора аз даҳонаш хаф сар кард. Ӯ чанде дар худ тапид, гирист, касеро дашном дод, сипас чашмонашро сахт пӯшида нафаси чуқур кашид.

Ранги каҷбинӣ оҳаквор сафед шуд. Сиёҳлӯтӣ рӯбарӯяш қарор гирифт ва таппончаро ба синаи чапи биникаҷ ҷавс намуда зер кард.

Садойи тирро нашунидам, аммо чун кундаи бурида ба замин афтодани онеро, ки дарди лагадаш дар баданам ҳанӯз кунд нашуда буд, дидам.

Бори аввал ҷонкандани одамро медидам. Мегӯянд мурдан осон аст. Мурдан дар сурате осон будагист, ки одамвор ҷон ба ҷаббор бисупорӣ.

- Акнун навбати ман! – бори чандум таги дил калима арза кардам ман. Баданам суст шуд. Чунон суст шуд, ки байни ману латтаи дар об афтода фарқе набуд.

Сиёлутӣ бафурҷа таппончаашро ба ғилоф андохта сари оташдон омад ва сатили пури обро ба оташи фурӯзон рехт. Дуду хокистар ба ҳаво печид. Аз кардааш завқ карда қоҳ- қоҳ хандид. Дигарон аз тарси ҷон ба хандааш ҳамроҳ шуданд.

Дар ҷояш ҷувозак мерафт.Чашмонаш гирд мегаштанд. Ногоҳ нигоҳи чашмони одамхӯрашро дар рӯйи ман қарор дода, дер гоҳ беҷону беҳис ба ман нигарист, сипас ҳокимона каф ба ҳам зад.

Ҳамоно одамхӯронаш гирдамро печониданд. Гӯсфанди ба чанги гургони гурусна афтодаро мемондам.

Нарғӯл дар пеши чашми ҳама шалворашро поён кард. Аз даҳонаш бӯи хари мурда меомад. Ман бо каф рӯямро пӯшидам. Дастонам бӯи нони гарм мекарданд.

*Н. Н.*

**АЗ МУАЛЛИФ.** Фоҷиаи ин зани бечораи деҳотӣ ки шоҳиди таҳқири бегуноҳии худ буд ва ҷанг бо хотираи нозудуданӣ ҳанӯз бераҳмона таҷовузаш мекард, монанди навор аз назарам мегузашт.

Аз маконе, ки нақши тахтапӯшти хокхӯрдаи ин пайкараи бегуноҳиро дошт, дуртар рафтан мехостам, аммо ӯ ҳанӯз дар лабони ба гиря моил нагуфтае дошт:

- Худо ҳафт пӯштата раҳмат кунад, мабодо ин гапро ба касе нагӯӣ, ки ҳафтоду ҳафт пӯштам шарманда мешавад!

Қавл додам, зинҳор ному нишон, ҷову маконашро сари забон нахоҳам овард. Савганд ёд кардам, ки асрори ӯро чун рози худ пинҳон хоҳам дошт, зеро қиммати зани таҳқиршударо дар ҷамъяти занҷалоб медонам…

Зиҳӣ, зани тоҷик! Зиҳӣ, пайкари гуноҳи бегуноҳӣ!

# « Замину замон меларзид…»

Кашфиёти мухолифин назир надошт. Онҳо аз ду ҷониб ба “ даҳону рӯда” – и навтарин силоҳи охирзамон ба ҷойи гулӯлаҳо сангҳои дарёиро гузошта, сӯйи ҳамдигар партоб мекарданд. Дару девор, замину замон меларзид.

На об доштем, на нон, на оташ, на барқ. Дар чунин ҳолат, ду инсони бечора, ману набераам, ягона ному нишони писару арӯси шаҳидам, дар интизории аҷал шабро рӯз, рӯзро шаб мекардем.

Ранги кӯдак аз гуруснагӣ заъфаронӣ буд. Шунида будам, дар Бадахшон пӯсти зардолӯро дар ширчой корбаст мекунанд. Ин дарс дар зарурат ба кор омад.

Рӯзона дарро аз аз дарун қулф карда, пардаҳоро мекашидам. Шабона рӯй ҳавлӣ мебаромадам ва бо чашми ангӯштонам танаи дарахти зардолӯро палмосида, бо нохӯн пӯст мекандам.

Он шаб бо умеди як мӯшт пӯстлох берун баромадам. Маҳтобшаб буд. Ҳис кардам, ки дар ҳавлӣ касе ҳаст. Ногоҳ шабаҳе тори сарам рост шуда бо овози баланд гуфт:

- Ҳолӣ ҳам намурдаӣ?

Сахт тарсидам. Шабаҳ бо дашноми ногуфтание суолашро такрор кард. Овозаш шинос буд:

- Ту худат кистӣ?- ба ҷойи ҷавоб пурсидам ман.

- Ман аҷали туям! Зоту бунёдатро қир кардам, акнун навбати худат!

- Илоҳо асло ба муродат нарасӣ!

Ба шонаам зарбаи расиду дуқад шудам.

- Ҳа, муҳаллима! Ӯ ҳарфи “ ҳ”- ро барқасд хоида таллафуз кард. Гумон кардӣ дар кӯчаи мо ҳич гоҳ тӯй намешавад?!

Ӯро шинохтам. Тарсу ҳаросам ба қаҳру ғазаб табдил ёфт.

- Э дафъ шаве! Дар ин нисфи шаб дар ҳавлии мардум чӣ гум кардаӣ?!

Чунин ҷавобро чашмдор набуд, ки лаҳзае сари калобаашро гум кард. Ҳамроҳонаш силоҳашонро сӯям рост карданд. Бо ишора онҳоро қафо гардонда гуфт:

– Бо ин пирсаг ман худам гап мезанам!

Ӯ бо ман гапи кӯҳна дошт. Роҳбари синфашон будам. Аз ман сахт метарсид. Дигаронро писанд намекард. Як мактабро дарди сар карда буд. Ба дарс намеомад, аз хондан қимоб буд. Вақти баҳогузории солона бо зориву зӯрӣ аз муаллимон баҳо мегирифт. Аз фанни ман баҳойи ду дошт. Сарҳӯйиву оворагардияш ба ҳамсинфонаш бетаъсир намонд. Бо пешниҳоди ман аз мактаб ронда шуд.

Бори охир дар долони мактаб рӯбарӯ омадем. Салом надод. Рост ба чашмонам нигариста гузашта рафт. Нигоҳашро ҳич гоҳ фаромӯш намекунам. Нигоҳаш як дунё тир дошт.

Ва инак, фурсати мувофиқи тиркушоии ин нигоҳ расида буд. Ва мани шабкӯр ӯро дидам, аз сар то по. Қади паст, рӯи шукуфазеркардаи якумр ношустааш, чанголҳои чиркини доим бииковакаш...

Афту намудаш асли пешина буд, аммо рафтору гуфтораш, либосу афзорашро шинохта намешуд.

# « НОНИ ДУРӮҒ ДАР ГУЛӮИ ҚИСМАТАМ ДАР МОНД…»

“ Насли имрӯз дар замони Коммунизм зиндагӣ хоҳад кард! ” – бо ман тутивор такрор мекарданд шогирдон.Дунё дигар шуд, наслҳо нав шуданд, аммо аз ҷаннати ваъдагӣ дараке набуд.

Пайравони пешаам аз шогирдонам зиёд набуданд, ҳарчанд дар даврони шӯравӣ муаллими таърих, хосса таърихи Ҳизби Коммунист мақоми боло дошт.

Ман низ ҳамчун омӯзгори ин фанни воломақом байни ҳамкорон бологузар будам. Дар бисёр анҷуманҳои ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ аз қудрату шаҳомати ҳизбу таърихаш бо ҳиссиёт суханронӣ мекардам.

Аз фанни таърих дарс мегуфтам, аммо онро дӯст намедоштам. Сазойи сари оне, ки забонаш як чӣ мегӯяд, дилаш чизи дигар. Дар поёни умрам нони дурӯғ дар гулӯи қисматам дар монд.

Шогирди бесаводу мактабқимобам аз хонаводаи муфлису серфарзанд буд. Ҳамеша нимсеру нимбараҳна мегашт. Дар чунин хонаводаҳо одатан кӯдакон бахилу ҳасуд ба воя мерасанд, чунки аз хурдӣ барои маҳрумӣ ва нодорӣ оламу одамро бад мебинанд.

Мегӯянд, оилаҳои серфарзанд аҳлу меҳрабон мешаванд. Ҳамчун омӯзгор ба ин ақида розӣ нестам. Шояд чунин оилаҳо бошанд, аммо ангӯштшуморанд.

Бачаҳои хонаводаҳои серфарзанд, ки на ҳамеша аз меҳру муҳаббати волидайн бархӯрдоранд, аксар

бераҳму номеҳрубон ба воя мерасанд. Дар мавриди мувофиқ никори бухсу алами хонаводагиро аз ҳамсолон, шарикдарсон, ҳамсоягону мураббияҳо мегиранд.

Онҳое, ки чунин осон силоҳ ба даст мегиранду одам мекушанд, бояд як шикам рӯдаву шикамбаи пур аз кинаву рашку ҳасаду қассос дошта бошанд.

Шогирди собиқам аз чунин оила буд. Беҳуда нагуфтаанд, ки “ одами зиштро кору кирдораш ҳам зишту безеб аст “. Офаридгор дар офаридани ин махлуқ ҳич ишқу ҳунар ба харҷ надода буд. Афташ, сураташ, суханаш, рафтору гуфтораш мисли ях хунук буд.

Ҳамсинфонаш ӯро ба давраи худ роҳ намедоданд, бо ӯ бозӣ намекарданд. Мувофиқи буду шудаш лақаб ҳам дошт,- Калтача.

Акуну ҳамин калтачаи бешараф сари муаллимаи шӯҳратманди водӣ рост истода бо нафрат худро шинос мекард:

- Мара шинохтӣ ё не?

- Шинохтам, шинохтам. Падарат даюс аст, модарат ҷалаб. Ин обхезӣ хасакҳоро боло бароварда касак кард. Ҳе , бар ҳафт пуштат лаънат!

Бехи гӯшам садои таркидани тирро, сипас фиғони набераамро шунидам. Дигар ҳеч чизро ёд надорам. Вақте чашм кушодам мижаҳоям ба ҳам часпида буданд. Набераам ҳиккак зада мегирист ва бо тадбири кӯдакона захмҳоямро марҳам мекард. Як тал ҷилду ҷиғел хунолӯд буд.

Бехунӣ асарашро сахт гузошта буд. Бо мадори кӯдак ба девор такя кардам. Захмҳоям ҳанӯз хуншор буданд.

Аз болову поён рони захминро баста, ба ду сурохии ҳанӯз хунчакон сиёҳии дег молидам...

То рӯзи одам буд нашавад, намемурдааст. Бе обу нон, бедоруву дармон худро табобат карда сари по хестам.

Ба духтурон иҷозат надодам, ки тирҳоро аз баданам бигиранд, чунки ин ду тир ҷоизаи мананд.

Дигар на ҳизб вуҷуд дорад, на таърихи он, на муаллимаи фанни аз даҳонҳо монда. Аммо ду тир дар бадани ман вуҷуд дорад.

Ин ду тири дар вуҷудам аз шогирди ношудам ба ёдгор монда охирин нуқтаи достони зиндагии дурӯғини ман аст.

Оре, аз умри дурӯғ, аз касби дурӯғ захми ростину тири ростин дар бадан дорам.

Сазои касе, ки дар умри кутаҳ ҳазору як рӯву чеҳра дорад ва мисли ман дар поёни умраш намедонад, ки кадоме аз чеҳраҳояш ҳақиқист…

Муаллиме, ки шогирди қотил тарбия мекунад, сазояш, ҷазояш, ҳақаш ҳамин аст.

Падарам аз ҷанги Гирмон тир дар бадан баргашт ва то мурдан аз он ҷудо нашуд. Аз моли дунё ҳамон оҳанпораро бо худ бурд.

Ман ҳам ду тири шогирдамро бо худ ба гӯр хоҳам бурд. Ин ҷанг ба мо на танҳо қурбонӣ доданро, балки ғаниматситониро низ омӯхт...

*Б. Султонбекова.*

*Бадахшон.*

# « ХОНА НЕ, ГӮРИСТОН!..»

Вақти говгум буд. Монанди шамоли ачина худро ба хона заданд. Якумр бачаҳоро “ албастӣ омад!” гуфта метарсондем. Акнун худи албастиро медидам.

Ду нафар буданд. Афташон дар ёдам намондааст, одамнамо мебуданд, фаромӯш намешуданд.

Дар хонаи холӣ даводаву паропаре шуд, ки илоҳӣ, тавба!

Дар хонаи худам онҳо соҳибхона буданд, ман мусофир. Чизе, ки хушашон намеомад, лагадкӯбаш мекарданд. Дастархона холӣ ёфта, аламашона аз табақи чӯбин гирифтанд. Табақи лагадхӯрда байни хона хеле арғушт рафта, оқибат пеши пойи ман пурӯ шуд.

- Кобед! Кобед! Кофтагиҳо хока ёфтанд!

- Хона не, гӯристон! - алам кард яке.

- Ганҷ дар вайрона гуфта даромадем! Дарашон кушода буд.

- Ягон хоку бало медоштанд, дарашона мебастанд.

Дилам ба ҳолашон сӯхт. Якдигарро тасалло дода саросема рафакиву санукҳои кӯҳнаро мекофтанду беист дашном медоданд. Ба тоҷикии тоҷикӣ ҳақорат мекарданд.

- Ҳе очаи хонадора!..

Онҳо шунаво ҳақорат мекарданд, ман таги дил. Хонаи мани бечора ба онҳо маъқул нашуд. Гӯристон ба кӣ маъқул аст?!

Ин ду қатаған се ё чорум гурӯҳе буд, ки ҷилду ҷиғели мани камбағалро тагӯру мекард. Инҳо ҳамин қадар вақт ранги кирми чӯб куҷо пинҳон буданд? Якбора аз куҷо пайдо шуданд?

- Рафтеме! Нахӯрдаву набурда, гирифтам дарди гӯрда.

- Ношукрӣ накун, ҷӯра. Чизу чораи дуздидагият барои як умр мерасад. Ҳар рӯз ид нест!

- Э рафтемее!..

Аз тақдиру мо бечорагон ранҷида сӯи дари баромад равон шуданд. Бовар мекунед ё не. Рафтаншонро намехостам. " Аз оғили холӣ гови шохзан беҳ! ",- гуфтааст танҳое. Ба будани ин ду меҳмони нохонда дар хонаи торики беобу нон одат кардам.

Ҳангоми аз дар баромадан яке табари кӯҳнаи кунҷи хонаро дида, саросема сӯяш давида гуфт:

- Аз хирс як мӯе. Мӯйсафед хурсанд мешавад!

Табарро гирифта рафтанӣ шуд, вале ногоҳ лағжида пеши пойям ба тахтаи пӯшт дароз кашид.

- Нафси бад, балои ҷон! – хандида масал зад ҳамроҳаш аз таги дар.

- Дигарон аз хонаҳо мошин мебаранд, мани берӯзӣ аз ин кӯлбайи вайрона ҳамин як табари кӯҳнаро набарам? – чорғов гила кард толеъбаргашта.- Соҳибони ин кӯлбаро яқин бекафан гӯрондаанд! Тфу! Бар падари хонадор наълат!

Дидам ба ҳолаш сӯхт. Дашномкунон сари по хеста буд, ки табарро сӯяш дароз кардам. Маро дида як қад паррид.

Одамро ҳақиқатан шайтон механдонад. Ҳар қадар лабу остин газидам, хандаамро дошта натавонистам. Хандаам дигариро таги дар талхакаф кард.

Онҳое, ки аз тарси омад – омадашон мардум монанди барги бед меларзиданд, онҳое, ки сари китф камони пури тир доштанд, аз дидани мани бепову пар чунон талхакаф шуданд, ки дар ягон ҷойи баданаш ҷон намонд:

- Салом, меҳмонҳои торикӣ! Натарсед, мо тиру камон надорем! – худро шинос кардам аз кунҷи рафакӣ.

Яке рӯбарӯям, дигаре дар роғи дар музтар монд. Оқибат табардуздак ба худ омад, ки шохмола аз ҷой хест. Маро,монанди болишти кӯҳна бо нӯги мӯза тела дода бо нафрат пурсид:

- Зиндаӣ?

- Худо накушад чӣ хел мемурам?

- Хонадорҳо зару зеварашона гирифта гурехтанд?

- Соҳиби хона, зару зевар ҳама дар пешат!

- Ҳич кас надорӣ , кампир?

- Шукри худо, ки ҳич кас надорам. Ягон сархӯр медоштам, мисли шумо ҳафт пӯштама шарманда мекард!

- Зиндагӣ шумат шудаст, пирсаг! Дамата гир, ки сари тират мекунам!

- Шумо дига чӣ ҳунар доред!

- Бугӯ, гапата бугӯ, кампир!

- Шумо киройи гап надорен!

- Мо чӣ кор кардем?!

- Воҳ, бо чӣ кор мекарде? Дар дунё риде!

- Ин зоғa сари тир кун, вақташ расидаст!.

- Садқаи тир шавад.Тир ҳайф мешавад. – Рафтеме!

Ӯ аз ҷой хеста либосҳояшро афшонд ва табарро сари китф карда ғур-ғуркунон сӯйи дари баромад равон шуд:

- Дигарон аз хонайи мардум мошин- мошин чизу чора мебаранд. Аз ҳамон қадар роҳи дур омадем, ҳамин як табара набарем?!

Онҳо ҳафт пӯшти маро баройи бечорагиву нодориям дашномкунон рафтанд.

Як табарро бурданду як тирро бароям ҳайф донистанд. Баъди рафтанашон зардоби дилам сар рафт:

- Воҳ, барраме ! – аз пасашон нола кардам ман. Ҳамин қадар ҷангу хунрезиро барои ҳамин як табари кухнаи раҳматии Усто ба сари мардум оварден?

Биллоҳ, як тешаи шикастагӣ ҳам дорем. Ҳамонро ҳам гирену дигар ба сари мардуми бечора балои ҳафтоду ҳафт олама наёрен, ки мағзи пойи рост истода хандида мурданро надорем!..

*Кампири Қурбонгул.*

*Қаротегин.*

---------------------------------------------

* *Шояд ғул, ё одами барфӣ дар назар аст, ки замоне дар ғорҳо маскан дошта. Дар кӯҳистон аз афтударафти албастӣ бо мардуми тахҷоӣ қиссаву ривоятҳои зиёде сари забонҳост.*

**« ПОЙТАХТ БА ХУҶАНД КӮЧИД...»**

Ҷанг ҳамаро аз ҷой бе ҷо кард. Пойтахти ҷумҳурӣ ба Хӯҷанд кӯчид.

Ба хонаи хешу табор чун овораву фирорӣ сар задани онҳое, ки дирӯз меҳмони азизи ҳар хонадон буданд, ҳузновар менамуд.

Анборхонаҳо, саройҳо аз мардуми омад пур шуд. Кӯчбастагон на ҳама хуҷандӣ буданд.

Ҳақиқати воқеъа торик буд. Бехаброн дар маъракаву кӯчаву бозор қисми оташгирифтаи ҷумҳуриро ҳамчун ҷангхоҳу ҷангандоз маломату мазаммат мекарданд.

Касе бо ақли худ ба мантиқи ин даргириҳои бемаънӣ расида наметавонист.

Фоҷиа аз мо дур буд. Гумон надоштем, ки ҷанг мисли ҳазорпо ноаён ба гӯши сарнавишти мо низ ноаён ворид хоҳад шуд.

Ҳаво сарду гирифта буд, монанди хотири мардум. Дар чунин ҳаво дилам фишурда мешавад. Гӯё гулӯямро бо панҷаҳои оҳанин мефишоранд. Бидуни ихтиёр гирён мешавам.

Он рӯзи даҳшатнок, ки садои тиру тӯфанг ва таркиши гулӯлаҳо аз наздик шунида мешуд, дар таваллудхона танҳо будам. На қуввати гиристан доштам, на зистан.

Хуни зиёд гум карда, байни маргу зиндагӣ қарор доштам. На дору буд, на дармон, на дармонбахш. Духтурон низ наменамуданд. Баъд фаҳмидам, ки ҳама афсари ихтиёрии шабохуни ҷанг будаанд.

Аз пардаи таб садои тирро шунида, гумон кардам, навори ҷангиро ба намоиш гузоштаанд.

Намедонистам қурбониҳои бегуноҳи ин намоишномаи касифи сиёсат аллакай кӯчаҳои шаҳри қадимаро оғӯш карда, дар хоку хун оғуштаанд.

Ва ман низ дар таваллудхонаи холӣ, дар сангари бераҳмии зиндагиву марг қурбонӣ додам, - писаракамро.

Тифлеро гум кардам, ки дар тӯли ҳафт моҳ надида медидамаш, мешунидамаш, навозишаш мекардам, барояш лолоӣ месурудам, чандин номи зеборо муносибаш медидам.

Тифлеро гум кардам, ки гаҳвораи оростааш якумр дар гӯшаи хона холист.

Ман тифлеро аз даст додам, ки ҳанӯз рух нанамуда, зебоии зиндагиву ишқро бо умеду хаёли ширини дидораш бароям менамуд.

Оне, ки бештар аз ҷони ширинам дӯсташ медоштам, ношӣ аз ҳузну ҳароси афзуни дили модар пеш аз мӯҳлат ба дунё омад, то назиста бимирад.

Кӯдак мӯйи сиёҳи марғула дошт. Гӯё пеш аз ба дунё омадан, ба ороишхона рафта буд.

Писар надоштем. Аз даме ҷинсашро мутахассисон муайян карданд, дар хонаамон, ид буд. Духтаронам аз ман дур намешуданд. Бо навбат сар рӯи шикамам гузошта бо додараки кӯчаки худ гуфтугӯ мекарданд, лӯлиёна меҳр меварзиданд.

Соҳиби ин ҳама меҳр инак, дар оғуши сӯзонам сард мешуд.

Гулӯлае наздик таркид. Дару девори таваллудхона ларзид. Катҳо, асбобҳо, қандилҳо арғушт рафтанд. Фикри заминларзаро кардаму аз ҷангро не.

Вақте шавҳарам давон ба ҳуҷраи бемористон ворид шуда, хомӯшона мани беҳоли хуншорро сари китфаш сӯи берун кашола кард, вақте пайи қирмизии хунам заминро гулкорӣ мекарду пойҳои урёнаи мани заҷаро шамоли сарди кӯҳи Мевағул бераҳмона мелесид, андак ба худ омадам ва бо даҳшат дарк кардам, ки фоҷиаи бузурге сар задааст.

Аз паси дарахтону тангкӯчаҳои шаҳри қадима зери тирборон сӯи хона мерафтем. Ҷисми беҳолам сари шонаи шавҳарам чуволи холиро мемонд. Пойҳоям заминро мерӯфтанд.

Хуни гармам аз паям хат менавишт, хати ҷангро. Бо хуни худ хати мотами писари ғурамаргамро менавиштам.

Хати хуни занро хондаед? Эй мардум, эй мардон, кадоме аз шумо хати хуни занро хондааст?

Хати хуни занеро, ки ба таваллудхона бордор омада, ба хона холӣ бар мегардад ва раҳбараҳ сӯгномаи нокомиву номуродии худу ҳазорон амсоли худро бо хуни худ менависад…

Ҷисми нотавони ман бар дӯш, ҷанозаи писари орзу дар бағал шавҳарам оқибат аз дарвозаи тирполои манзиламон ворид шуд.

Дар маҳаллаи мо чун дар саросари шаҳр қиёмат қоим буд. Мардум ҳар сӯй мегурехт. Аксар пайи амнияти худу хонавода хаёли убур кадани дарёро доштанд.

Аз хонаи мо то канори дарёи Сир роҳ дур нест, аммо он гоҳ роҳи байни замину осмон аз ин масофа наздиктар менамуд.

Бо арзи гарони амрикоӣ барои тай кардани чандсад қадам такси киро кардем. Ба соҳил расида, фаҳмидем, ки дар киштии кушода, дар ҳавои сарди яхбаста аз дарё гузаштани мани навзо баробар бо худкушист. Тахтаи дарёи яхбаста яқин бароям тобут мешуд.

Пиёда ба қафо баргаштем. Баргаштанамон амри қисмат буд. Моро рӯҳи тифл баргардонд.

Дар таҳлукаи ҷон мурдаи кӯдаки худро фаромӯш кардем. Ӯро ба хок насупорида гурехтем.

Ҷисми поки суруши ман оқибат хоки боғчаро ба модарӣ пазируфт. Дар боғчаи гулҳо ғунчаи пажмурдае изофа шуд: ғунчаи беном, ғунчаи ҳасрат, ғунчаи ҷанг чида…

Нигоҳи писархоҳи шавҳарам рӯйрост мегӯяд:

- Зиндагии бидуни писар мантиқу шаҳомат надорад!

Посухи нигоҳаш дар хомӯшиям фиғон мекунад, аммо онро ҷуз худам касе намешунавад:

- Оре, бидуни писар ҳастӣ аз маънии зистан холист.

Дар замине, ки модарон писаронро барои қурбониву духтаронро барои таҳқир ба дунё меоранд, писар назодан нашояд.

Бояст писар зод, аммо ман дигар қудрати писар зоидан надорам!

Мехоҳам бигӯям, аммо намегӯям. Ҳазрати Марям гуфт, ҳазрати Бибӣ Фотимаи Заҳро гуфт, Таҳмина гуфт.., нашуниданд...

Мехоҳам рӯҳи аз сад ҷой таракхӯрдаамро бо пандномаҳои бонувони муборизу диловари Ориёнои якумр дар хоку хун оғӯшта, тасалло бидиҳам, аммо наметавонам.

Рӯҳамро, зарраҳои зиндагиофари хунамро ҷанг куштааст.

Неруи офаридгориямро ҷанг маҳв кардааст. Ҷанг камарамро шикастааст.

Дигар қуввати созгорӣ надорам.

Дигар қудрати писарофарӣ надорам.

Дигар неруи бо ҷанг ҷангиданро надорам!..

Писари дар авҷи ҷанги худкушии миллат ба дунё омада- наомадаам, ин қурбонии бегуноҳ, зинҳор ҷангбозӣ нахоҳад кард!..

*Бонуи Хуҷандӣ.*

# « ДАР КИТОБИ БОДҲОИ САРД…»

Ғӯрамаргон
Баъди марги хештан
бар зиндагӣ ошиқтаранд.
Ғунчаҳои хуфтаи бедор
Андар ҷони сабзи навниҳолон,
Аз хазони заъфаронии гулафшон,
Набзи сабзи зиндагии хешро
даъвогаранд.
Ворисони “ сарбадорон”- и асиру сархамида,
Панҷаҳои тофта-
бишкастаи худро,
Зи бехи решаҳои дор меҷӯянд.
Ҳамзабони тиру тундар,
Ҷовидон марсия мегӯянд;

Аз азоби ёдҳои сард,
Аз итоби додҳои сард,
Бо ҳароси сурбии фарёдҳои сард,
Дар китоби бодҳои сард!..

**« САД БАРГИ СУРХИ ГУШНА...»**

Дар масҷиди ҷомеъ, вақти намоз пайдо шудани зани нимбарҳанае, ки миллату мазҳабу синну солаш маълум набуд, таҳдонҳоро ҳайрон накард, аммо бехабаронро ба шӯр овард:

- Ин зан дар масҷид чӣ кор мекунад ?!

- Айба намедонаде, сару либос бину…

- Ронед ӯро!

Зан дар тан пироҳани чити дарида дошт. Пойҳои урёнаш хокистарранг менамуданд.

Мӯйи пахолмонандаш, дасту рӯяш кайҳо обу собунро надида буд.

Меҳмони нохондаи хонаи худо нидоҳои маҳкумкунандаро беаҳамият гузошта, ба пешгоҳи масҷид гузашт ва бафурҷа ҷамъиятро таҳти назар қарор дод.

- Ӯро ронед! Намоза бурид!

Яке аз остини фарсӯдаи зан дошта, сӯйи дари баромад кашид:

- Ба ӯ кордор нашавед! – хитоб кард пирамарде.

- Дар байни мо аз ҳама бегуноҳ ҳамин модари бечора аст.

Хаёли намозгузорон парешон шуд. Зан ҳамоно ба ҳар чеҳраи ношинос бо диққат нигариста, гумкардаашро меҷӯст.

Ӯро ин ҷо хуб мешинохтанд. Ба зуҳури ногаҳонияш, ба либоси пораву сарупойи урёнаш, ба бесадо ғайб заданаш кайҳо одат карда буданд.

Оқибат симои ба назараш ошнову гармеро аз байни намозгузорон интихоб кард, ки бо зора пурсид:

- Хасани маро дидӣ?

Мард бо аломати инкор сар ҷунбонд.

- Ҳусейнро чӣ?

- Ҳусейнро ҳам надидам!

Ӯ ранҷидахотир аз назди мард дур шуда суолашро ба ҷамоат ҳавлола кард:

- Шумо ҳам бачаҳои маро надидед?

Маътали ҷавоб нашуда ба шарҳу эзоҳи сифатҳои писарони гумкардааш гузашт:

- Бачаҳои ман расм мекашанд, суруд мехонанд, рубоб менавозанд.

Гӯё модари аз ақл бегона на, муаллимаи фанни ҳунарҳои зебо ба донишҷӯён сухан мегуфт:

- Сурудхонишон, овозашон булбула гирён мекунад. - Ҳамин хел бачаҳои хушрӯваки ширинака надидед? – бори дигар ҷамоатро пурсон шуд, ҳайрону ошуфта.

Намозгузорон хомӯш буданд. Яке барояш нони гарм пешниҳод кард. Ӯро гӯё бо химчаи тар зада бошанд, якбора ақибнокӣ гурехта, чанде бо хаёли ба худаш маълум андармон шуд, сипас баройи ҳич кас гуфт:

- Нон! Нон! Ҳолӣ ин нона чӣ кор кунам? Бачаҳо гушна гулкашӣ рафтанд. Гули садбаргашон сад барг дошт, сад барги сурхи гушна.

Бӯи садбаргашон пеш аз худашон хона меомад. Бӯйҳоро дар автобус савор мекарданд, худашон пиёда меомаданд. Гулҳои куртама худашон кашиданд, гуфт бо ифтихор пироҳани ранггумкардаву даридаашро ба намоиш гузошта.

Ҳалқаш хушк шуд. Ҳикакаш гирифт. Барояш об оварданд. Обро нанӯшида ба доманаш рехту онро ғӯнча кард:

- Барои бачаҳом мебарам.

Намози ҷомеъ бурида шуд. Намозгузорон рӯйи ҷойнамозҳо пайкараҳои сангинро мемонданд.

- Бечора занака ғам аз ақл бегона кардааст, - гуфт пирамарди аз қисмати сиёҳи зан огоҳ. - Сӯйи масҷид меояму раҳбараҳ баданама вараҷа мегирад. Аз рӯбарӯӣ бо ин бечораи худо метарсам. Шавҳарашро куштанд, додарашро куштанд. Дар бисоташ ҳамин дугонакҳоро дошт. Онҳоро ҳам қотилон зиндадаргӯр карданд. Тавба, тавба! Ҳар гоҳ модари аз қатли ваҳшатноки бачаҳояш бехабар, аз назди хокпӯшта мегузарад, якбора дар ҷояш меистаду гӯшу ҳӯш мешавад. Аз зери хок садои писаронашро мешунавад. Бо онҳо гуфтугӯ мекунад. Суол медиҳад, ҷавоб мешунавад. Худо раҳмаша хӯрд, ки ақлаша гирифт. Ҳушёр мебуд ҳар рӯз сад бор мемурд:

- Ҳасану Ҳусейни маро надидед?!

Сукути ҷамоат сангин буд. Умедашро аз намозгузорон канда, ба ду ҷавонмарди наврасида, ки шитобон ҷойнамозашонро паҳлӯйи якдигар паҳн мекарданд, гиряолӯд пурсид:

- Ҳасану Ҳусейни маро надида бошен, барои чӣ намоз мехонен?!

- Ман Ҳасанам!

- Ман Ҳусейнам!

Чашмони зан дурахшиданд. Ӯ ба бародарони ба якдигар чун як себи дутақсим монанд наздик шуда,

китфу сару рӯяшонро бо панҷаҳои шахшудааш чанде меҳрубонона навозиш кард. Сипас бо ишораи “ хомӯш! “ ангӯш ба лаб ниҳод. Атрофро чанде бо эҳтиёт аз назар гузаронида оҳиста гуфт:

- Медонам, ки Ҳасану Ҳусейни манед, аммо ин гапро ба ҳич кас нагӯед, ки шуморо мекушанд. Шуморо ҳам мекушанд, маро ҳам мекушанд, худоро ҳам мекушанд...

***

***АЗ МУАЛЛИФ:***

Нигориши ҳунармандонаи фоҷиаи зани аҷлкостаро ба ҳунармандони сонӣ ҳавола хоҳам кард, зеро аз тасвири беш аз ин, оҷизам.

Дар рӯбарӯи як қисмати талхи бегуноҳӣ кашф кардам, ки адабиёт ҳанӯз ба вазифаи худ,- нусхабардории асли ҳаёт муваффақ нашудааст.

*ш. Душанбе.*

## *ФОҶИАИ ТОҶИКОН АЗ ДИДГОҲИ ДИГАРОН*

**« РӮШАНФИКРОНИ ХУДРО ДӮСТ НАМЕДОРАНД!...»**

Вобаста ба пешаам ними оламро дидам. Бо миллатҳо, халқиятҳо, қавму қабилаҳои гуногун ошно шудам. Аз расму ойин, роҳу равиш, урфу одат ва тарзи рӯзгордорашон дар дафтари хотираам саҳифаҳои сеҳрангезу омӯзонандае дорам.

Миллатҳо, халқиятҳое ҳастанд, ки аввал афсонаи таърихии худро аз орзуву ормон эҷод намуда, сипас шабеҳи ин афсона зиндагӣ мекунанд.

Дар ҳама ҷо ҳамсӯҳбатонам аз зоду бунёд, аз решаи худ, аз азизону бузургонашон бо ифтихор ёд мекунанд. Гоҳе ифтихорашон аз ҳад мегузарад. Ба зоду бунёд ва аслу насаби худ корҳову ифтихорҳои дигаронро низ нисбат медиҳанд.

Дар Тоҷикистон нисбати бузургону рӯшанфикрони ин миллат баракси инро мушоҳида кардам.

Воситаи эҳтиромашон аксар гузаштагонанд. Нисбати будагони номдор ҳусни таваҷҷуҳ надоранд.

Тоҷикон азиз доштани азизони худро ҳанӯз наомӯхтаанд. Рӯшанфикрони худро дӯст намедоранд, эҳтиром намекунанд. Ифтихори миллии ин мардум аз сатҳи бузургонашон хеле поён қарор дорад, ки воқеан боиси ҳайрату таассуф аст.

*Р. Максвелл .*

*Ҷомеашинос .*

### *ФОҶИАИ ТОҶИКОН АЗ ДИДГОҲИ ДИГАРОН*

**« ХОНАИ ТОҶИК МЕСӮХТ!..»**

Аз оғози зиндагии одамизод дар замин ҳамеша ҷанг буд, аммо ваҳшату бераҳмие, ки ҷанги бародаркушии тоҷик намоиш дод, таърихи оламу одам ёд надорад.

Ҳангоми даргириҳои шадид таъмини бехатарии шоҳроҳи пойтахт – вилояти Хатлон, аниқтар, роҳи Душанбе – Панҷ, Панҷ – Душанберо ба уҳда доштам.

Водии Вахш набзи қаввии иқтисоди Тоҷикистон ба шумор меравад. Вобаста ба иқтисодиёт сатҳи зиндагии мардум нисбати дигар водиҳои ҷумҳурӣ фарқ дорад. Мутаассифона сатҳи зист, на фарҳангу маориф!

Ба дарёфти ман мардуми ин водиро маҳз ҳамин сарвату молу чизи бебаркаш ба фоҷиа кашид.

Вахшиён заҳматкашанд. Пахтаи ин водӣ дар ҷаҳон беназир аст. Мардум пулу сарвати зиёд ҷамъ карда, аввал роҳи оқилона сарф кардани онро намедонистанд. Солҳои охир ин масъала ҳали худро ёфт. Мардум хонаҳои бошукуҳ месохтагӣ шуданд. Дар мисоли ҳамин кушкҳои боҳашаммат фаҳмидам, ки рашку ҳасад ва ҷаҳолати одамӣ ҳадду канор надорад.

Оташи ҷанги шаҳрвандӣ сараввал манзилҳои ободу зеборо ба коми худ даркашид. Ҳамсояи муфлис манзили зебову ободи ҳамсояи сарватмандашро, ки ҷонашро гирифта гурехта буд, бемалол оташ зада, аз харобкории худ кайф мекард.

Он рӯз сари ҷода, хонаҳои ободу зебороро оташ задани як тӯдаи ҷоҳилу бехудро дида, аз танк фаромада пурсидам :

- Чаро ин хонаҳои ободу зебороро месӯзед?!

Хонасӯзон, ки аксар ҷавонон буданд, бо як овоз ҷавоб доданд:

- Барои он ки соҳибонашон дигар бар нагарданд!

- Як тоҷик хонаи тоҷики дигареро месӯзад, ки соҳибонашон дигар ба боғу манзили худ бар нагарданд?! Чунин ҷаҳолатро дар ягон китоб нахондаам!

- Акнун мехонед! – бо қаҳ-қаҳ ҷавоб доданд хонасӯзон, ки байнашон духтарон низ кам набуданд.

Чӣ гуфтану чӣ кор карданамро надониста, чанд дар ҷоям беҳаракату музтар мондам. Як даста занон хандаи пурмазоҳу заҳролӯдашонро ба рӯям пош дода, сатилҳойи пури бензин дар даст аз наздам гузашта рафтанд. Забонаи оташ аз нав осмонро лесид. Хонаи тоҷик месӯхт. Хонаи тоҷикро тоҷик оташ мезад.

Суоли ҳайрату афсӯс дар лаб корвони мошинаҳоро ба роҳ андохтам, аммо сӯи водӣ на, ҷониби пойтахт. Дигар шоҳиди ҷаҳолати инсонӣ будан намехостам. Шоҳид ҳам қотил аст.

Ба пурсиши худ аз ин тӯдаи авбош посухи саҳеҳ нашунидам. На, на, хато кардам. Ин суол ҷавоб дорад. Ба он ҳанӯз соли 1917, пролетарҳои урёну гурусна, ҷавоби сурх гуфта буданд.

*В.П.Андреев.*

*Санкт- Петербург.*

# *Фоҷиаи тоҷикон аз дидгоҳи дигарон*

**« ШУМО КИРО МЕКУШЕД?!»**

Тоҷикон!
Ҷанги аҷалро аз гулӯи ҳамдигар раҳо кунед!
Чанголи ҷаҳолатро аз гӯшаки камонҳо гиред!
Шумо киро мекушед?
Зоду бунёд, аслу насаб, миллату меҳани худро?!
Чаро?!

*З. В. Сергеева.*
*Рӯзноманигор.*

# *Фоҷиаи тоҷикон*
# *аз дидгоҳи дигарон*

## « ЯКДИГАРРО БЕРАҲМОНА МЕКУШАНД!..»

Аз ин мулк ҳарчи зудтар фирор бояд кард! Милюн арзи америкоӣ маро дигар нигоҳ дошта наметавонад!

Ба ҷойи хона сохтану мулк обод кардан, ба ҷойи ишқ варзидану фарзанд зодан инҳо якдигарро бераҳмона, ваҳшиёна мекушанд.

Ин мардум гӯиё барои қатли ҳамдигар ба дунё омадаанд!

*Н. Ц.*

*Нозири низомӣ.*

# *Фоҷиаи тоҷикон*
# *аз дидгоҳи дигарон*
# **Ворисони фазлу хирад**

Тоҷикон, ин миллати қадимаву фарҳангии ҷаҳон баъди сӯхтани ватану ҷоҳу ҷалоли худ, баъди худкуштану худбохтан хушбахтона оқибат сари мизи музокира нишастанд.

Миллате, ки чунин нобиғаҳои илму фарҳангу адабиётро зодааст, бояд хиради зотии худро дар ҳалли чунин масъалаи тақдирсоз ба ҷаҳон намоиш бидиҳад.

*У. Тан.*

# *Фоҷиаи тоҷикон*
# *аз дидгоҳи дигарон*

## САРЗАМИНИ МЕҲРБОР

Дар ҳама ҷо замин замин асту офтоб офтоб, аммо замину офтоби Тоҷикистон ба назар меҳрбору меҳрбортаранд.

Мардуми ин марзу бум бояд аз ҷангу ҷидол бипаҳрезанд, ошиқи ҳамдигар бошанд, шеър гӯянд, тарона хонанд!

Ман ин марзу ин мардумро чунин дарёфтаму шинохтам!

*Р. Аба.*

# *Фоҷиаи тоҷикон*
# *аз дидгоҳи дигарон*

## РӮЗИ АРАСОТ

Офаридгор гуноҳи худкушу одамкушро дар як паллаи мизон мегузорад.

Ҷазои гуноҳи шӯрангезон, оташдиҳандагон, тарҳрезандагон, тамошогарон, кафкӯбон ва бетарафони ин ҷанги бародаркушӣ дар рӯзи арасот одилона хоҳад буд.

*Падар Валентин.*
*Рӯҳонӣ.*

# *Фоҷиаи тоҷикон*
# *аз дидгоҳи дигарон*

## « ХУШДИЛУ ХУШГИЛАНД, ТОҶИКОН! «

Монанди тоҷикон миллатеро, ки ворисин чунин таърихи сабақомӯз, тамаддуни олӣ ва илму фарҳанги қадима бошад, дар таърихи инсоният пайдо кардан мушкил аст.

Аҷаб мардумони хушгилу хушдиланд, тоҷикон!

Ба бераҳмӣ, гузашта аз он ба қатлу куштори як тоҷик тоҷики дигарро бовар кардан мушкил аст.

И. Вартанян.

# « МАРДУМ БА МАЗОР КӮЧ БАСТ «

Мардум ба мазор кӯч баст. Қабристон аз занону духтарону наврасон пур шуд. Гӯри кӯҳнае намонд, ки соҳиби зинда надошта бошад. Чанд марди таҳамтан, ки сели ҳодиса роҳи фирорашонро баста буд, барои бегӯрмондагон гӯри нав кофтанд.

Зимистони қаҳратун ҳоли ҷуку ҷондорро чунон танг карда буд, ки кабутарону гунҷишкони гурусна нотарсона села-села даруни хонаҳо медаромаданд.

Мазор на ҳамаро ғунҷонида метавонист. Кӯдакони бепарастору занони дуҷон ва пирони барҷомонда ба тақдир тан дода дар хонаҳои хунуку холии деҳа монданд.

Мардони мазор шабона, бо навбат бо раҳу пайроҳаҳойи махфӣ барои озуқаву хабари тоза ба деҳа меомаданд. Бачаҳо бо дастёрони беминнати худ, сагони гурусна посбонии роҳи калонро ба уҳда доштанд. Ногаҳон он дами ваҳмовар фаро расид. Саги посбон деаонавор аз ҷой ҷаст. Мӯйи баданаш шиғ шуд.

–- Омаданд, омаданд! - фарёд зад писарча аз ҳавлӣ худро таги долон зада. Ҳамаашон омаданд!

Мард хурҷини китфашро ба замин гузошт. Ӯ низ аз чашми мӯрии дудаолуд меҳмонони нохондаро дида буд. Силоҳдорон, ки аз охирин навъи силоҳ муҷаҳҳаз буданд, босалобат қадам зада, рост сӯи хонаи онҳо меомаданд.

Ранги рӯйи ҷавонмард заъфаронӣ шуд. Хасм ҳамагӣ чанд қадам меистод, аммо ӯ дар дифоъи худу хонадонаш  чизе надошт.

Писарак аз долон худро ба хона, ба бағали падар зад. Мард вазни бевазнии кӯдакро низ таҳаммул карда натавониста, калавид. Кӯдак худро аз оғӯши падар берун кашида,  нарчанголашро  маҳкам дошт.

Силоҳдорон ба муқобилияти шадиди саги чӯпонӣ  дучор омаданд. Як  тирдон дар ҷисми ҳайвони бовафо холӣ шуд.

Бача бо умед сӯи падар нигариста, ҷойи ӯ  марди чорқадшудаеро дид, ки ҷисмашро бо азоби алим ба чаҳлак *  ҷой мекард.

Кӯдак ба долон баромад ва дар канори модари рангкандаву ишкамдамидааш қарор гирифт.

- Падари ин сағира  куҷост?-  суол кард роҳбари силоҳдорон.

- Ин сағира падар надорад! - ҷавоб дод зан.

- Инаша аз куҷо муштак кардӣ? – гуфт  бо тамасхур  ба шиками зани дуҷон  бо қундоқи камон зада. Зани дуҷон  шикамашро дудаста дошт. Бача модарашро оғӯш карда гуфт:

- Очама назан!

Ҷуръати бача  дар ҳифзи  модари танҳо ва тифлиназодааш, ки ба дунё наомада, зарбайи  ҷаҳли одамиро хӯрда буд, ҳайратовар буд:

- Ин ҳаромита гум куну шӯта биёр, бо мо шухӣ накун.

- Кадом мурдаро аз гӯр овардаанд? Шӯям дар мазор!- ҷавоб дод зан ва ҳамоно аз гуфтааш сад бор пӯшаймон шуд.

Ҷавобаш якеро наҷот дода, ҷони даҳҳо одамонро дар дами хатар мегузошт. Охир ними деҳа дар мазор буд.

- Рафтем, гӯрашро нишон те. Мо шумо мазориҳоро медонем.

Ҷон аз дасту пойи зан баромад. “ Инҳо ҳама гапро медонанд. Дар хона будани мардро ҳам медонанду дар мазор будани мардумро ҳам. Ҳар ду бари рӯям сиёҳ!..”- худро маломат кард таги дил ба таги хатойи кардааш расида. Ногоҳ чунон ваҳм зераш кард, ки беҳол шуда чун ҷуволӣ холӣ дар пойи худ нишаст:

- Хез! Хез! Худро ба мурда наандоз. Ҳолӣ вақти мурдан дорӣ!- ӯро кашола карда хезонд силоҳдор.

Мард гуфтугӯи зан ва силоҳдорро аз даруни чаҳлак мешунид ва ҷисмаш ба назараш хурд мешуд. Ӯ дигар фишори оташдони тангро эҳсос намекард.

- Худатро, ин ҳаромиятро сагвор мепарронам!- Монанди сагатон ҷон канда мемиред. Бидуни ихтиёр зану кӯдак сӯи саги бовафояшон нигаристанд. Ҳайвон ҳанӯз ҷон меканд. - Ҳаматона назди падаратон мефиристонем!- ҳукмашро сари забон овард марди занғолиб.

Зан бачаашро, сипас сутуни долонро беҳолона оғӯш кард.

- Амакӣ, ту мошин дорӣ? Мо дорем! – аз домони модар садо баровард бача. Сари болои силоҳ ба замин хам шуд:

- Ҳама чиза шумо дорен , очағарҳо ! Мо мошин надорем. Мошин медоштем, дар хонаҳои гармамон мешиштем,- ба ҷойи ҳама ба суоли кӯдак ҷавоб

гардонд, марди ҷоҳил сӯи мошиндори хурдакак қадам гузошта.

Бача дар интизории зарба худро ба шиками дамидаи модар ҷавстар карда тутивор гуфт:

– Мо мошини хушрӯ дорем. Бигирашу очама ғам нате.

Модар оҳиста ба гӯши бача чизе гуфт. Ӯ сар ҷунбонд.

Силоҳдори калонтар бӯи думбаи рӯғанинро ҳис карда, пурмаъно сарубари ҳавлиро таҳти назари озмоиш қарор дод. Ҳамроҳон ба кӯмакаш расиданд, аммо аз ҳадяи ваъдагӣ дарак набуд.

- Аз тухм набаромада моро масхара мекунӣ? Қундоқи камон сари бача боло шуду ӯ таги бинии силоҳдор кафи дасташро кушод:

- Ана, калид, амак. Мошинро бигиру дигар очама назан. Мард зана намезана!

Мардони саропой силоҳдор аз паси кӯдак сӯйи коҳдон, ки мошини наҷотбахш зери ғарами каҳ мехобид, равон шуданд.

Ваҳте ғосибон бо мошини ғаниматситонида гардиши пайроҳаи деҳаро убур мекарданд, мард аз чаҳлаки сиёҳ сар берун кард. Зан ба афтуандоми шавҳар нигариста аввал хандид, сипас гирён шуд. Ду инсони аз дами марг раҳида гирёну хандон якдигарро ба оғӯш гирифтанд.Кӯдак назди ҷисми хуншори сагчаш чанде сукут карда, сипас тирвор сӯи берун давид. Ҷанг мояи ифтихори ӯро кушта буд.

---

* *Оташдони заминӣ.*

## « КӮДАКАМРО ГИРДОБ ДАМ КАШИД «

Вақте мешунавед, ки фалонӣ барои фалонӣ ҷонашро қӯрбон карда аст, бовар накунед. Ҷон яктост ва барои ҳар кас ширин аст. Мани бадбахт инро аз таҷрубаи худ медонам.

Вақте ки рӯи саночҳо аз дарёи Панҷ мегузаштем, ҳавопаймоҳо моро бераҳмона тирборон карданд.

Рӯйи об аз хун арғувонӣ шуд. Мурдаҳо мисли барги хазон рӯи оби равон паҳну парешон гаштанд.

Доду фиғони зиндамондаҳои захмину ҷонсарак ба фалак расид. Аз байни ин доду фиғон ҳар кас танҳо садои ошнову азизи худро мешунавид.

- Очаҷон!

Бағали ман ҳам холӣ шуд. Як бор зери об рафтаву бо азоб худро рӯи мавҷ гирифта кӯдаки ягонаамро дидам, ки бехудона дасту по мезад. Бо нигоҳи падруд ба духтарчаам, ки мавҷ тагӯрӯяш мекард, нигариста аз нав таги об рафтам.

Бори охир вақте аз дунё умедамро кандам, гӯё касе навдаи хушкеро ба дастам дод. Даҳпанҷа ба он часпидам.

Дарё кӯдакамро дам мекашид. Ӯ “ очаҷон ! “ мегуфту фарёд мекард. Овози имдодхоҳаш гоҳ аз зер, гоҳ аз рӯи об шунида мешуд.

Як дам лапиши об моро ба ҳам наздик овард. Дастакони имдодхои кӯдакамр то дами мурдан аз пеши чашмам дур намераванд. Дастамро сӯяш дароз кардам. Мавҷ маро низ печонд. Навда аз дастам раҳо шуд. Кӯдакамро фаромӯш кардам. Ҷонсарак худро ба навда расонида ба он часпидам.

Кӯдак аз ёли мавҷи азиме, ки сӯи гирдоб мепечид ҳанӯз бо умеди наҷот фарёд мекард:

- Оча! Очаҷон! Мана гир!

Об духтараки яккаву ягонаамро мебурд. Рафтанашро медидаму навдаро сахттар медоштам.

- Очаҷон! Очаҷон! Мана гир. –пасту баланд зора мекард, лахти ҷигарам, аз ман дур шуда.

Сӯяш менигаристам, дасту по заданашро, ҷонсаракияшро, ғарқ шуданашро медидам, аммо ҷои мадад шохаро дар панҷаҳоям сахт мефушурдам.

Кӯдак бори охир аз дами гирдоб беҳол номамро гирифта бегонавор зорӣ кард:

- Садаф, э Садаф, мана халос кун!

Ман навдаро сахттар доштам. Ва ӯро дарё дам кашид...

Қаҳрамониву ҷонфидоиҳо ин ҳама бофтаи шоиронанд. Бофтаи онҳое, ки даҳшати ҷонканиро, ҳароси нотавониву бечорагиро дар рӯбарӯи марг, дар хуну пӯсти худ насанҷидаанд.

Як лаҳза ба ҳоли ман дучор меомаданд, шояд дар талоши маргу зиндагӣ афсона намегуфтанд.

Кӯдак надоштам. Безурётӣ чандин бор хонавайронам кард. Доруву дармони начашидаву насанҷидаам намонд, аммо ҳама бефоида буд. Аз синну соли бачазойӣ гузашта, ба тақдир тан додам. Аз баҳри ободи кардани хонаи беорзу гузаштам.

Аз ду дунё ноумед, ногоҳ бо марде шинос шудам. Мисли ман муҷаррад буд. Аввал ба лутфу меҳрубонияш эътибор надодам. Чун фаҳмидам, ки занаш сари фарзанд рафтааст ва худ хостгори хонаи

ободу ҳамсари меҳрабон аст, дилам гарм шуд. Мо хонадор шудем.

Офаридгор ба мо фарзанд ато кард. Ҳамин духтарчаи чӯҷаи париро. Як дона доду беназир. То таваллуд шуданаш як рӯз сиҳат набудам. Маро ҷарроҳӣ карда кӯдакро гирифтанд. Дигар бачадор шуданам имкон надорад.

Ҷонам бо ҷонаш пайванд буд. Аз назди буттаи хор мегузашт, пешакӣ фиғонам мебаромад. Кӯдак зарфи булурин буду ман нигаҳдорандаи он. Дар пеши чашмам шикасту худ зиндаам!

Кӯдаки яккаву ягонаамро дарё дам кашиду ман ба имдодаш нарасидам, ҷони ширини худро наҷот додам…

Садаф.
Вилояти Хатлон.

# « ОН ШАБ КАСЕРО ХОБ НАБУРД…»

Зан дастархони холиро, ки кафани гуруснагиро мемонд, хомӯшона афшонда ба мехи девор овехт.

Он шаб касеро хоб набурд. Беҳуда нагуфтаанд, моргазидаро хоб бурдааст, гуруснаро не.

Бомдод садои хишир – хиширро шунида зану шавҳар вориди ошхона шуданд.

Писарчаи панҷсолаашон дар чаҳлак сарозер, бо мехи зангзадае ҷойи нони сӯхтаро метарошид ва лахчаҳои ба кафаш омадаро ба даҳон мепартофт...

Ҷавонмард дигар ҳурбаи ба чашми гуруснаи фарзандону ҳамсараш нигаристан надошт.

Ҳарчанд ба куҷо рафтанашро ва чӣ кор карданашро намедонист, чшми субҳ боз нашуда хомӯшона аз кӯлбаи сарди бечорагияш берун шуд.

Ҷавонмард аз гоҳе ки худро мешинохт, ҳамеша меҳнат мекарду заҳмат мекашид, то ки рӯйи дастархон як каф шакар, як- ду он ва як чойнак чой бошад. Зиндагиро дар як паллаи тарозу бо ҳамин миқдор шакару нону чой мегузошт.

Ҳама гуна ҳокиму ҳокимиятро қабул дошт, ба шарте ҳамин се чиз рӯйи дастархонаш бошад...

Дар куҷо, кӣ, бо кӣ, чаро меҷангид, намедонист, зеро якумре барои ҳамин се унсури содаи ҳастӣ набард дошт.

Барф тар меборид. Дар кӯчаҳои тангу пурбарф касе наменамуд. Сари чорраҳа чанде ист кард ва якбора сӯйи пеш қадаммонияшро тезонд.

Дар гардиши танги дарра бо мошини пур аз силоҳу силоҳдор вохӯрд.

Ин дидори ночор дар дилаш хотираи ширинеро бедор кард. Ӯ низ ба қавли адибон қарзашро назди халқу Ватан иҷро карда буд ва аз даврони хизмат хотираи бомаззаву хушбӯе дошт. Хотирааш бӯи карамшӯрбо мекард.

Дар як рӯз ба аскарон се маротиба хурок медоданд. Аввал " гӯшти хук ҳаром " , гуфта бо нону рӯған қаноат кард, аммо чун дар давидану парридан аз ҳамсафонаш қафо монд, аз баҳри уболу савоб гузашт...

Марди гурусна оби даҳонашро фурӯ бурда, дар мӯшт сулфид.

Марди кӯҳистонии побанди хотираҳои ширин сӯйи мошини пури афсар бидуни ихтиёр табассум намуд. Мошин истод. Рӯбарӯяш марди ғафсу зиштрӯе пайдо шуд, ки дар нигоҳаш як ман оҳан дошт.

Нигоҳи ҳамроҳонаш низ пур аз нафрат, истеҳзо ва ҳақорат буд. Ҳама ӯро саропо аз назар мегузаронданд.

Нақши табассуми маҳзунонаро аз чеҳрааш ғунд карданӣ шуда, бидуни ихтиёр як даҳон табассум кард;

- Чӣ механдӣ, лаънатӣ?! Ғолибонро масхара карданро ба ту нишон нишон медиҳам! Ҳе заната... ҳе очата!..

Тирборони ногаҳонӣ аз чаҳор ҷониб мардро бодвор зери чархҳо афканда, мошини пур аз силоҳу силоҳдор аз болои ҷисми гарм чун аробаи бачаҳо аз рӯи барф гузашта рафт.

Як инсони гуруснаи пурармон дар як гӯшаи дури кӯҳистон буд ё набуд…

**АЗ МУАЛЛИФ.** Зан бо ашки оҳу афсӯс қиссаи кушта шудани шавҳарашро чунон бо обуранг ва ҷузъиёт шарҳ медод, ки гӯиё шоҳиди аввалину охирини ин манзараи даҳшатноки бераҳмии инсонӣ буд.

Ҳарчанд дилашро сари забон намеовард, дар марги падари ятимонаш худро гунаҳгор медонист. Агар он бегоҳ дастархони холиро намоишкорона таги бинии шавҳараш намеафшонд, мард аз хона берун намерафт. Намерафт кушта намешуд.

## « ЗАМИНИ ДОЛОН ЛОЛАЗОР ШУД »

Ҷавонмардро дар остонаи дараш дар пеши чашмони модараш куштанд. Барои вазифааш ҷони ширинашро номардона рабуданд. Дигар ҳич гуноҳ надошт.

Мард бо чашмони ҳайративу ҳасратӣ ба осмони мардкуш пурсуолу бечора чанде нигариста дар бағали модари зораш ҷон дод.

Хуни шаҳид * ист намекард. Замини долон лолазор шуд. Ҷӯйи арғавонии хуни гарми инсонӣ аз сӯфаи баланд ба поён ҷорӣ шуд.

Модар аз паи ҷӯи оташин чун аз паи офтоби вопасини умри худ давида сарозер афтод. Ҷӯяи хуни писар модари бечораро дар ҳавлӣ низ дарёб кард.

Тоқии домодии шоҳмардро таги фаввораи хунаш гузошт. Тоқии гулдӯзӣ низ чун косаи чинӣ аз хуни гарми боз як ҷавонмарди бо дасти бародари ҳамхунаш ба қатл расида, аз хуни сӯзони боз як қурбонии ҷаҳли мураккаб пур шуд.

Хуни писар ба пероҳани суфи сафеди модар гулҳои сурх кошт, гулҳои аз зиндагӣ начидаашро.

Модари бадбахт, бо як даст манаҳи писарашро мебаст, бо дасти дигар тоқии пур аз хуни ӯро медошт ва ҳайрон буд, ки чаро дунё ба охир намерасад, ё замин ба осмон намечаспад…

---

** Ҷанозаҳоеро, ки баъди марг низ хунашон ист намекунад, ба шаҳидони дашти Карбало нисбат медиҳанд.*

## *НОМАҲО- ДИЛПОРАҲО*

Ними шаб даррашонро кӯфтанд. Дили зан пешомади сиёҳеро пешгӯӣ намуд..

- Дарро накушо, накушо!- зориву тавалло кард шавҳарашро.

Ҷавонмард роҳбари хоҷагӣ буд. Дар чунин замони бесомониву беадолатӣ дарашро ангӯшт задани ҳар озордидаву корафтода аҷабе надошт.

Ҷомаи домодияш пӯшида сӯи дар рафт. Арӯсаш низ аз дунболааш рафт ва ду дасташро ба ду шонаи қаввии шавҳар гузошт.

Соҳиби хона аз пӯшти дар меҳмонони нохондаи нимшабиро пурсуҷӯ накард, номашонро напурсид. Чунин амал баройи марди кӯҳистонӣ бегона буд.

Дарро сахттар кӯфтанд. Ҷавонмард дарро боз карда, рӯйи қотилонашро надида, заҳри аҷалро чашид. Ниқобдрон як автомат тирро дар ҷисми гармаш холӣ карданд.

Тирҳо аввал ангӯштони занро монанди пиёзи сабз реза карда, сипас ҷисми мардро шикофтанд. Мард аз пой афтод.

Зан тори сари ҷисми гарми азизаш, ки лаҳзае пеш пайкраш оташи зиндагӣ дошт, ҳайрону пакар меистод. Ду кафи беангӯшти хуншораш шаршараро мемонд, аммо дардро ҳис намекард.

Ҳанӯз ҷогаҳашон сард нашуда, ӯ бева шуду аз даҳ ангӯшти ҳунарманд бенасиб монд…

- Ҳайфи ангӯштони пурҳунарат! - кафчаҳои ба белчаи шикаста монанди арӯсашро бӯсида, менолад модар.

Боройи ҳунармандият дар қишлоқ бароят талоша буд. Худо туро ба мо дод. Чӣ гуноҳ доштӣ, ки хонасӯхтаҳои беимон нимтанаат карданд?!

- Оне, ки аз ману ангӯштонам беҳтару азизтар буд, чӣ гуноҳ дошт, ки монанди ниҳоли гулдор тарбураш карданд?!

Оне, ки ҳунари панчаҳои маро, оши буридаро дӯст медошт, зери хок аст. Бе ӯ ноқис ё комил будани ман чӣ аҳамият дорад?!- бо нигоҳи ҳавзи оби гӯёву хамӯш чавоб мегардонад арӯси бечора, дастони бепанчаашро ноаён таги остин кашида.

*Ёсуман.*
*Қаротегин.*

# АҶИНАҚИШЛОҚ

Сабаби қишлоқро саросема тарк кардани силоҳдорон мо будем. Гапу кори бад монанди беморист. Зуд паҳн мешавад. Кору аъмоли сарбозони навбаромад мардумро сахт тарсонда буд.

Ҳар ҷо, ки ин шумқадамон по мениҳоданд, аз худ хонаҳои вайрону бачаҳои ятим бар ҷо мегузоштанд.

Бераҳмӣ, берӯйӣ ва баднафсиву бадмастӣ.., сифатҳое буданд, ки пеш аз онҳо шаҳру деҳаҳоро забт мекарданд.

Хабари омад- омадашон бунёди ҷисму ҷони мо занони берӯзи бемардро меларзонд, аммо ду даст дар бинӣ нишастан намехостем.

Бо маслиҳати занони солор аз пайи чораву тадбири бечорагии худ шудем.

Шояд роҳи коре, ки мо бечораҳойи худо дар ҳимояи худ ёфтем, содаву хандаовар бошад, аммо ғарқшаванда аз хас мадад ҷӯстааст…

Якеро барои намуна “саропо” ороста ба намоиш гузоштем. Ба худо аз хусаи офаридаамон пеш аз дигарон худамон тарсидем.

Хушрӯйтарин духтари деҳ дар як дам ба аҷина табдил ёфт. Одамро аҷина кардан мушкил набудааст.

Он чӣ ғосибони масту аласт дар қишлоқи мо диданд зуд шасташонро гардонд. Даста- даста , бо шуру валвала дарҳоро бо нуги по кушода ворид мешуданд, аммо лаҳзае нагузашта хонаро шитобон тарк мекарданд.

Сабаби биму ҳароси силоҳдорон кирой буд.Ба истиқболашон аз ҳар дар як аҷина сар бароварда, дандонҳои сафедашро нишон дода механдид, онҳоро мазоҳ мекард.

Он рӯз ман ҳам ба саруруй ва дасту поям сиёҳиву хокистар молида, ҷандаҷомаи шавҳарамро пӯшидам. Аз тарс монанди барги бед меларзидам. Ҳамин вақт як гала нарғули масти мусаллаҳ ба ҳавлӣ даромаданд.

Аз рӯи маслиҳат мебоист онҳоро бо ханади сохтаи тарсовар пешвоз мегирифтам, аммо баракс шуд. Аз тарс нохост чунон фиғон сар додам, ки дар ҷояшон шах шуданд.

Хонасӯхтаҳо яке аз дигаре безеб буд, аммо ман дар бадрӯйӣ аз онҳо мегузарондам. Мӯйҳои то доман дарози пахмоқу хокистарзада, ду рухсораи пур аз сиёҳии дег, пойҳои дар ахлоти гов ҷӯлида, оби биниву чашм дар бари рӯву лабҳо овезон…

Шояд чунин махлуқро дар умрашон бори аввал медиданд, ки ҳаросону пурмаъно ба якдигар нигаристанд. Яке бо нафрат ба замин туф карда бо роҳи омадааш қафо гашт.

Дигарон ба ӯ пайравӣ намуда, дашномкунону туфкунон ҳавлии норӯфтаи маро тарк карданд.

Аз тарсу ҳарос бо азоб дар пой рост меистодам. баъд чӣ қадар ба ҳоли худу дигар занҳои бечора гиристам, намедонам.

Гиряаам ба ханда мубадал шуд. Аз ханда андаке монда буд бимирам…

*Чинигул.*
*Водии Вахш.*

## ШИША ДАР БАҒАЛИ САНГ

Дар мактаб аз фанни забон ва адабиёт дарс мегуфт. Худ низ шеър менавишт. Кадом тоҷик шеър наменависад? Кадом ҷавон дар фасли шайдоӣ шеър нанавиштааст?

Шогирдонашро низ айёми бедории хунашон фаро расида буд. Онҳо низ бо шеър розу ниёз мекарданд. Шогирдонашро дӯст медошт. Хосса духтаракеро, ки сухани оддияш назм буд.

Аз бузургии сухани Рӯдакиву Фирдавсӣ, аз эъҷози ашъори Мавлонову Саъдӣ, Ҳофизу Бедил қисса мегард.Аз шоирони ҳамзамон низ шеър мехонд, аммо бештар ошиқона. Барои омӯзгори ошиқу шоири як деҳаи дурдаст ва шогирдонаш зиндагӣ худ шеър буд, ҳанӯз нанавишта, ҳанӯз нахонда.

Дар мактаб ба имтиҳони охирин омодагӣ мегирифтанд. Овозаҳои пурҳароси ҷангро афсона мепиндоштанд, зеро касе намедонист, ҷанг чист ва ҷанговар кист. Ҳавои деҳкада ҳанӯз бӯи борут на, бӯи доруи пахта мекард. То он рӯзи сиёҳ рӯзгорашон мисли пахта сафед буд.

Духтараки гулрафтору шеъргуфтор ногоҳ гум шуд. Мурдаи таҳқиршудаашро аз пунбазор ёфтанд. Шогирди дигарашро, бо хонаводааш шабона дар дар хонааш қатл карданд.

Ҷанг сурату симо надошт, аммо дар ҳар қадам аз худ дарак медод. Одамон аз рӯи нишонаи зодгоҳ, миллату қавмият гум мешуданд, кушта мешуданд.

Аввал ба дари синфхонаҳо, сипас ба дарвозаи мактаб қуфл заданд. Барои хатмкунандагон занги

охирин садо надод. Шогирдон бори охир омӯзгорро камонбадаст диданд. Рӯҳаш, ранги рӯяш беҷо буд.

Ва ҷанг ровии ашъори Рӯдакиву Ҳофизро низ қотил кард. Бори аввал муҳорибаи бародаркушӣ шабона сурат гирифт. Ӯ одам кушт, на яку ду нафар.

Баъд ба куштан одат кард. Бидуни муҳориба зиста наметавонист. Аз ҷанги танбатан, аз таги борони тир зинда берун меомаду зери лаб замзама мекард:

*Гар нигаҳбони ман он аст, ки ман медонам,*
*Шишаро дар бағали санг нигаҳ медорад!*

Ҷанг санг буду ӯ шиша, шишае, ки бар санги аҷал бар мехӯрду намешикаст...

Он рӯз мухолифон аз худ дарак намедоданд. Дар деҳа манзили насӯхтаву каси накушта намонда буд. Ба ҷуз пирамарди барҷомондаи бесоҳибе, ки дар анбори хоҷагӣ колои мактабу мардуми фирориро нигаҳбонӣ мекард.

Ҳузури мӯйсафед ба дили ҷавононе, ки дар ин як каф замини сӯхтаву таҳқир шуда, рӯз андаруни ғузапояҳо камин гирифта, шаб ба муҳориба мехестанд, гармӣ мебахшид...

- Мӯйсафедро куштанд! Моли мардумро дуздиданд!

Қатли пирамарди бегуноҳу бемутакко, тороҷи моли мардуми фирорӣ муҳофизонро сахт ба шӯр овард. Тахмину гумони зиёд пеш омад. Душман фирор карда буду дӯст ба чунин аъмоли зишт қодир набуд.Суолу тахминҳо якдигарро тасдиқу инкор мекард.» Қотил бешубҳа бегонаву беруна аст! Аммо аз куҷо ва чӣ гуна ба деҳа роҳ ёфтааст? «

Дирӯз ду ҷавону як духтари ҳабдаҳ-ҳаждаҳсола, ки гӯиё барои бурдани кӯчи хеши шаҳидашон омада буданд, аз ин дидгоҳ гузаштанд. Он гоҳ мошинаи нави боркашӣ диққати ӯро ҷалб карда буд, аммо тагпурсиро ба худ раво надид. Он се нафар ҳанӯз аз ин чорроҳа, ки кули роҳҳои водиро ба ҳам мепайваст, нагузашта буданд.

Муҳофизон мошинаи роҳгумзадаро, ки зери бори гарони дуздӣ даруни пунбазор, дудкардаву ғуррида роҳи гузар мекофт, оқибат пайдо намуданд.

Ҷавондуздакон муқобилият накарданд, аммо духтарак ба ҷойи тавбаву узр, ду даст дар камар, ба рӯйи муҳофизон табассуми пур аз карашмаву мазоҳ мепошид.

Омӯзгори ҷавонро даме чунон намуд, ки рӯбарӯяш духтараки дузди одамкуш на, балки шогириди шоиртабиату шарминаш истода, шеър мехонад. Маҳз ҳамин шабоҳат дина ӯро мафтун кард, то онҳоро тагкобӣ накунад ва дар хуни пири бегуноҳу бепаноҳ зомин гардад.

Духтарак ҳис кард, ки ҷавонро мафтун кардааст. Ӯ ба неруи афсунагри ҳусну ҷамоли худ боварӣ дошт. Ҷавон қадаме сӯяш гузошт. Лабони ғунчасони духтарак ба табассуми ғолибият моил шуданд.

Ҷавон як дам гӯиё дар гавҳараки чашмони зебои духтар ҷисми чаҳорқадшудаи пирамардро дид. Парии қотил ҳанӯз аз ҳусни худ, бо нозу адои ваҳшатнок силоҳи мадад меофарид.

- Мӯйсафедро кӣ кушт?

Дуздон дар синну сол аз шогирдонаш  фарқи зиёд надоштанд. Инак, ба чашми онон чашм дӯхта, умедвор буд, ки хато кардааст. Ҷавонон ба пармаи нигоҳаш тоб наоварда чашм ба замин дӯхтанд. Духтарак ҳанӯз бепардаву беҳаё ӯро сартопо нусхагирӣ мекард.  Омӯзгор суолашро такрор кард;

- Мӯйсафедро ман куштам! - бо тантана гуфт парии қотил, гӯё  хушхабари  ба охир расидани ҷанги бародаркуширо эълон карда.

- Чӣ гуноҳ дошт?

Духтар  китф дарҳам кашида, лаб бурма кард:

- Пиракӣ зиндагияшро дида буд. Бе куштани ман ҳам дер ё зуд мемурд. Мо ҷавонон бояд зиндагӣ кунем!

Духтар ба рӯйи ҳама  сарду  баланд  хандид. Ҳоли табоҳи муҳофизони деҳ зангӯлаи хандаи парии қотилро зангӯладор кард.

Омӯзгор сӯи парии қотил қадаме гузошт. Духтар гӯё ҳамин лаҳзаро интизор буд, ки якбора худро ба оғӯшаш афканда гарданашро оғӯш кард.

Ҷавон  силоҳро ба пешонаи  пахтавор сафеди парии одамкуш  рост кард. Духтар ҳанӯз ба сеҳри мардафкани худ боварӣ дошт.

Омӯзгор  гӯшаки таппончаро зер кард, аммо садои тирро нашунид. Танҳо холи қирмизии пешонаи сафеди духтар гувоҳи он буд, ки тир ба нишон расидааст.

Духтар мисли ниҳол дар ҷой рост меистод. Чашмонаш шишагӣ буданд...

*Водии Вахш.*

## АРҒУШТИ МОТАМ

Асби нангаи тир хӯрда,
Пири фарҳангам
Зи шасти ҷаҳли ҷоҳилон аз по фитода.
Меравад арғушти мотам,
Дар мақоми пастии худ
кӯҳзода…
Аскарон-
Ин бачаҳои ишқу дарду нози мо,
Ҳамсадои гиряву овози мо,
Бехи гӯши модарони ғамадо,
Бо ҳавои тир
ғижжак менавозанд.
Аз даҳону чашму гӯши ғурамаргон,
Ҷӯйи хун ҷорист, ҷорӣ.
Бишканад ойинаи фӯлодии тамкин,
ҳамраҳи ойинадоре…

**« КУ ҲАФТОДУ ҲАФТ БИГӮ!»**

Навбати нон аввалу охир надошт. Мардум меомаданду меомаданд ва хомӯшона паси ҳамдигар дар саф меистонданд, ҳарчанд ҳич кас умеди бо дасти пур ба хона бар гаштанро надошт.

Бачаҳо бачагӣ мекарданд. Дар низоми саф нагунҷида, шӯру мағалкунон аз паси якдигар медавиданд. Беҳуда намегӯянд, “ дар тани як кӯдак ҷони ду бузургсол ҷойгир аст”.

Ва инак, ду навраси хушбахт бо халтаи пурбор навбатро тарк карда, сӯйи хонаводаи гурусна роҳ гирифтанд. Бӯйи нони гарм гуворо беҳолашон мекард, аммо ба нон даст намебурданд.

Шаби зимистон барвақт ба рӯи шаҳри ҷангзада пардаи сиёҳ кашида, шаҳри бечароғ ваҳшатзо менамуд.

То хонаашон камтар аз сад қадам роҳ монда буд. Бародарон садойи пойро шунида, бидуни ихтиёр баҳамдигар ҷафс шуданд. Калонӣ борхалтаро оғӯш кард, хурдӣ ҳардуро.

Чаҳор тан аз чаҳор сӯй онҳоро дар ҳалқаи танг фишурданд. Ду нафар ба ақиби бачаҳо гузашт, дуи дигар рӯбарӯяшон қарор гирфт. Байни авбошону наврасон як ангӯшт фосила монд. Нафасашон бӯи ахлот мекард;

- Аз куҷоӣ?- тела дод калониро яке, борхалтаи нонро силтав зада. Хурдӣ гирён шуд. Калонӣ ашкашро ноаён фурӯ бурда, мӯштчаҳояшро ба ҳам фишурд.

- Аз ҳамин ҷо! – ҷавоб дод кутоҳ. Ӯ ба маънии даҳшатноки суол сарфаҳм рафта, мекушид лаҳҷаашро аён накунад.

Медонист аз ҷанги ин нашъамандони ҷангрӯид, ки бо бераҳмии худ шаҳрро ба ларза овардаанд, раҳидан мушкил аст. Бачаи гурусна нонҳоро чун соҳибдарак ба сина зер кард:

- Туро мепурсам, аз куҷоӣ?- ба тикаи дили бача куфт авбош.

Ин суол сода набуд. Дар он ҳаёту мамоти мардуми як минтақа мегунҷид. Фаҳмида суоли авбошро беҷавоб гузошт:

- Ба даҳонат об гирифтаӣ, ҳе очата!..

Авбош бераҳмона бародари калониро лагадкӯб кард. Аз бинияш хун фаввора зада, куртаи бародари хурдиро рангин кард.

- Акнун мегӯӣ, ки аз куҷоӣ?

Бародари хурдӣ шитобон ҷавоб дод:

- Мо Душанбегием. Ана дар ин бино таваллуд шудаем!- сӯйи бинойи кӯҳнаи рӯбарӯяшон ишора кард бача.

Ӯ дурӯғ намегуфт. Бинои таваллудгоҳе, ки ӯ ва бародараш таваллуд шудаанд, дар рӯбарӯяшон қарор дошт:

- Куҷогиед, куҷогиед?- масхараомез пурсид авбош, ки дар дил нисбати шаҳриён ҳанӯз ҳисси эҳтироме дошт.

Хост бигӯяд: “ эй оқи падар , мо шаҳрием, мо таҳҷоием!”, аммо ба ту чӣ? Аммо истиола кард. Ҳангоми таллафузи ҳарфи “ ҳ”, лаҳҷааш, аҳли кадом маҳал буданашро фош мекард.

Авбош аз манаҳи бача дошта ӯро ба таги бинии худ наздик оварда ҳукм кард;

- Ку ҳафтоду ҳафт бигӯ!

Додари хурдӣ, ки дар мактаби русӣ таҳсил мекард ва лаҳҷаи хосаи бадахшонӣ надошт, хост амри авбошро ба иҷро расонад, аммо бародари калонӣ пешдастӣ карда гуфт:

- Ҳайр, фарз кардем, ки гуфтам, баъд чӣ?

- Баъд назди нанику татикат * меравӣ!

Авбошон он ду танро шинохта дидаву дониста решау зоду бунёдашонро таҳқир мекарданд.

Хуни ғурури наврас ҷӯшид:

- Бар падарат афтоду афт маротиба лаҳнат!

- Аҳҳа, сират фош шуд, афтоду афт?!

Чашмони қотилон дурахшиданд. Онҳо бафурҷа дастони наврасонро ба пӯшт тоб дода, бародаронро монанди дарзаи ҳезум ба ҳам бастанд. Сипас бо хандаву истеҳзо ва бераҳмии беқиёс гулӯларо ба бағалашон гузошта пахш карданд.

Вақте ки наврасони гурусна бо пову дасти пора-пора ҷон меканданд, қотилон нони гарми аз шаҳидон рабудаашонро даҳлунҷа мехӯрданду қоҳ-қоҳзанон такрор мекарданд;

- Афтоду афт! Афтоду афт! Афтоду афт!..

---

** Падару модар. ( шуғнӣ)*

*ш. Душанбе.*

**« ДАР ВАТАНИ ХУД ГУМНОМУ МУСОФИРХОК..»**

-Э ягон кас ҳаст?- бо асояш дарро сахт кӯфта суол кард пиразани хамидақомате, бори танашро бар дӯши асояш ниҳода.

- - Натарсен, ман ҳам бандаи худоям. Бандаи худозада! – Ҷугӣ нестам, гадо нестам, аммо талбиданӣ омадам. Бо коре омадам, ки дар кӯҳистон ба ҳафтоду ҳафт пӯшт нанг аст, аммо омадам.

Бори айбу гуноҳам, шарму ҳаёям дар гардани онҳое, ки моро ба чунин рӯз расондаанд. Худовандо, асло рӯзи хушу гардани баландро набинанд, ки сарпасту хоки роҳамон карданд.

Пиразан дар остона нишаст. Асои гурмдори такядору сагтарсони аз шиғе рабудааш баробари қадаш хам шуд. Нигоҳаш пур аз ғурури бечорагӣ буд.

Соҳибхона дарро ба рӯяш боз кард. Мизбон аз меҳмон доротар набуд, ки як қабза ревоҷи аз бозор харидаашро наздаш гузошт. Кампир чанд ревоҷро наздаш гузошта пиёларо ба даст гирифт:

- Гадойӣ омадам. Поям кайҳо ба лаби гӯр расидааст, аммо вақти мурдан надорам. Дар синну соли ман намурдан гуноҳ аст, аммо мурам як хона бачаву кача мемурад.

Ба касе нигоҳ намекард, аммо як дам аз гап намемонд. Бо куни пиёла ревоҷро кӯфтаву майда карда, ба даҳонаш, ки даҳони тифлро мемонд, меандохт ва нахоида фурӯ мебурд:

- Ревоҷ барои хун фоида дорад!

-Ношукрӣ кардем, аз худ рафтем. Мора худо зад.

Ҳадаҳа куфтаи сабзу пуроби ревоҷи кӯҳиро ба даҳон андохта бо таассуф гуфт:

- Ман бояд аз қишлоқ ба шаҳра ревоқ меовардам. Баракс, ҳаққи шуморо хӯрдам. Ҷанг хоки ҳамаро бехт. Аз вақте ҷанг шуд кӯҳу пӯштаро бо қадам шудгор кунӣ, як торон ё қорчу ревоқ намеёбӣ.

Худо аз бандаҳояш, табиат аз одамон ранҷидааст. Чӣ қадар саховат карда ҷазо дидан мумкин?

– Эҳ, қисмат, қисмат ! Худо қисматама бигира, ки як рӯзи хуш надидам.

Кампир якбора бунгаи дароз кашида, байни фуру бурдани ревоқ ба хондани суруд оғоз кард:

Э кӯҳи калон, камари пастум додӣ,

Дар айни ҷавониҳо шикастум додӣ!.

- Ҳо,ба худо, аз дунё ҳич чиз надидам. Ҳар ду дастам аз хок берун мемона. Шавҳарама, ки як мардаки пири занмурда буд, бори аввал дар ҷогаҳи хоб дидам. Ҳамон марди нодилхоҳ ҳам насибам набудаст. Мурд.

Мебоист бачаҳоям маро гӯрӯ чӯб кунанд, аммо сари сахтам дар гӯр, ки чортоша бо дасти худ дар пӯштаи рӯбарӯи хона гӯрондам.

Писари охиринам, орди таги хамбаам, - кенҷагиям, соҳиби гӯру кафанам дар Ватан, мусофирхок шуд. Байни Файзободу Оби Гарм хоб аст. Ҷонаш аз мо халос шуд.

Ба ҳеч кас кор надошт. Роҳ месохт. Дар айни ҷӯшӯ хурӯши ҷанг ҳам аз кор намемонд. Як вақт рӯи роҳ мум мерехтааст, ки танкҳо омадаанд.

Содаи худо, роҳро вайрон карден , гуфта ба сари аскарора санг андохтаст. Хуншор ба хона баргашт. Дар ягон ҷои баданаш ҷои сиҳат набуд.Чанд моҳ аз хона берун набаромад.

Ба худо, бачам мисли худам сода буд. Нагуфтам, ки як духтари бепарупойи бемор дорам. Ҳар вақте дардаш мегирад, дасту пояш печида забонаш дар ҳаллқаш мечаспад. Мемураду зинда мешавад. Аз мурданаш зиндашавиш мушкил аст.

Ҳама доруву дармонро санҷидему дидем, аммо бефоида. Гуфтанд, ки аҷали ин дард тумору таштов аст. Тумору таштови ҳар мулло намешудаст. Фарзанди падар ширин аст. Писарам аз касе шунидаст, ки дар фалон ҷо домуллое ҳаст, дармонбахши ҳамин хел дардҳо.

Сода набошӣ дар авҷи ҷанги одамхӯрӣ пиёда туморковӣ меравӣ? Ба манзил расиду ба мурод не. Муллоро кайҳо куштаву хонаашро сӯхта буданд. Бечора, зӯр мебуд, худу хонаводаашро наҷот медод.

Гуфтам ку, бачам мисли худам зудбовар буд. Намерафт намемурд.

Пиразан беашк, бонгаккашон баройи кадоме аз гуноҳҳояш гириста, аз нав аламашро аз ревоҷи турш гирифт. Ревоҷи пачақ кардаашро ба даҳони бедандонаш партофтаву аз туршии ҳушёркунанда ҳаловати турше бардошта идома дод;

- Содагӣ кард. Ба ҳеч кас кор надошт, гумон кард ба ӯ кор надорад. Дар бозгаш силоҳдорон

пешогираш карда, кору бор, аслу насабашро пурсиданд. Содаи худо пӯсткандаи гапро гуфтааст.

- Чӣ хел тӯмор? Ин ҷосус аст!

То мурдана задандаш, баъд назди мазор сари тираш карданд. Ҳамон ҷо кадом худоҷӯе ба рӯяш хок кашидааст.

Уфее! Агар ягон мард дар умраш як кӯдаки семоҳа мезойид, бачаҳои ба азоби алим ба дунё овардаи моро ин хел осон намекуштее!..

Дар роҳаш кӯки чашмам канда шуд. Дар чилаи зимистон, вақте ки хуки саҳро аз хонааш намебарояд, афтону хезон, гирёну нолон бачаковӣ рафтам.

Як дунё гӯри нав, як дунё бачаҳоро дар Ватани худ гумному мусофирхок ёфтам. Дар сари ҳар гӯр овоз андоха гиристам. Намедонистам аз ин пӯштаҳои бесоҳиби қади раҳ кадом гӯри писари ман аст. Вақте рӯканону мӯканон ҳар пӯштаи хокро бағал мекардам, як мӯйсафед наздам омада гуфт;

- Кампир, ман гӯри писаратро медонам.

Бандаи худо маро сари пӯштаи хокие, ки болояш чанд хор дошт бурда гуфт:

- Ҳамин гӯри писари туст. Ман ӯро бо дастони худам ба хок супоридам.

- Аз куҷо фаҳмидӣ, ки ӯ писари ман аст?

- Ба худат монанд буд! - ҷавоб дод мӯйсафед.

- Гӯё ба дилам ду кӯза об рехтанд. Як кӯза оби гарм, як кӯза оби хунук. Аввал сӯхтам, баъд дилам ях воре хунук шуд. Ман аз дигар модарон хушбахтам, ки қабри писарамро ёфтам.

Мегӯянд, ки то мурданаша даҳон накушод, гап назад.Одам буд бачам, гапашро даррандаҳо

намефаҳмиданд. Қотилони писари ман одам набуданд, дарранда буданд!

Писари бечораам ғарибхок шуд. Нашавад, ки худам ҳам омада дар паҳлӯш қабрҷогаҳ гираму мурданама интизор шавам. Ношукрӣ гуноҳ аст. Барои ҳар даму нафаси ато кардаи худованд шукр кардан даркор.

Гоҳе дарду алам зӯрӣ мекунаду пеши бачам рафтан мехоҳам, аммо аз ранҷиши рӯҳу арвоҳ метарсам. “ Худо зада бошу арвоҳ зада не , “ гуфтаанд. Рӯҳу арвоҳи мо дар мазори худамон маскан доранд.

Ҳайфи бачаи ғарибхокам! Як кӯҳ ин тараф аз мазори худамон хок шудааст, аммо ғарибхок аст. Одам бояд ҷое хок шавад, ки қодирқалам хокашро аз он ҷо гирифтааст.

Дар ҷои дигар ба хоки дигар омехтани хокаш мушкил мешавад. Хокаш азоб мекашад. Рӯҳаш сарсону саргардон мешавад…

Медонистагиҳо беҳуда нагуфтаанд. Кампир гуфтаи медонистагиҳоро гуфтанист , аммо вусъати андешааш намерасад. Дардаш дар гулӯяш дар мемонад. Сулфидаву тунд-тунд нафас гирифта якбора ба таронахонӣ мепардозад:

**Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,**
**Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.**
**Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,**
**Эй кош, гадо будӣ ба Канъон хуштар.**

Ҳазрати Юсуфи ман, як кӯҳ он тарафтар ғарибхок шудааст. Баъзе худоҷӯйҳо маслиҳат медиҳанд, ки ҷасади бачама ба қабрҷогаҳи худмон

кӯчонем. Розӣ намешавам. Мурда азоб мекашад. Аз ҷонканиву ҷон ба ҳақ супоридан, то пурсандаҳои гӯр, то ҷавобу саволаш дар ин дунёву он дунё дар ҷои нав ҳама аз сар такрор мешавад.

Чӣ хеле, ки мирандаро ҷонсарак кардан убол аст, мурдаи хок шударо ҳам безобита кардан гуноҳи азим аст.

Асло намегузорам, ки писараки бегуноҳам бори дигар бо азоби алим кушта шавад.

- Ууууу!

Кампир нохост монанди гурги захмини бача гумкарда фукашро сини осмон боло карда бо чашмони хушку димоғи хиррӣ чанде улос кашиду оқибат ором шуд.

Ӯ дар синну сол буд, ки оташи дарди бохтани азизон дар дилаш кундсӯз гашта, оби чашмаш қудрати ҷӯшиданро гум кардаву хушк шуда.

- Аз мазори худамон як каф хок оварда рӯи гӯраш мечошам. Зораву нола мекунам, ки қабул кунад. Ҳам худаш ором шаваду ҳам мурдани мани кампирро осон кунад…

Э хешу табор, мурдаҳоро розӣ кардан мушкил нест, як дуои нек, як каф хок. Войи зиндаҳо! Гадоӣ омадам, нонгадоӣ.

Бачам ҳар шаб дар хобам медарояд. Аз ҳама хиҷил аст. Аз модараш ҳам, аз худову бандаҳош ҳам. Бачаҳош гушнаву зоранд.

Бачаҳоша гушна монда наздаш равам бо кадом чашм ба рӯи бачам нигоҳ мекунам?!

- Худо садақаҳои овардаатона ба арвоҳи ҳафтоду ҳафт пуштатон қабул гардонад!

Пиразан назри шаҳриёни ношиносро бафурҷа даруни халтаи бечорагияш ҷой карда, аз зинаҳо бо мадори асояш шохмола шуд:

- Пиҳилам кунед, бандаҳои худо!

- Пиҳилам кунед, ки ҷонам ба осонӣ барояд. Дар ин дунё ҳама чӣ қарз аст. Давлату савлат ҳам, хайру саховат ҳам…

Миннат нашавад, вақте буд, ки як дунё одама нону обу сарпаноҳ медодам. Дар се дег таом мепӯхтам, бастӣ намекард.

Э войи ҷони бесоҳибаме! Якумр барои кӣ кор кардаму киро нону намак додаму луқмаи охиринамро аз кӣ мегирам.

- Пиҳилам кунед, одамони ношинос, пиҳилам кунед, ки ҷонам осон барояд!

*Кампири Шарофат.*
*ш. Душанбе.*

## *НОМАҲО- ДИЛПОРАҲО*

Ҷанг аз деҳкада дур нарафта навзое писар ба дунё овард. Ин аввалин тифле буд, ки дар деҳа аз оғози ҳаёт мужда медод.

Устои гаҳвоpaтарош, ки гумон дошт, пешаи ӯро низ ҷанг куштааст, тешаи дамгаштаро тез кард ва чунон гаҳворае тарошид, ки бинандагон ангушти ҳайрату аҳсант таги дандон ниҳоданд.

Устои пир гаҳвораро ба навзойи ҷавону тифлаки баъди сари падар ба дунё омада тӯҳфа кард.

Вақте занони гирёну хандон кӯдакро гаҳворабандон мекарданд, ногаҳ диққати ҷамоатро нуқтаи дурахшони банди гоҳвора сӯйи худ кашид. Гаҳвора тир дошт, тири дар як маҳал нуқтаи охирини ҷангро гузошта.

Тире, ки аз захми ниҳонаш дарахти пир рост истода мурда буд…

*Наврӯз.*
*Қаротегин.*

## ОХИРИН ҶАНГИ ТОҶИК!

Хомаҳои кундро
Тез бояд кард
бо теғи ҳақиқат, -
То насозад
шаҳкитоби қисмати фарзонагонро,
Зумрае бебаргу бефарҳанг таҳрир.

Тири мо,
Шамшери мо
фарҳанг хоҳад буд.
Вопасин ҷанге,
Ки тоҷик метавонад кард
андар ҳифзи худ,
Ҷанг
Бо " фарҳанг " - и бефарҳанг
хоҳад буд...

Ориёно!
Эй таҳамтан Рустами фарзандбезор,
Дар набарди зиндадории фари ту,
Модари ту
Дилбари ту
Хунбаҳои сангари хунофари ту
Ман дигар Сӯҳроби қурбонӣ надорам!